НАШРИЕТИ
«ИРФОН»
ДУШАНБЕ 1965

А.

# КУЛЛИЁТ

ИБОРАТ АЗ ПАНҶ ҶИЛД

НАШРИЁТИ «ИРФОН»

# Деҳотӣ

## ҶИЛДИ 1
## НАЗМ

Душанбе 1965

Тоҷик 2
Д 48

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*К. Айнӣ, Ҳ. Аҳрорӣ, Ф. Деҳотӣ,
Раҳим Ҳошим, М. Шукуров*

ТАРТИБДИҲАНДАГОН:
*Фарҳод Деҳотӣ ва Хуршеда Отахонова*

ПРОВЕРЕНО
« » 1976 г.

БИБЛИОТЕКА
Инв. № 422538
Душанбинского Педагогического института
им. Т. Г. Шевченко



*А. Деҳотӣ*

## АЗ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЕТИ БА НОМИ РӮДАКӢ

Абдусалом Деҳотӣ ҳарчанд чун шоир осори зиёде надошта бошад ҳам, дар соҳаҳои гуногуни адабӣ фаъолият нишон дода, мероси гаронбаҳое боқӣ гузоштааст.

Ӯ бо шеъру достон, ҳикояю очеркҳои худ дар инкишофи ин жанрҳо дар таърихи адабиёти советии тоҷик роли муайяне бозидааст. Таърихи тараққии драматургияи советии тоҷикро низ бидуни асарҳои Абдусалом Деҳотӣ тасаввур кардан мумкин нест. Тарҷимаҳои ӯро аз забони русӣ ва забонҳои халқҳои бародарӣ намунаи беҳтарин тарҷимаи бадеӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Дар ҳаёти адабии республика ягон соҳае нест, ки Деҳотӣ дар он фаъолона ширкат накарда бошад. Ӯ яке аз тарғибкунандагони адабиёти классикии тоҷик буда, асарҳои Рӯдакӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигарҳоро ба чоп тайёр кардааст, доир ба эҷодиёти баъзе классикон мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ навиштааст.

Куллиёт асосан аз рӯи охирин маҷмӯаҳое, ки дар вақти ҳаёт будани шоир чоп ва бо қалами худи ӯ таҳрир шудаанд, тартиб ёфтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки Абдусалом Деҳотӣ адиби нисбат ба худ серталаб ва хоксоре буд. Ӯ бисьёр асарҳояшро, ки як бор дар газета ва журналҳо чоп шудаанд, дигар ба маҷмӯаҳо дохил накардааст. Ба тартибдиҳандагон лозим омадааст, ки онҳоро аз матбуоти даврагӣ ҷамъ намоянд.

Дар вақти тартиб додани Куллиёт аз материалҳои архиви Деҳотӣ, ки дар ихтиёри Институт мебошад, истифода карда шудааст.

Куллиёт аз панҷ ҷилд иборат буда, аз рӯи жанрҳои адабӣ тартиб ёфтааст. Ҷилди аввал асарҳои назмӣ, ҷилди дуюм асарҳои драмавӣ, ҷилди сеюм ва чорум наср, ҳикояҳо, очеркҳо, мақолаҳои илмию танқидӣ ва публицистӣ, мактубҳо ва матни нутқҳои нависандаро дар бар мегирад. Ба қисми наср инчунин латифаҳои халқии тоҷик, ки Деҳотӣ ҷамъ оварда таҳрир карда буд, чун асарҳои оригиналӣ дохил мешаванд. Тарҷимаҳои Деҳотӣ ҷилди панҷумро ташкил мекунанд. Ба тариқи мустасно тарҷимаҳои назмӣ, ки чандон зиёд нестанд, ба ҷилди якум дохил шудаанд.

Ҳар як ҷилд аз рӯи хронология тартиб ёфта, дар охири он тавзеҳоти мухтасаре дода шудааст. Эзоҳоти худи муаллиф дар поёни саҳифаҳои дахлдор нигоҳ дошта шудааст.

Бисьёр шеърҳои солҳои сиюм, ки дар маҷмӯаҳои нахустини Деҳотӣ «Меваи Октябрь» ва «Таронаҳои меҳнат» гирд оварда шуда буданд, асосан шеърҳои шогирдона мебошанд ва бинобар ин муаллиф онҳоро дар маҷмӯаҳои минбаъдаи худ дохил накардааст. Ҳарчанд ки ин шеърҳо шогирдонаанд, онҳоро аз Куллиёт берун гузоштан мумкин нест, зеро барои фаҳмидани инкишофи эҷодии ӯ аҳамият доранд. Бинобар ин онҳо дар охири ҷилди якум илова карда шуданд.

Дар охири ҷилди панҷум номгӯи пурраи тамоми асарҳое, ки ба Куллиёт дохил гардидаанд, илова хоҳад шуд.

## АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ

*(Мухтасари тарҷимаи ҳоли эҷодии ӯ)*

Абдусалом Пирмуҳаммадзода Деҳотӣ яке аз он шоироне мебошад, ки онҳо дар солҳои сӣ — давраи пурҷӯшу хурӯши индустрикунонии мамлакат ва коллективонидани хоҷагии қишлоқ ҳамчун шоир ташаккул ёфтаанд ва ба камол расидаанд.

А. Деҳотӣ аз нахустин солҳои фаъолияти адабиаш сар карда тамоми қувваи эҷодиашро ба манфиати халқ, Ватан ва Партияи Коммунистӣ сарф намудааст. Ӯ худро фарзанди садоқатманди халқи заҳматкаш мешуморад ва аз ҳисси ифтихор қалби ӯ ба ҷӯшу хурӯш меояд:

Нозими даври шӯравӣ ҳастам,
Пайрави хатти фирқавӣ ҳастам.
Нашиносам миёни ҷамъият
Ҷуз ҳақиқат — ҳақиқати меҳнат.
Тӯдаи ранҷро зи авлодам,
Дасти меҳнат намуда эҷодам
Роҳи ман шоҳроҳи Ленин аст...

Оре, ягона роҳе, ки А. Деҳотӣ бо он собитқадамона пеш рафта, чун адиби советӣ ба балоғат расид ва камол ёфт, шоҳроҳи Ленин — шоҳроҳи партия мебошад.

А. Деҳотӣ соли 1911 дар қишлоқи Боғи Майдони шаҳри Самарқанд таваллуд ёфтааст. Падараш, ки қолибтарош буд, аз солҳои 1916—1917 бо деҳқонӣ машғул мегардад. Айёми бачагии Абдусалом дар зодгоҳи азизаш мегузарад.

Таҳсили илми А. Деҳотӣ аз 7-солагӣ шурӯъ шуда, аввал чанде дар мактаби кӯҳна ва баъд дар мактабҳои советӣ давом меёбад. Ӯ то соли 1930 дар мактаби дараҷаи якӯм ва дараҷаи дуйӯм хондааст. Истеъдоди нависандагиаш ҳам дар ҳамин мак-

табҳо зоҳир гардидааст. Нахустин хабар, мақола ва шеърҳояш дар донишкадаҳои мазкур навишта шудаанд. Ӯ дар солҳои 1930—1931 (муддати шаш моҳ) дар курси тайёрии Академияи Педагогии РСС Ӯзбекистон низ таҳсили илм намудааст.

А. Деҳотӣ аз соли 1931 то охири умраш дар вазифаҳои гуногуни масъулиятнок кор кардааст. Аввалҳо дар газетаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ва соли 1934 дар шӯъбаи дар Самарқанд будаи Нашриёти Давлатии Тоҷикистон кор кард. Соли 1935 аз Самарқанд ба Душанбе омада, то соли 1938 дар идораи журнали «Барои адабиёти социалистӣ» ба сифати мудири шӯъбаи танқиду китобиёт ва котиби масъул, аз соли 1938 то соли 1940 ба сифати котиби масъули Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон кор кардааст.

Соли 1940, вакте ки нашри журнали «Шарқи Сурх» аз нав шурӯъ шуд, А. Деҳотӣ дар ҳайати таҳририяи он буда, аввалҳо вазифаи котиби масъул ва баъдҳо ҷонишини муҳаррири масъулро адо мекард. Дар солҳои 1941—1950 дар Нашриёти Давлатии Тоҷикистон аввал муҳаррири адабӣ, сонӣ сармуҳаррир шуда кор кард ва дар айни замон се сол ходими илмии Институти таърих, забон ва адабиёти Филиали Тоҷикистонии Академияи Фанҳои СССР ҳам буд. Аз соли 1951 то соли 1953 котиби масъули журнали «Шарқи Сурх», аз соли 1953 то соли 1958 ходими калони илмӣ, муҳаррир-консультанти Институти таърихи партияи назди КМ ПҚ Тоҷикистон ва аз соли 1958 то соли 1961 муҳаррири журнали «Тоҷикистон» шуда кор кард. Ӯ чанд моҳи охири ҳаёташ ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти АФ Тоҷикистон буд. А. Деҳотӣ 31 январи соли 1962 вафот кард.

Абдусалом Деҳотӣ адиби нуктасанҷ ва нозукбаён буда, эҷодиёти серсоҳае дошт. Аз ин ҷост, ки фаъолияти адабиаш фақат бо навиштани ашъор маҳдуд нагардидааст. Ӯ на танҳо шоир, балки насрнавис, драматург, луғатшинос, тадқиқотчии таърихи адабиёти тоҷик ва муаллифи китобҳои дарсӣ низ мебошад.

А. Деҳотӣ ба шеърнависӣ аз соли 1927 шурӯъ кардааст. Шеърҳои аввалини ӯ, ки аз машқҳои шогирдона иборат буданд, дар газетаҳои девории «Партави дониш» (дар мактаби дараҷаи якӯм) ва «Нури Сурх» (дар мактаби дараҷаи дуйӯм) ҷой дода мешуданд.

Аввалин асари бадеии чопшудаи А. Деҳотӣ — ҳикояи «Ҳамидаи сиёҳбахт», ки соли 1929 дар шумораи якӯми журнали

«Раҳбари дониш» дарҷ ёфта буд, ба эҷодиёти ӯ ибтидо гузошт. Нахустин шеърҳояш «Ба муносибати иди ҳаштӯми март» («Имрӯз»), «Навбаҳори заҳматкашон», «Аз испор ба трактор» ва «Ба духтари деҳқон» низ дар ҳамон сол чоп шудаанд. Асарҳои ӯ дар саҳифаҳои газета ва журналҳои тоҷикиву ӯзбекии солҳои сӣ бо имзоҳои «Пирмуҳаммадзода», «Навқалам», «Ҳардамхаёл» ва «Деҳотӣ» чоп шудаанд. Хабару мақолаҳои ӯ бо имзоҳои «Пирмуҳаммадзода» ва «Навқалам» дар газетаи «Овози тоҷик» дар солҳои 1925—1928 зуд-зуд пайдо шуда меистоданд. Агар аввалҳо «Деҳотӣ» имзои махфии шоир бошад, пас аз соли 1930 ӯ онро тахаллуси худ қарор дод.

I

А. Деҳотӣ ҳамчун шоир дар солҳои пеш аз ҷанг ташаккул ёфт. Эҷодиёти ин давраи ӯро ба ду марҳала ҷудо кардан мумкин аст. Солҳои 1929—1934 марҳалаи якӯм ва солҳои 1935—1941 марҳалаи дуйӯмро ташкил медиҳанд. Агар марҳалаи якӯм солҳои шогирдӣ ва машқ бошад, пас марҳалаи дуйӯмро солҳои ҳамчун шоир ташаккул ёфтани ӯ шуморидан мумкин аст.

Маҳсули адабии А. Деҳотӣ дар марҳалаи якӯм аз шеър, ҳикоя ва мақолаҳо иборат аст. Шеърҳои солҳои 1929—1934 дар нахустин маҷмӯаҳои адабиаш — «Меваи Октябрь» ва «Таронаҳои меҳнат» гирд омадаанд.

Агарчи аксари шеърҳои дар ин солҳо навиштаи А. Деҳотӣ ҳанӯз шогирдона буда, характери тақлидӣ доштанд ва аз ҷиҳати бадеият суст буданд, бо вуҷуди ин, ӯ чи бо назм ва чи бо наср асарҳое низ эҷод намуд, ки бо хусусиятҳои идеявӣ-бадеии худ қобили тақдиранд. Нахустин шеърҳои ишқӣ ва ҳаҷвӣ, марсия ва таронаву сурудҳои ӯ аз қабили «Таронаи колхозчиён», «Алвидои ҳуруфи арабчиён», «Хабари пурҳаяҷон», «Зӯри мо», «Видоъ», «Рубоиёт» ва амсоли инҳо дар ҳамон солҳо навишта шудаанд.

А. Деҳотӣ беҳтарин асарҳои индавраи худро дар таҳти таъсири эҷодиёти устодони насру назми тоҷик С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ эҷод намудааст.

Яке аз калонтарин асарҳои манзуми А. Деҳотӣ, ки дар марҳилаи якӯми эҷодиёташ навиштааст, достони «Манзараҳои сегона» (с. 1932) мебошад. Метавон гуфт, ки асари мазкур куллаи назми марҳалаи якӯми эҷодиёти шоирро ташкил медиҳад.

Достони «Манзараҳои сегона» аз се қисм таркиб ёфтааст, ки ҳар як қисми он як шеъри калони тамомшуда буда, ба воситаи ягонагии мавзӯъ ва идеяашон бо ҳамдигар вобастагии узвӣ доранд. Ҳар се қисми асар дар як мавзӯъ — тасвири «баъзе лавҳаҳои ҳаёти дирӯза ва имрӯзаи Самарқанд, Душанбе ва Фарғона» навишта шудаанд.

Дар қисми якӯми «Манзараҳои сегона», ки «Партави Октябрь» номида шудааст, шоир фабрикаи пиллакашии «Ҳуҷум»-и шаҳри Самарқанд, процесси кори коргарон ва меҳнатдӯстии онҳоро тасвир намуда, сипас ба воситаи нақли пирамарде таърихи ҷои бинои ин фабрикаро баён мекунад.

Дар қисми дуйӯми асар, ки «Боғи уммед» ном дорад, гузашта ва ҳозираи пойтахти тоҷикон — Душанбе, ҳаёти пурфоҷиаи пеш аз революция ва зиндагонии хушбахтонаи давраи советӣ тасвир ёфтааст. Шоир агарчи ҳаёти вазнини пешинаи тоҷиконро фақат дар якчанд байт ба таври умумӣ тасвир мекунад, вале ҳаёти саодатмандона ва осудаҳолонаи имрӯзаи онҳоро бо лавҳаҳои боварибахш нишон медиҳад.

Бар зидди республикаи ҷавони тоҷикон бархостани душманони синфӣ, босмачиён ва дигар унсурони зиддихалқӣ дар ин қисми достон то дараҷае пурра инъикос ёфтааст. Шоир муваффақият ва комьёбиҳои дар давраи Ҳокимияти Советӣ ба даст даровардаи халқи тоҷикро тасвир намуда, Тоҷикистонро боғи уммеди мардумони Шарқи мазлум меномад:

Тоҷикистон кунун ба сарҳади Шарқ
Қалъаи сурхи оҳанин гардид.
Баҳри меҳнаткашони беҳади Шарқ
Боғи уммеди дилнишин гардид.

Қисми сейӯми достон — «Кони тиллои сафед» ба тасвири водии Фарғона, мардумони меҳнатдӯсти он ҷо, ба мубориза зидди душманони синфӣ бахшида шудааст.

Ҳамаи он тағйироте, ки дар давраи советӣ дар ҳаёти халқҳои тоҷику ӯзбек ба амал омадаанд, самараи Революцияи Октябрь аст. Чунин аст идеяи асосии достони «Манзараҳои сегона».

Ҷиҳати характерноки марҳалаи якӯми эҷодиёти А. Деҳотӣ аз он иборат аст, ки дар ин марҳала қобилияти нависандагии ӯ нисбат ба назм дар наср беҳтар зоҳир гардидааст. Наср дар эҷодиёти ӯ ҷои асосиро ишғол менамояд. Асарҳои насриаш асосан аз ҳикояҳо иборатанд.

Яке аз мавзуъҳое, ки диққати А. Деҳотиро ба худ бештар чалб намудааст, мавзӯи озодии занон мебошад. Ӯ аз соли аввали фаъолияти адабиаш ба офаридани образи занон кӯшиш кардааст. Чунончи, ҳикояи «Ҳамидаи сиёҳбахт» ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст.

Дар ҳикояи «Ҳамидаи сиёҳбахт» мо инъикоси ҳаёт ва тақдири ҳазорон зану духтарони тоҷикро дида метавонем. Агар қисми якӯми ҳикоя ҳаёти тоқатфарсо ва канизонаи Ҳамидаро тасвир намояд, пас қисми дуйӯми он ба саодат расидани ӯро нишон медиҳад.

Гуфтан мумкин аст, ки дар навишта шудани ҳикояи «Ҳамидаи сиёҳбахт» повести «Одина»-и С. Айнӣ роли ба назар намоёне бозидааст. Ба иборати дигар гӯем, ин повесть ба А. Деҳотӣ дар навиштани ҳикояи мазкур илҳом бахшидааст.

А. Деҳотӣ дар тасвири манзараҳои табиат аз С. Айнӣ таълим мегирад. Ӯ дар ин бобат ба устоди насри тоҷик на танҳо тақлид менамояд (дар ҳикояи «Ҳамидаи сиёҳбахт»), балки эҷодкорона пайравӣ ҳам мекунад. (Чуночи, дар ҳикояи «Доғи фарзанд»). Яке аз муваффақиятҳои эҷодии А. Деҳотӣ ин аст, ки дар тасвири манзараҳои табиат на танҳо калима ва ибораҳои зебову воситаҳои тасвири бадеиро моҳирона ба кор бурда, ҳодисаҳои табиати сеҳрангезро ҳамчун мушоҳидакори дақиқ ба назари хонанда ҷилвагар намудааст, балки санъати қиёсро низ нағз истифода бурда тавонистааст. Далели равшани инро дар мисоли зерин дида метавонем:

«...Гиёҳҳое, ки зимистони дароз аз тарси лашкари барф сар бардошта натавониста хоб рафта буданд, имрӯз чун занону духтарони Шарқ, ки аз зери бори фаранҷӣ ва аз қайди дину хурофот берун меоянд, аз зери хок сар боло карда, рӯи саҳроро зинат медоданд».

А. Деҳотӣ дар ин ҷо аз зери хок сар бардошта дашту саҳроро зинат додани гиёҳҳоро ба зану духтарони аз зери фаранҷӣ ва аз қайди дину хурофот беруномадаи Шарқи озоди советӣ монанд карда, як ташбеҳи хубе офаридааст.

Мубориза ба муқобили дин ва хурофот аз рӯзҳои аввали мавҷудияти Ҳокимияти Советӣ сар карда дар маркази диққати аҳли ҷамъияти советӣ меистод. Ин мубориза махсусан дар солҳои бистӯм ва сийӯм авҷ гирифта буд. Зеро дар он солҳо дин дар байни мардум ҳанӯз таъсири пурзӯре дошт. Ана дар ҳамин солҳо нависандагони тоҷик «инженерони рӯҳи одамизод» будани худро бори дигар дар амал исбот намуданд. Асарҳои зид-

дидинии онҳо дар мубориза ба муқобили хурофот ва дар тарбияи коммунистии халқ роли бузург бозиданд.

Ҳикояҳои ҳаҷвии Деҳотӣ «Қурбони лайлатулқадр», «Мактуби охирин» ва «Аҷинаҳо» аҳамияти калони сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва тарбиявӣ доштанд.

Ҳикояи «Қурбони лайлатулқадр» аввалин асари ҳаҷвии А. Деҳотӣ аст. Дар ин ҳикоя ӯ, агар, аз як тараф, ҳарисии Қурбон-Сарроф барин типҳои манфиро ҳаҷв намояд, аз тарафи дигар, бардурӯғ будани даъвоҳои мулло, шайх ва эшонҳоро беамон фош мекунад.

Қурбон-Сарроф аз он одамонест, ки симу зарро аз ҷон азизтар медонанд ва баробари торафт бойшавӣ ҳирси молпарастиашон низ меафзояд. Саъдӣ ин хислати зарпарастонро ҳаҷв намуда, гуфта буд:

> Он шунидастӣ, ки дар Саҳрои Ғур
> Борсолоре бияфтод аз сутур.
> Гуфт: — Чашми танги дуньёдорро
> Ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр.

А. Деҳотӣ ба образи Қурбон-Сарроф образи мусбати Собир-Сағиракро муқобил мегузорад. Собир дар асар ҳамчун як шахси оқил, бадбинандаи дину хурофот ва рӯҳониёни мутаассиб намудор мегардад.

Ҳикояи дигари А. Деҳотӣ «Мактуби охирин» яке аз беҳтарин асарҳои ҳаҷвии ондавраи ӯ буда, боқимондаҳои ҷамъияти бой-феодалӣ — эшонҳо ва «каромотҳо»-и онҳоро ҳаҷв карда, сирру асрори онҳоро фош менамояд.

Мавзӯи ҳикояи ҳаҷвии «Аҷинаҳо» низ мубориза ба муқобили дину хурофот ва фош намудани ҳилаю найрангҳои аҳли дин аст.

Нависанда дар ин ҳикояи худ бо лавҳаҳои боварибахш дурӯғ ва беасос будани даъвои шайх ва муллоҳоро фош мекунад. Киноя, писханд, сарказм барин элементҳои жанри ҳаҷв дар ҳикояи мазкур ҷои асосиро ишғол менамоянд. Нависанда бо ёрии онҳо рӯҳониёнро сахт ҳаҷв кардааст. Порчаи зерин ба ин мисоли равшан шуда метавонад:

«...Йигитҳои шӯх ба якдигарашон гапҳои ҳазломез парронда ба роҳ даромаданд:

— Теша, лекин эҳтиёт шав-дия. Боз аз пеши мазор гузашта истода, ягон бало карда ба базми аҷинаҳо афтида намонӣ!

— Қошкӣ ҳамон хари бақуввати явошакаки Муллоамак гуфтагӣ ҳамин вақт аз пешамон мебаромад, ақаллан то боға савор шуда мерафтем. Баъд гум шавад ҳам, майлаш буд!

— Лекин ба вай савор шуда, поята шал шуда монданаш бад будааст-дия!

— Мутаваллибобо,— гуфт боз яки дигараш хандида,— аз ҳамон моҳии духтар мешудагӣ ба мо чор-панҷта дошта намедиҳед-мӣ, як тамошо куием?

— Моне, бедард!— гуфт яке аз косибон, фавран бо истеҳзо,— як дақиқа духтар тамошо мекунам мегӯию, аждаҳо шуда печонда гирад, чӣ кор мекунӣ? Пули бисьёри ҳаромат ҳам нест, ки гӯсфанд-пӯсфанд худой карда халос шавӣ!.

Муллоқамбар ва Мутаваллӣ дар зери калтакҳои киноя ва писхандкуниҳои косибон тулум барин варам карда, гап назада шиштан гирифтанд».

Ҳикояи мазкур на танҳо аз ҷиҳати шаклу мундариҷа ва идеяи худ, балки аз ҷиҳати услуб ва забон низ шоёни диққат аст. Нависанда ибораю ифода ва мақолу зарбулмасалҳои халқиро дар мавридҳои мувофиқ моҳирона истифода карда тавонистааст. Ин далели равшани он аст, ки А. Деҳотӣ дар баробари такмил додани маҳорати нависандагиаш, ба омӯхтани эҷодиёти даҳанакии халқ низ ҷиддӣ шуғл дошт.

Хулоса, дар марҳалаи якӯм дар эҷодиёти А. Деҳотӣ жанри ҳаҷв мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Асарҳои ҳаҷвии дар ин марҳала иншонамудаи ӯ аз ташаккул ёфта истодани маҳорати ҳаҷвнависиаш шаҳодат медиҳанд.

Марҳалаи дуйӯми эҷодиёти давраи пешазҷангии А. Деҳотӣ бо он характернок аст, ки дар эҷодиёти ӯ доираи мавзӯъ ва жанрҳо беш аз пеш васеътар мешавад. Ӯ дар ин марҳала дар баробари эҷод намудани асарҳои манзум ва мансур, дар навиштани асарҳои драмавӣ низ кӯшиш мекунад. Ва қариб ҳамаи ин асарҳо дар маҷмӯи адабии дигараш «Шеър ва ҳикояҳо» (с. 1940) гирд оварда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар эҷодиёти индавраи А. Деҳотӣ лирика мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Лирикаи ӯ аз шеърҳои ишқӣ, рубоиҳо, ғазал ва маснавиҳои гуногунмавзӯъ, таронаву сурудҳо ва ашъори дар васфи табиат гуфташуда иборат аст.

Дар шеърҳои ишкии А. Деҳотӣ муҳаббати соф ва поки инсони советӣ ситоиш карда мешавад. Ӯ зиндадилӣ, шодкомӣ ва

фархундагии ёрро месарояд. Шоир аз саодатмандию нексиратии маҳбуба меболад ва аз ҳисси ифтихор дили ӯ ба ҷӯшу хурӯш меояд:

Хушном бизӣ, ки бар ҳаётат нозам,
Аз фахр сарамро ба само афрозам.
Шеъриятам ояду чунон бинвисам,
Қ-аз номи ту сафҳаи ҷаҳон пур созам.

Шеъри «Ба як даста бунафша» аз ҷумлаи беҳтарин шеърҳои дар васфи табиат эҷоднамудаи А. Деҳотӣ мебошад. Агар мо ин шеърро таронаи инсони озод номем, хато намекунем. Дар шеъри мазкур шоир табиатро пайваста бо тақдиру ҳаёти занону духтарони озоди советӣ, ки барои Шарқ намунаи ибратанд, дарк кардааст. Мисоли равшани инро дар байтҳои зерини шеър, ки дар онҳо шоир ба бунафша муроҷиат мекунад, дида метавонем:

Ту зи гулҳои даври нав омӯз
Хандаю қадкашию авҷу барор!
Ёд дорӣ, ки духтарон буданд
Дар замони гузашта хастаю хор,
З-он сабаб мисли ту буданд мудом:
Лоғару сархаму хиҷолатдор...
Бингар акнун, ки духтарон шудаанд:
Сарфарозу далеру санъаткор.
Ту аз инҳо дуруст ибрат гир,
Чеҳра бикшой, ханд, сар бардор!

А. Деҳотӣ ин шеърро дар моҳи марти соли 1935 навишта буд, ки дар он давра аҳамияти калони ташвиқотӣ ва тарбиявӣ дошт. Дар шеъри мазкур идеяи озодии занон ва духтарони тоҷик, ки дар гузашта дар қайди зулму истибдод ва ҷаҳолат азобу шиканҷа медиданд, тараннум карда мешавад.

Мавзӯи муҳаббат ба Ватан мавзӯи наҷиб ва олимақоми адабиёти советист. Ватандӯстии советӣ қувваи тавонои ҳаракатдиҳандаи ҷамъияти мост. А. Деҳотӣ дар мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ бисьёр шеърҳои хубу марғуб гуфтааст. Шеъри «Ба модар — ба Ватан» намунаи беҳтарини шеърҳои дар ин мавзӯъ эҷодкардаи ӯ мебошад.

Шеъри «Ба модар — ба Ватан» яке аз машҳуртарин шеърҳои лирикии А. Деҳотӣ буда, қариб ба ҳамаи хрестоматияҳои мактабҳои тоҷикӣ дохил шудааст. Дар шеъри мазкур ҳиссиёти гарму ҷӯшони шоир бо маънии ҳақиқии Ватан пайваст шудааст. Шоир Ватани худро ҳамчун гражданини советӣ аз самими дил дӯст медорад ва онро модари навозишкору мушфик меномад:

Устухонам гашта сахт аз кӯдакӣ бо шири ту,
Рустам озод аидар ин оғӯши оламгири ту,
Ёфтам авҷу камоли нав зи ҳар тадбири ту,

Модари мушфиқ туӣ бар насли заҳмат, эй Ватан!
Медиҳам дар ҳифзи ту, гар лозим ояд, ҷону тан!

Сифатҳои барҷастаи Ватан дар мушфиқ, ғамхор, бомурувват ва навозишкор будани вай ифода ёфтааст. Шоир Ватанро бе ин хислатҳои наҷиб тасаввур карда наметавонад. Ӯ Ватани социалистии моро на танҳо ҳамчун давлати пуркудрат, балки ҳамчун сарзамини зебову дилпазир, ҳамчун умедгоҳи меҳнаткашони дуньё ва маркази сулҳу осоиши мардуми олам низ тасвир мекунад, дар ҳифзи он ҷон фидо карданро кори пуршараф медонад:

Маркази уммедбахши мардуми олам туӣ!
Маскани осоиши ҳар зодаи одам туӣ!
Олами заҳмат биҳиште дораду он ҳам туӣ!

Модари мушфиқ туӣ бар насли заҳмат, эй Ватан!
Медиҳам дар ҳифзи ту, гар лозим ояд, ҷону тан!

А. Деҳотӣ ба суруднависӣ ҳам дар ҳамин марҳалаи эҷодиёташ шурӯъ намудааст. Ҳанӯз аввалин таронаву сурудҳои ӯ, монанди «Мамлакати мо», «Дӯстӣ» ва «Машъали Қутби Шимол» аз маҳорати дар нашъунамои ин шоири лирик шаҳодат медоданд.

Дар нимаи дуйӯми солҳои сиюм А. Деҳотӣ дар навиштани асарҳои драмавӣ низ қувваозмоӣ мекунад. Фаъолияти тарҷимониаш ҳам дар ҳамин давра сар шудааст.

А. Деҳотӣ дар ин солҳо бо дигар шоирони тоҷик ҳамқаламӣ карда, як қатор асарҳо навиштааст. Ва ин ҳамкорӣ, бешубҳа, ба инкишофу нашъунамои истеъдоди ӯ кӯмаки калон расонид.

Яке аз комьёбиҳои намоёне, ки А. Деҳотӣ дар ҳамқаламӣ бо М. Турсунзода ба даст овардааст, либреттои «Шӯриши Восеъ» мебошад.

А. Деҳотӣ ва М. Турсунзода ба навиштани ин либретто дар моҳи ноябри соли 1937 шурӯъ намуда, варианти якӯми онро дар миёнаҳои соли 1938 ба итмом расониданд. Бори аввал операи «Шӯриши Восеъ» 16 октябри с. 1939 дар театри опера ва балети тоҷик ба саҳна гузошта шуд.

Достони халқи заҳматкаш дар бораи Восеъ, нақлу ривоятҳои кӯҳансолон — шоҳидон ва иштироккунандагони шӯриш ва ниҳоят як қатор корҳои тадқиқотӣ (мақолаҳо дар бораи он шу-

риш) — чунин аст сарчашмаҳои асосие, ки муаллифон дар навиштани либреттои «Шӯриши Восеъ» аз онҳо истифода бурдаанд.

Либреттои мазкур асосан воқеаи таърихии нимаи дуйӯми асри XIX — шӯриши деҳқонон ва косибони тоҷикро бар зидди истибдоди амирӣ инъикос менамояд. Шӯриши Восеъ яке аз калонтарин шӯришҳои деҳқонони кӯҳистони тоҷик ба муқобили зулму тааддии беандозаи бойҳо ва беку ҳокимон мебошад, ки дар замони ҳукмронии амир Абдулаҳад ба вуқӯъ омада буд.

А. Деҳотӣ ва М. Турсунзода пас аз заҳмати зиёд ва меҳнати дуру дароз либреттои «Шӯриши Восеъ» — либреттои аввалин операи тоҷикро ба майдон оварданд.

Дар ин асар як қатор образҳои мусбат ва манфиро дучор мекунем, ки аксарияти онҳо дар ҳаёт прототипҳои худро доштанд. Чунончи, Восеъ, Назир, Нозим, Гулъизор, Қасир ва монанди инҳо шахсҳои таърихианд.

Қаҳрамони марказии либретто Восеъ мебошад. Восеъ шахси ватандӯст, инсонпарвар, шуҷоъ ва дорои хислатҳои наҷиб аст. Вай низ монанди ҳамватанонаш ҷабру зулми бисёр дидааст. Хислати ватанпарварӣ ва душманбадбинӣ Восеъро то ба дараҷаи сардории шӯриш оварда расонд. Восеъ ягона роҳи халосии халқро дар мубориза оштинопазири он бар зидди ҳукуматдорон мебинад ва халқро ба шӯриш даъват мекунад, дар роҳи мубориза барои озодӣ, ҳақиқат ва адолат ҷони худро нисор менамояд.

Восеъ саодати худро дар саодатмандии халқ мебинад ва ҳамин ҳиссиёти халқдӯстӣ дар мубориза ба вай илҳом мебахшад. Ӯ барои озодии халқ мубориза бурданро вазифаи боифтихори худ мешуморад:

> Вале минбаъд ҳам то зинда ҳастам,
> Ман ин шамшер нагзорам зи дастам!
> Қасосамро зи душман меситонам,
> Фақиронро зи ҷабраш мераҳонам!

Восеъ на танҳо сардор, роҳбар ва пешвои шӯришчиён аст, балки дар айни замон дӯсти мушфиқ ва бародари ҷонии ҳар як деҳқони ҷабрдида низ мебошад. Ӯ дар тамоми корҳои худ ба халқ такья мекунад ва дар шахси он пуштупаноҳи худро мебинад.

Образҳои Бобо, Назир ва Гулъизор ҳам дар асар мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Чунончи, Бобо ҳамчун шахси зиндадил, мушфиқ ва баматонат тасвир ёфтааст; ӯ нисбат ба дӯс-

тон меҳрубон буда, нисбат ба озордиҳандагони халқ адовати бепоён дорад.

Образи Гулъизор низ ҷолиби диққат аст. Ӯ дар асар ҳамчун духтари боҷасорат ва маҳкамирода тасвир ёфтааст. Гулъизор дар роҳи расидан ба мақсад устувор ва собитқадам аст. Устуворӣ ва нисбат ба маҳбубаш Назир садоқатманд будани Гулъизор дар диалоги ӯ бо ҳоким алалхусус равшан зоҳир гардидааст. Чунончи, ӯ бо қаҳру ғазаб ба ҳоким мегӯяд:

Аз молу давлати ту
Ҳастам ҳазор безор,
Танҳо ба ман ҳаёти
Тинҷи фақирӣ даркор!
Тарсонданам натонӣ
Бо дӯғ як сари мӯй,
Ҳар кор, ки бихоҳӣ,
Кардан гир, эй ҷафоҷӯй!

Дар либреттои «Шӯриши Восеъ» ба ғайр аз мавзӯи асосӣ (муборизаи деҳқонон ва косибони кӯҳистони тоҷик бар зидди зулму тааддии давраи амирӣ), мавзӯи дигар — мавзӯи муҳаббат ва садоқатро низ мебинем. Тасвири муҳаббати поку беғубори Назир ва Гулъизор ва дар роҳи ишқ ба ҳамдигар содиқ будани онҳо дар асар ҷои ба назар намоёнро ишғол менамояд.

Хулоса, либреттои «Шӯриши Восеъ» яке аз дарьёфтҳои пурбаҳои на танҳо муаллифони он, балки драматургияи советии тоҷик ҳам мебошад.

## II

Адабиёти советӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ягонагии сиёсӣ-маънавӣ ва моддии халқи советиро ба таври васеъ инъикос мекунад. Нависандагони советӣ чи дар фронт ва чи дар ақибгоҳ тамоми қувваи худро барои ғалабаи мо бар зидди душман сарф мекарданд. Онҳо дар асоси талаботи методи реализми социалистӣ образи одами нав — бунёдкори ҷамъияти навро, ки ба даст яроқи ҷангӣ гирифта, бо душман меҷангид, нишон медоданд.

Яке аз он шоирони советии тоҷик, ки дар ақибгоҳ истода бо қалами буррои худ бар зидди душман меҷангиданд, А. Деҳотӣ буд. А. Деҳотӣ аз рӯзҳои аввали ҷанг сар карда дар шеърҳояш идеяҳои дӯстии халқҳо, ватанпарварӣ ва қаҳрамониро тараннум менамояд. Муҳаббати гарму ҷӯшони Ватан ва садоқатманд будан ба он, бо тақдири он як намудани тақдири худ, нафрати


БИБЛИОТЕКА
Инв. №
Душанбинского Пединститута

бепоён нисбат ба хасми манҳус ва ғазаби интиқомгирии халқи советӣ аз душман — ин аст мундариҷаи асосии эҷодиёти индавраи А. Деҳотӣ.

Аксарияти шеърҳои дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҷоднамудаи А. Деҳотӣ дар маҷмӯаи «Шеърҳои мунтахаб» (с. 1945) гирд оварда шудаанд.

Бисьёр нависандагони советӣ дар рӯзҳои нахустини ҷанг дар асарҳои худ ба яғмогарони фашистӣ лаънатҳо механданд ва халқро ба мудофиаи Ватан даъват менамуданд. Яке аз онҳо А. Деҳотӣ ҳанӯз дар рӯзи дигари саршавии ҷанг «Бархез» ном шеъре навишта, дар он халқи советиро ба муборизаи зидди истилогарони немис даъват мекунад:

Халқи Ватани азиз, бархез!
Хунҳои сиёҳи хунхӯрон рез!
Бо меҳру муҳаббати Ватан хез!
Дар ҳифзи диёр — ҷону тан хез!

А. Деҳотӣ халқро ба мубориза даъват намуда истода, изҳори боварӣ менамояд, ки душман мағлуб ва несту нобуд хоҳад шуд. Чунончи, шоир дар шеъри «Имрӯз ва фардо» мегӯяд:

Яқин аст ин, ки фардо сарбасар ин лашкари хунин
Ба монанди малах дар марзаи мо мешавад нобуд.
Дар он дам мо, ки байроқи зафарро мебарафрозем,
Худи Гитлери малъунро ба хокаш гӯр месозем.

А. Деҳотӣ дар давраи ҷанг як қатор асарҳои баландғояи ҳаҷвӣ ва лирикӣ навиштааст. Дар ин гуна шеърҳояш, агар аз як тараф, гитлерчиёни нобакор ва бенатиҷа мондани азму кӯшишҳои онҳо ҳаҷв карда шуда бошанд, пас, аз тарафи дигар, ҳиссиёти баланди муҳаббат ва вафодорӣ, боварӣ ба ғалаба, муҳаббати гарму ҷӯшон нисбат ба Партияи Коммунистӣ ва Ватани социалистӣ ифода ёфтаанд. А. Деҳотӣ дар ин давра «Хас каму ҷаҳон пок» ва «Ба тухми лашкари Гитлер қирон омад, қирон омад!» барин шеърҳои машҳури худро эҷод мекунад.

Шеъри «Хас каму ҷаҳон пок» ба тасвири эпизоде бахшида шудааст, ки мазмуни басо диққатангезе дорад. Боре ба шаҳри Берлин поезде омад, ки навад вагон дошт ва аз хоки СССР бармегашт. Ҳангомаҷӯён ба сӯи поезд давиданд. Ҳозирон шодӣ мекарданд. Онҳо чунин мепиндоштанд, ки «фюрер» ба халқи худ тӯҳфаи солинавӣ карданист. Ҳар кас дар ин бора фикру мулоҳизаи худро баён мекард ва ғарқаи хаёлоти ширин буд. Даҳонҳо бо гӯшҳо харифона мехӯрданд:

Хуллас, ки бо ин гуфтугӯ
Буданд мардум шодмон.
Рафтанд лабҳо пушти гӯш.
Шорид ҳам оби даҳон...

Аммо ҳамаи вагонҳо пур аз аскарони сармозадаи немис буданд. Шоир дар тасвири ҳолу аҳволи хандаовари аскарони «номии» Гитлер воситаҳои пурқудрати каломи бадеиро моҳирона ба кор бурда, образҳои хубе офаридааст:

Аз солдати сармозада
Пур — лаб ба лаб буд ҳар вагон...
Поҳои баъзе аз варам
Чун кундаҳои покафон,
Ҳамранги боимҷон шуда
Бинии баъзе «ориён».
Баъзе саропо чун тулум
На калла дорад, на миён...

На танҳо аскарони сармозада, балки ҳангомаҷӯёни даҳаньяла низ объекти тамасхури шоир қарор гирифтаанд:

Ҳангомаҷӯён ҳам пакар,
Бар об афтид латташон.

А. Деҳотӣ дар шеъри «Хас каму ҷаҳон пок» воқеаро ба андозае ҳис мекунад ва ба андозае моҳирона тасвир менамояд, ки хонандаро ҳам ба дидан ва ҳис кардани он воқеа водор мекунад. Шоир воқеаи тасвиршавандаро ба назари хонанда ҳамчун воқеаи реалӣ муҷассам менамояд, ки ин шеърро боз ҳам таъсирбахштар кардааст. Воқеаи тасвиркардаи шоир хонандаро ба ҳаяҷон меорад ва мутаассир мегардонад. Қудрат ва қимати шеъри «Хас каму ҷаҳон пок» низ маҳз дар ҳамин аст.

Гитлер бо армияи бисьёршумор ва сар то по мусаллаҳи худ ба мамлакати мо ҳамла оварда, ба тамоми олам ҷор меандохт, ки СССР-ро дар як муддати кӯтоҳ маҳв хоҳад кард. Аммо ин хаёлҳои хоми ӯ буданду бас.

Армияи Советӣ ба истилогарони фашистӣ зарбаҳои ҳалокатовар дода, ба сафи онҳо рахнаҳо зад ва бо ҳамин нисбат ба армияи Гитлер бартариҳои беназир доштани худро исбот намуд. Гитлер сабабҳои шикастхӯриҳои худро бо баҳонаҳои гуногун, монанди сахтии зимистони Россия, рӯпӯш карданӣ мешуд. Вале ин шикастхӯриҳои ӯ сабабҳои дигар — сабабҳои объективӣ доштанд ва ин сабабҳо ба ҳама маълум буданд.

А. Деҳотӣ дар шеъри «Ба тухми лашкари Гитлер қирон омад, қирон омад!» Гитлер ва планҳои хаёлии онро ҳаҷв намуда, ба ҳоли гитлерчиён — «ориёни покнажод» механдад:

Даме ки лашкари Гитлер
Ба сӯи Москва метохт,
Вай аз мағрурию мастӣ
Ба олам ҷор меандохт.
Қӯшуни сурхи мо он гоҳ
Чунон ҳам торумораш сохт,
Ки он: «Дод аз зимистон, дод!» —
Гӯён дар фиғон омад.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ жанри лирика дар назми советии тоҷик, чун дар назми ҳамаи халқҳои Иттифоқи Советӣ, мавқеи алоҳидаро ишғол мекард. Шеърҳои лирикии шоирони тоҷик халқро дар рӯҳи ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, фидокорӣ ва боварии комил доштан ба ғалаба тарбия мекарданд, ба одамони советӣ дар мубориза барои торумор намудани истилогарони немис илҳом мебахшиданд. Дар эҷодиёти шоирони тоҷик, аз он ҷумла А. Деҳотӣ, дар ин солҳо асосан лирика тараққӣ кард. Ӯ дар давраи ҷанг «Меҳмон мекунӣ ё не»?, «Ту ҳам ёде бикун аз ман», «Интизор бош!» ва «Дар интизорам» барин чанд шеъри лирикӣ навиштааст, ки аз онҳо ду шеъри охир хеле машҳур аст.

Адиби маъруфи рус К. Симонов ҳанӯз дар соли якӯми ҷанг «Интизор бош!» ном шеъри лирикие эҷод намуд, ки он дар байни халқ хеле машҳур гардида, вирди забонҳо шуда буд. Ба равияи ин шеър шоири тоҷик М. Миршакар шеърҳои «Макун фаромӯш» ва «Фаромӯшат нахоҳам кард»-ро навишт. А. Деҳотӣ низ ба шоири рус пайравӣ намуда, шеърҳои «Интизор бош!» ва «Дар интизорам»-ро эҷод кард. Вале ҳаминро бояд қайд намуд, ки А. Деҳотӣ ба К. Симонов на танҳо пайравӣ намуду бас, балки аз худ ба он чизе афзуд. Чунончи, агар шеъри аввали ӯ дар пайравӣ ва равияи шеъри К. Симонов навишта шуда бошад, пас шеъри дуйӯм тамоман нав аст.

Шеърҳои номбаршудаи А. Деҳотӣ ба тариқи нома навишта шудаанд, ки дар адабиёти солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Ватандӯстӣ, вафодорӣ, садоқат ва муҳаббати поку самимӣ мазмуни асосии ин шеърҳоро ташкил медиҳанд.

А. Деҳотӣ дар шеъри «Интизор бош!» ҳиссиёти ҳароратангези ошиқ — ҷанговари тоҷикро, ки ярок дар даст бар зидди душмани хонумонсӯз меҷангид, бо образҳои ҳаяҷонбахш ифода менамояд. Меҳру муҳаббати ёр дар рӯзҳои ҷанг, дар байни ота-

шу хун ба ҷанговари советӣ ҷасорат, қувват ва матонат мебахшид, ӯро ба корнамоӣ рӯҳбаланд мекард.

**Дар байни дуду оташу ғавғои корзор**
**Ҳар лаҳза пеши дидаам акси ту ҷилвагар,**
**Дар рӯзҳои даҳшату шабҳои пурхатар**
**Меҳрат сабот медиҳаду азми устувор.**

Ошиқ-ҷанговар Ватанро, чун маҳбубаи азизаш, дӯст медорад ва тайёр аст дар роҳи ҳифзи он ҷони худро нисор кунад. Ӯ аз мушкилиҳо наметарсад, аз душман ҳаросе надорад, ба даррасидани рӯзи ғалаба ва васли маҳбубаи худ эътимоди калон дорад.

Дар шеъри «Дар интизорам» шоир аз номи маҳбубаи содиқ ва ғамхору мушфиқ интизории падару модарон ва хоҳару арӯсонро ифода намуда, рӯҳияи онҳоро кушода додааст. Дар ин шеър ҳиссиёти гарму ҷӯшони нисбат ба ҷанговарони советӣ доштаи оилаи советӣ изҳор карда шудааст. Ситоиши мустаҳкамии аҳду паймон ва сидқу вафои бемонанди инсони нексирати советӣ мағзи ин шеърро ташкил медиҳад. Чунончи, маҳбуба хитобан ба дилдодаи худ мегӯяд:

**Он рӯз, ки модарам маро зод,**
**Бо шири вафош тарбият дод.**
**Гар аҳду вафо барорам аз ёд,**
**Он шири сафед заҳри ман бод!**
**То ҷон ба тан аст, дар забонам,**
**Ҷуз номи ту дигаре наронам!**

Ба ҳамин тариқ, шеърҳои «Интизор бош!» ва «Дар интизорам» аз қабили беҳтарин шеърҳои лирикии А. Деҳотӣ буда, мазмуни баланду идеяи барҷаста доранд ва ба хонанда кайфияти бадеӣ мебахшанд.

Чунон ки маълум аст, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар соҳаи адабиёти бадеӣ номанависӣ хело ривоҷу равнақ ёфта буд. Дар ин соҳа ҳатто манзумаҳо ба вуҷуд омаданд. Асари А. Деҳотӣ ва М. Турсунзода «Барои Ватан!» аз ҳамин қабил манзумаҳост.

Калимаи **интиқом** дар солҳои ҷанг вирди забони ҳар як ҷанговари мо гардида буд. Ситонидани интиқом аз гитлерчиёни ғаддор барои занон, бачагон, тифлон ва пирони қурбоншуда — ин буд шиори ҳар як ҷанговари советӣ. Калимаи **интиқом** ҳар як дили покро ба ҷӯшу хурӯш меовард:

Гашт баланд аз ҳама дил як калом
То ба фалак шуълазанон:
Интиқом!
Баҳри ҳама бегунаҳон интиқом!
Куштаю қурбоншудагон интиқом!
Баҳри Ватан, баҳри зафар интиқом!
Баҳри халосии башар интиқом!

Одамони мо биму ҳарос гуфтанӣ чизро намедонанд. Онҳо ҳар лаҳза тайёранд дар роҳи истиқлолияти Ватани ҷоночони худ, монанди аҷдодҳои диловар ва номдорашон, то қатраи охирини хун ҷонбозӣ кунанд.

Дар давраи ҷанг ин гуна манзума-номаҳо аҳамияти калони тарбиявӣ доштанд ва ҷанговаронро ба мубориза зидди фашизм рӯҳбаланд мекарданд. Манзумаи «Барои Ватан!» илова ба аҳамияти тарбиявӣ доштанаш, аз ҷиҳати забон ва услуб низ ҷолиби диққат аст.

Яке аз ҷиҳатҳои хуби манзумаи мазкур боз ин аст, ки дар он идеяҳои ватандӯстӣ, мардӣ ва диловарӣ тарғиб карда шудааст. Чунончи, дар бораи мардӣ мехонем:

Мард ҳамон аст, ки вақти масоф
Ваъдаи худро нанамояд хилоф.

Ё худ дар бораи далерӣ чунин байтро мехонем:

Шарти бузургӣ, ки далерӣ бувад,
Душмани қаттоли асирӣ бувад.

Ва боз:

Ҳар кӣ далер аст, нагардад ғулом,
Зиндаю озод бимонад мудом.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ А. Деҳотӣ фаъолияти тарҷимонии худро давом дод. Ӯ дар ин давра бештар ва асосан ба тарҷимаи масалҳои Крылов машғул шудааст. А. Деҳотӣ дар солҳои 1942—1944 як қатор масалҳои ин шоири бузургро ба тоҷикӣ тарҷима кардааст. Чунончи, «Баргҳо ва решаҳо», «Маймун ва айнак», «Саъва ва кафтар», «Биёбонӣ ва хирс», «Деҳқон ва мор», «Ду саг», «Гург ва турна», «Роҳгузарон ва сагон», «Дарахтзор ва оташ», «Хурӯс ва дурдона» аз ҳамин қабиланд. Ин масалҳо бо забони равону салис ва пуробуранг тарҷима карда шудааст. Мутарҷим кӯшиш намудааст, ки тамоми колорити онҳоро дар забони тоҷикӣ диҳад. Ва ин ба ӯ муяссар шудааст.

## III

Адабиёти советии тоҷик дар солҳои баъд аз ҷанг ҳам аз ҷиҳати миқдор ва шакл, ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва идея муваффақиятҳои калон ба даст овард. Беҳтарин асарҳои нависандагони тоҷик дар ҳамин давра навишта шудаанд.

Эҷодиёти А. Деҳотӣ низ дар ин давра гул-гул шукуфт ва нашъунамо ёфт. Дар арсаи адабиёт ӯ бо як қатор асарҳои қобили тақдир баромад намуд. Маҳсули индавраи ӯ аз ашъор, очерку ҳикоя ва асарҳои драмавӣ иборат аст. Аксари ин асарҳо дар маҷмӯаҳояш «Асарҳои мунтахаб» (с. 1949), «Ҳадья ба хурдтаракон» (с. 1954), «Асарҳои мунтахаб» (с. 1957), «Идёт проточная вода» (с. 1957), «Ҳаёт қадам мезанад» (с. 1961), «Бунафша» (с. 1963) гирд оварда шудаанд.

Мубориза барои ҳосили фаровони пахта, дӯстии халқҳо, васфи Ватан ва Партияи Коммунистӣ, муҳофизати сулҳу амният ва фош намудани оташдиҳандагони ҷанги нави ҷаҳонӣ — чунин аст тематикаи мухтасари шеърҳои индавраи А. Деҳотӣ.

Чунон ки маълум аст, ҷиҳатҳои асосии эҷодиёти А. Деҳотиро лирика ва асарҳои барои бачагон навишташуда ташкил мекунанд. Ин ду ҷиҳати эҷодиёти ӯ алалхусус дар давраи баъд аз ҷанг ба пояи баланди нашъунамо расиданд.

Асарҳои лирикии А. Деҳотӣ, ки рӯҳи тоза дошта, бо забони салису дилчасп ва дар мавзӯъҳои муҳим навишта шудаанд, аз ҷиҳати шакл низ басо диққатангезанд.

Дар ин гуна шеърҳои ӯ фикрҳои баланди таъсирбахш ва ҳиссиёти пурҳарорат хеле барҷаста ифода ёфтаанд.

Шеърҳои лирикии А. Деҳотӣ асосан дар шакли ғазал, рубоӣ, маснавӣ, мураббаъ, мухаммас, мусаддас ва ғайра гуфта шудаанд. Вале баъзе шеърҳои ишқии ӯ, бо вуҷуди дар шакли маснавӣ навишта шуданашон, чи аз ҷиҳати гузориши масъала ва чи аз ҷиҳати ифодаи фикр бештар ба ғазал наздикӣ доранд. «Аввалин гул шукуфт» ном шеъри ӯ аз ҳамин қабил аст. Шеъри мазкур, ки аз 9 байт таркиб ёфтааст, аз ҷиҳати қофиябандӣ маснавӣ буда, аз ҷиҳати тарзи баён ва усули тасвир ба ғазал шабоҳат дорад.

Шоир дар ин шеъри худ идеяи наҷиби дӯстӣ ва меҳру муҳаббатро тараннум мекунад. Сайри гул, мегӯяд, ӯ, бе дӯст хуш ва ҳаловатбахш нахоҳад буд:

> Ваъдаи сайри гул ба ёдат ҳаст?
> Инак он фурсат омадаст ба даст.

Сайри гул нест дилкушо бе дӯст,
Интизорам, даме биё, эй дӯст!

Гул бипошам ба роҳи рафторат,
Байт хонам ба шавқи дидорат.

Дар ашъори А. Деҳотӣ мавзӯъҳои сиёсию иҷтимоӣ беҳтар ва барҷастатар ифода ёфтаанд. Чунин шеърҳои дар ин мавзӯъҳо эҷоднамудаи ӯ, монанди «Бар зидди таҳқиркунандагони номи Фирдавсӣ», «Ҷавоб ба дӯсти зиндонӣ» ва «Ба ҳофизи мубориз Поль Робсон», дар қатори беҳтарин шеърҳои лирикии шоирони советӣ меистанд.

Соли 1948 ҳукумати иртиҷоъпарасти Эрон пас аз фурӯ нишондани ҳаракати озодихоҳонаи халқи мазлуми Озарбойҷони Эрон ба яке аз кӯчаҳои шаҳри Ризоия, ки пеш номи Фирдавсиро дошт, номи яке аз ҷаллодон, нобудкунандаи даҳҳо арбобони ҳаракати озодихоҳӣ генерал Зангинаро гузошт. Ин ҳодиса қаҳру ғазаби тамоми дӯстдорони озодӣ ва маданиятро шӯълавар намуд.

А. Деҳотӣ ин кирдори нафратовари душманони адолат ва ҷанобони маърифатбезорро беамон фош мекунад. Ӯ ҳисси нафрати дӯстдорони тамаддунро ифода намуда мегӯяд:

Ба ҷон шоири даҳ аср — қотили гузаро...
Магар ба ақл писанд аст ин мубодила? На!
Кӣ буд шоири «Шоҳнома»? Кист Зангина?..
«Бубин: тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо!..»
Қасе, ки номи баландаш ҳазорсола шудаст,
Қасе, ки дар дили миллионҳост ӯро ҷой,
Куҷо ҳақир шавад аз ҳақорати ду-се паст?
Ки қадри дурр нашавад паст аз расидани лой!

Шоир дар баробари фош намудани душманони озодӣ ва пастфитратони маърифатбезор, хитобан ба онҳо мегӯяд, ки «рӯи офтобро бо доман пӯшидан», чархи таърихро ақиб гардондан ва халқҳои озодихоҳи ба по бархостаро мутеи худ намудан амри маҳол аст:

Шумо, гурӯҳи ҷанобони маърифатбезор,
Ки номи неки вай аз кӯчае тарошидед,
Гумон баред, ба каф офтоб пӯшондед,
На хайр, мусью, маҳол аст ичунин кирдор!

Образҳои барҷаста, мисраъҳои хушоҳанг, ташбеҳ, истиора ва маҷозҳои дилчасп, кинояҳои тунду тез, зарбулмасал ва суханҳои ҳикматноки халқӣ — ин ҳама бар ҳусни шеъри мазкур ҳусн зам мекунанд.

Дар шеъри «Ҷавоб ба дӯсти зиндонӣ» шоир ғазаби оташбор ва қалами бурроии худро ба муқобили ҳукуматдорони иртиҷоъпараст, ки ҳазорон муборизони роҳи адлу амонӣ ва ходимони тараққипарвари илму маданиятро аз ҳуқуқи озодӣ маҳрум сохта, дар маҳбас ва зиндонҳо нигоҳ медоранд, равона кардааст. Баробари ин шоир меҳру муҳаббати бепоёни нисбат ба одамони тараққипарвар ва озодихоҳ доштаи мардуми советиро ифода мекунад. Ӯ «дӯсти зиндонӣ»-и худро ба мурғи қафасӣ шабоҳат дода, бо ҳиссиёти баланд мегӯяд:

Ки: мурғ дар қафас афтад, дигар надорад ёд,
Ба ғайри лонаи озоду осмони кушод;
Набошад орзуе хубу хуштар аз дунъё,
Ба ғайри дидаи бино барои нобино.

Дар шеър идеяи ҳамраъй, бародарӣ ва дӯстӣ хеле хуб ифода ёфтааст. Шоир ба дӯсти маҳбусаш на танҳо озодӣ орзу мекунад, балки бо камоли эътимод изҳори боварӣ низ менамояд, ки рӯзи озодӣ ва мурод, албатта, хоҳад расид:

Расад даме ки ту ҳам дар миёни мо бошӣ,
Чу шеърҳои худат меҳмони мо бошӣ...

Ҳукуматдорони Америка ба муборизи фаъоли роҳи сулҳу амният, ҳофизи машҳури зангӣ Поль Робсон чандин сол рухсат надоданд, ки ба Англия, Франция, Иттифоқи Советӣ ва мамлакатҳои дигар сафар карда, санъати худро намоиш диҳад. Шеъри «Ба ҳофизи мубориз Поль Робсон» ба ҳамин муносибат навишта шудааст.

А. Деҳотӣ дар ин шеър агар, аз як тараф, Поль Робсонро ситоиш намуда, вайро «паҳлавони суруд», сарояндаи ҳақиқат ва адолат номад, аз тарафи дигар, душманони ӯро ҳазратҳои «сафедпӯсту ботинсиёҳ», «ҷоҳили мағрур» ва «кушодадидаю дилкӯр» меномад ва дар айни ҳол сиёсати ирқпарастии онҳоро дар мисолҳои равшан ва образҳои баркамол фош мекунад:

Сафедпӯсти ботинсиёҳ ҳазратҳо
Сиёҳпӯстиатро қарор дода гуноҳ,
Намедиҳанд иҷозат, ки по бурун монӣ,
Ба шодмонии ёрон суруди дил хонӣ.
Чӣ ҷоҳилӣ, чӣ ҳамокат, ки аҳли санъатро
Чу булбули қафас аз халқ мекунанд ҷудо!

Палангро ба қафас банд кардан осон аст, мегӯяд шоир, аммо банд кардани суруд, гирифтани пеши роҳи он аз имкон берун

аст, зеро на дару девор садди роҳи он шуда метавонад, на баҳру бар ва на кӯҳ.

Суруд сарҳаду девору дар намедонад!
Суруд баҳру бару кӯҳу ҷар намедонад!
Суруди адл уқоби баландпарвоз аст,
Ба вай тамоми замин мисли осмон боз аст.
Ба ҳар куҷо ки равад, ошьёнааш дили халқ.
Ба ҳар мубориза вай байрақ асту машъали халқ

Яке аз ҷиҳатҳои характерноки ин шеър пуррагии мазмун, оригиналӣ будани фикр ва тасвир, соддаву суфтагии забон мебошад. Чунин мисраъҳои пур аз обуранги бадеӣ, монанди «Суруди дил уқоби баландпарвоз аст», «Чунон ки шабпарак аз офтоби оламтоб,— Мухолифони ту ҳам аз ҳақиқатанд қимоб», «Ҷаҳон ба мурғи сурудат фазои парвоз аст» ба шеър як оҳанг ва ҳусни дилписанд бахшидаанд. Умуман, образҳои ин шеър хеле дилчаспанд.

А. Деҳотӣ дар давраи баъди ҷанг чи бо назм ва чи бо наср як қатор асарҳои барҷастаи ҳаҷвӣ эҷод намуд. Ва ин асарҳо ба он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти ҳаҷвнависии ӯ ба пояҳои баланди инкишоф расид. Асарҳои ҳаҷвии А. Деҳотӣ мавзӯъҳои гуногуни ҳаётиро дар бар намудаанд.

Чунончи, шеъри «Қоил ман!» дар мавзӯи хеле муҳим ва актуалӣ — дар мавзӯи танқиди хислатҳои манфии одамон, дар мазаммат кардани нодонӣ, ақибмонӣ ва бемаданиятии онҳое гуфта шудааст, ки бо ҳаёти мо ҳамнафас нестанд.

А. Деҳотӣ чунин махлуқонро беамон ҳаҷв намуда, ба ҳолу аҳволи нафратангези онҳо механдад, нодонӣ ва бадахлоқии онҳоро мазаммат мекунад:

Тамошобини арросӣ, ба арроси ту қоил ман!
Фалакро гӯшкар кардӣ, ба қийғоси ту қоил ман!
Ба фарьёди даҳони лаб ба лаб носи ту қоил ман!
Магар васвосие ҳастӣ, ба васвоси ту қоил ман!
Ба васвоси ту қоил ман, тасаддуқ, эй гулӯдаррон!

Дигар аз шеърҳои барҷастаи А. Деҳотӣ, ки ҳамчунин дар мазаммати типи одамони манфӣ гуфта шуда, қимати баланди бадеӣ ва идеяи хубу дилпазире дорад, «Чорпо ва дупо» ном дорад. Идеяи шеъри мазкур дар мақтаи он равшан ифода ёфтааст. Чунончи:

Эй, ки бар беақл меомӯзӣ ақл,
Аввало беҳтар, ки аз худ созӣ ақл.

Дар эҷодиёти бадеӣ, махсусан дар назм, кӯтоҳбаёнӣ намуда, мазмуни бойро дода тавонистан ҳунари шоистаи нависанда аст. Ин ҷиҳати масъаларо Максим Горький ҳам таъкид мекард ва таълим медод, ки нависанда дар суханронӣ бояд хасис ва кӯтоҳбаён бошад. Саъдии бузург низ дар ин бобат дуруст гуфтааст:

Сухан бисёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магӯ, садро яке гӯй!

Кӯтоҳбаёнӣ махсусан дар соҳаи ҳаҷв роли калон мебозад. Шеъри хурди ҳаҷвие, ки мазмуни бой ва идеяи хуберо дорад, нисбат ба ҳар гуна шеърҳои дигар ба хонанда бештар таъсир мекунад ва ӯро зиёдтар ба ҳаяҷон меорад.

А. Деҳотӣ метавонист дар доираи як шеъри хурд мазмуни боеро ғунҷонад ва идеяи наҷиберо ифода намояд, ки ин на ба ҳар як шоир муяссар мегардад.

Яке аз шеърҳои ҳаҷвии А. Деҳотӣ, ки шаклан хурду вале мазмунан бой буда, шоир дар он бюрократҳои ришвахӯрро беамон ҳаҷв ва фош кардааст, «Як каллаю ду хел рӯй» ном дорад. Ин шеър, ки ҳамагӣ аз чор мисраъ таркиб ёфтааст, идеяи барҷастае дорад. Хусусияти диққатангези шеъри мазкур, пеш аз ҳама, ин аст, ки он аз ҷиҳати тарзи баён, усули тасвир, ифодаи фикр ва аз ҷиҳати гузориши масъала чистонро ба хотир мерасонад.

— Чист як каллаю ду рухсора:
Дар табассум яке, дигаре хашмин?

— Каллаю рӯи порахӯр аст ин:
Шод аз пора, турш бе пора.

Дар ин шеър мисраъҳои сеюм ва чорум мисраъҳои якум ва дуюмро шарҳу маънидод мекунанд, яъне ду мисраи сонӣ ҷавобест ба саволе, ки дар ду мисраи аввал гузошта шудааст.

А. Деҳотӣ дар давраи баъди ҷанг як қатор очерку ҳикоя ва асарҳои драмавӣ низ навишт, ки онҳо мавзӯъҳои гуногунро дар бар гирифтаанд.

Чунончи, очерки А. Деҳотӣ «Дар водии Вахш» гузашта ва ҳозираи водии Вахшро нақл мекунад. Дар ин очерк сухан дар бораи он одамони оддии советӣ меравад, ки дар солҳои 1926—1927 барои обод намудани водии Вахш бо даъвати партия ва Ҳукумати Советӣ ба ин ҷо кӯчида омада, даштҳои бекорхобидаро сарсабз намуданд ва ба боғу бӯстон табдил доданд; бо техникаи аълои советӣ мусаллаҳ гардида, табиатро ба худ мутеъ намуданд.

тифодаи методи мазкур моро водор менамояд, ки ҳангоми омӯзиши сиёсат механизмҳои субъективии рафтори сиёсии одамонро ба инобат гирем. Сабабҳое, ки одамонро вориди сиёсат месозанд ва онҳоро маҷбур менамоянд, ки дар равандҳои сиёсӣ ширкат варзанд, доимо хусусияти фардӣ доранд. Яъне, шаклҳои иштироки инсон дар сиёсат аз характер, ирода, дараҷаи маълумотнокӣ ва тарбияи ӯ вобаста аст. Яке аз навъҳои машҳури методи психологӣ психоанализ мебошад, ки бо ёрии он рафторҳои сиёсии ғайримуқаррарии инсон омӯхта мешаванд. Аз ҷумла, майли инсон ба ҳокимият ва ё омода будани он барои тобеият барин масъалаҳо ба воситаи психоанализ таҳлил мегарданд.

***Таҳлили сиёсӣ бо дар назардошти вазъият***. Омӯзиш ва таҳлили рафтори акторҳои сиёсии замони муосир хеле мураккаб мебошанд. Зеро рафторҳои сиёсии онҳо гайристандартӣ буда, шарҳи онҳо ба воситаи методҳои сиёсатшиносии классикӣ хеле мушкил аст. Барои мисол, омӯзиши рафтори гурӯҳҳои муташшакили ҷиноӣ, террористон, экстремистон ва ғ. ба воситаи таҳлили системавӣ мушкил аст. Онҳо ба оппозитсияи ғайрисистемавӣ шомил буда, ба воситаи методи бихевиористӣ омӯзиши рафтори онҳо номумкин аст. Зеро бо намояндагони чунин гурӯҳҳо ташкил намудани мусоҳиба ва ё дар байни онҳо гузаронидани пурсишнома гайриимкон мебошад ва онҳо низ бо анъанаҳои фарҳангии мамлакат ҳеҷ алоқамандие надоранд. Сиёсатшиносони замони муосир рафтори гайриодии акторҳои сиёсии замони муосирро ба инобат гирифта, омӯзиши онҳоро *бо дар назардошти вазъияти мавҷуда* зарур мешуморанд.

*Таҳлили сиёсӣ бо дар назардошти вазъият* тақозои онро менамояд, ки барои омӯзиши падидаҳои сиёсии зуд-зуд тағйирёбанда методологияи сиёсии гуногун истифода бурда шавад, то ки онҳо норасоии якдигарро пурра намоянд. Махсусан, дар раванди омӯзиши ин гуна масъалаҳо муайян намудани норасоии ин ва ё он метод зарур мебошад. Зеро муайян намудани норасоии методологӣ имкон медиҳад, ки ба ҷойи он методҳои мувофиқтари омӯзиши падидаҳои гайристандартӣ истифода бурда шаванд.

Яке аз методҳои дигари давраи постклассикӣ ***методи синергетикӣ*** мебошад. Синергетика илм дар бораи системаҳои мураккаби худташаккулёбанда мебошад. Бинобар ин, истифодаи методи синергетикӣ ҳангоми омӯзиши масъалаҳои сиёсӣ бо дар назардошти ҷустуҷӯи механизмҳои худташаккулёбандаи системаи сиёсӣ амалӣ карда мешавад. Инчунин, синергетика тақозои онро дорад, ки гуногунрангии ҷаҳон заминаи асосии рушди он

Урфу одатҳои бой-феодалӣ, ки аз байни мардумон ҳанӯз тамоман решакан нашудаанд, ба пешравии мо халал мерасонанд. Ҳаҷви баъзе аз ҳамин гуна урфу одатҳо мавзӯи ҳикояи «Моҷарои номмонӣ» қарор гирифтааст.

Дар оилаи муаллим Каримҷон духтарча таваллуд меёбад. Рӯзе падару модари Каримҷон — Бобоҷавак ва Бибиҳодиса, худи Каримҷон ва завҷааш, ки низ муаллима аст, барои ном мондан ба навзод машварат мекунанд. Бибиҳодиса ва Бобоҷавак, ки ба урфу одатҳои кӯҳна эътиқоди калон доранд, ба тифл «Бибисешанбе» (ба сабаби дар рӯзи сешанбе таваллуд ёфтанаш) ва ё «Рамазоннисо» (барои он ки дар моҳи рамазон зоида шуд) барин номҳоро монданӣ мешаванд. Аммо падару модари кӯдак инро рад мекунанд ва ба кӯдак «Саодат» ном мениҳанд.

Чунин аст мундариҷаи асосии ҳикояи мазкур. Нависанда номмониро мавзӯи ҳикояи худ қарор дода, онҳоеро, ки дар ин бобат қурбони дасти урфу одатҳои бой-феодалӣ мегарданд, беамон фош мекунад.

Ҳикояҳои ҳаҷвии «Архивбек Қадимӣ», «Муллоён», «Бо хирадмандон...», «Алос ва чораи халос» ва «Дар рӯзи сешанбе» низ чи аз ҷиҳати интихоби мавзӯву ҳалли он ва чи аз ҷиҳати баландии ғоя қобили таваҷҷӯҳ ва шоёни таҳсинанд. Чунончи, агар дар ҳикояи «Архивбек Қадимӣ» кӯҳнапарастӣ ва маҳдудияти афкори баъзе одамон ва дар ҳикояи «Муллоён» рӯҳониёни мутассиб, муллоёни ҷоҳилу бесавод, ки бо сафсатаву ҳарзагӯиҳои худ майнаи мардумро гиҷ мекунанд, ҳаҷв карда шуда бошанд, пас дар ҳикояи «Бо хирадмандон...» касони бадмасту корбезор ва шӯрапушт мавриди тамасхур қарор дода шудааст.

Яке аз беҳтарин ҳикояҳои индавраи А. Деҳотӣ «Сирри ҷоду» ба шумор меравад.

Дар маркази ҳикояи мазкур асосан ду образ — образи Зиёданисо ва Ойҷонҷӯгӣ меистад. Зиёданисо пас аз вафоти шавҳараш писари ягонаи худ Одилҷонро парасторӣ намуда, ба воя мерасонад ва бо орзуву ҳавасҳои зиёд ба вай келин мекунад.

Зиёданисо мутаассиб аст ва ба тамоми урфу одатҳои динӣ ҷоҳилона риоя менамояд. Ӯ «кӯшиш мекунад, ки дар риояи ириму ҷиримҳо ва расму оини қадима аз бисьёр занон фарқ кунад: аз хоб фақат бо дасти рост мехезад, ба ҳар дар бо пои рост даромада, бо пои рост аз он мебарояд, дар ҳар об нӯшидан, «вассақаҳӯм раббуҳӯм...» мегӯяд ва дар ҳар бори аз ҷо хестан «ё пири комил» гӯён рост мешавад; ягон кас худаш ё писарашро таъриф кунад, гиребони куртаашро андаке кушода — «туф-туф,

чашми бад нарасад» — гуфта мемонад. Дар хонаи вай соле чанд бор бибисешанбе ва мушкилкушо ташкил шуда меистанд».

Зиёданисо мехоҳад келинаш Ҳалимаро ба риоя намудани урфу одатҳои динӣ маҷбур кунад. Вале Ҳалима, ки муаллима буда, ба дин ва урфу одатҳои динӣ ҳисси нафрат дорад, албатта, ин майлу хоҳиши модаршӯяшро ба ҷо овардан намехоҳад. Аз ин рӯ Зиёданисо дар паи аз хонаи худ дур кардан ва аз шавҳараш ҷудо намудани Ҳалима меафтад. Вай дар ин роҳ аз «ҷоду»-ву «ҷодугарии» Ойҷонҷӯгӣ истифода мебарад. Вале сирри ӯ ва «ҷодугар» аз тарафи Одилҷон фош карда мешавад.

Бо фош намудани сирри «ҷодуи» Ойҷонҷӯгӣ нависанда на танҳо ҳилаю найрангҳои «ҷодугаронро», балки ҷоҳилии хурофотпарастонро низ ҳаҷв мекунад.

Зиёданисо зани соддалавҳу бесавод аст ва аз ин рӯ ба урфу одатҳои динӣ ва асрори «ҷодугарон» кӯр-кӯрона назар меандозад. Хатокориҳояш низ натиҷаи ҳамин соддалавҳӣ ва бесаводии ӯст.

Вале Ойҷонҷӯгӣ типи тамом дигар аст. Вай бо ҳама хилкат ва хислатҳои худ нафрати касро меорад.

Образҳои Одилҷон ва Ҳалима, ки ҷавонони бошуур ва дар рӯҳи коммунистӣ тарбиягирифтаи советӣ мебошанд, ба образҳои Зиёданисо ва Ойҷонҷӯгӣ муқобил гузошта шудаанд.

Ҳаминро низ бояд гуфт, ки ҳикояи «Сирри ҷоду» аз баъзе нуқсонҳо ҳам холӣ нест. Ва ин, пеш аз ҳама, ба образи Ҳалима дахл дорад. Ин образ то дараҷае суст баромадааст. Вай дар мубориза бо ҷоҳилии модаршӯяш ҳеҷ гуна фаъолияте нишон намедиҳад. Ҳалима ҳамчун муаллима, хамчун одами пешқадами ҷамъияти мо мебоист ба модаршӯяш хатояшро мефаҳмонд ва чашмашро мекушод. Образҳои Ойҷонҷӯгӣ ва Зиёданисо низ то охир кушода дода нашудаанд.

Бо ин ҳама, ҳикояи «Сирри ҷоду» яке аз дарьёфтҳои эҷодии А. Деҳотӣ буда, аз ҷиҳати суфтагӣ ва хушобурангии забон низ ҷолиби диққат аст.

А. Деҳотӣ дар давраи баъд аз ҷанг як қатор асарҳои саҳнавӣ низ навиштааст. Скетчи «Парасонхӯҷаев», драмаи «Нур дар кӯҳистон», комедияи «Қиссаи Таърифхӯҷаев» (ҳамроҳи Б. Раҳимзода) ва драмаи манзуми «Комде за Мадан»-и ӯ дар ҳамин давра таълиф ёфтаанд.

Соли 1953 дар шумораи якӯми журнали «Шарқи Сурх» комедияи якпардагии А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода «Қиссаи Таъриф-

хӯчаев» чоп шуда баромад, ки ин дар драматургияи тоҷик воқеаи муҳим ва хурсандибахше буд.

Дар давоми чандин сол дар ҷабҳаи адабиёти бадеӣ «назарияи» беконфликтӣ паҳн гардида буд. Тарафдорони ин «назария» зарурати тасвир намудани ҳодисаҳои манфӣ, мубориза зидди урфу одатҳои кӯҳна, бюрократизм, даҳаньялагӣ, шахсиятпарастӣ, худписандӣ ва амсоли инро, ки ба пешравии ҷамъияти социалистӣ халал мерасонанд, инкор мекарданд.

Партия зарарҳои ин «назарияро» нишон дода, нависандагони советиро даъват намуд, ки ба ҳаёт далерона дахолат намоянд, камбудӣ ва нуқсонҳоеро, ки ба халқи мо дар сохтмони коммунизм монеъ мешаванд, ошкор кунанд. Съезди XIX партия роҷеъ ба ин масъала дар назди нависандагони советӣ вазифаҳои бошараф гузошт.

Драматургияи тоҷик дар роҳи иҷрои ин вазифаи таъхирнопазир аввалин қадами худро гузошт. Ва ин қадами нахустин комедияи «Қиссаи Таърифхӯҷаев» мебошад. Бешубҳа, дар навишта шудани ин асар скетчи «Парасонхӯҷаев» ҳамчун заминае истифода шудааст. Дар байни ин асар баъзе монандиҳо ба чашм мерасад. Пеш аз ҳама, образҳои Таърифхӯҷаев ва Акталӣ Қачакбоев, ки аз образҳои асосии комедияи «Қиссаи Таърифхӯҷаев» ба шумор мераванд, образҳои Парасонхӯҷаев ва Акталиевро (аз скетчи «Парасонхӯҷаев») ба хотир меоранд; онҳо аз бисьёр ҷиҳатҳо ба ҳамдигар монанданд.

Мавзӯи комедияи «Қиссаи Таърифхӯҷаев» иборат аз мубориза ба муқобили ҳодисаҳои манфие мебошад, ки мутаассифона, ҳанӯз дар ҷамъияти социалистии мо ҷой доранд.

Дар ин пьеса раиси шӯҳратпараст ва мутакаббир дар тасвири муаллифон шахсест, ки худписандӣ, мағрурӣ ва шӯҳратпарастӣ барин хислатҳои манфиро касб кардааст. Ӯ аз муваффақиятҳо саргаранг шуда, дар корҳои худ бо фаъолони колхоз машварат карданро зарур намешуморад.

Таърифхӯҷаев дар амалиёти худ ба омма такья намекунад. Вай таъриф ва шахси маддоҳро меписандад, лекин ба танқид тобу тоқат надорад ва ба маслиҳати касе гӯш кардан ҳам намехоҳад. Ин хислати ӯ қисман дар баҳсу мунозирааш бо Моҳира зоҳир гардидааст:

«Эй, тамоми район маро ҳурмат мекунанд, пахтакори пешқадам гуфта аз ман маслиҳат мепурсанду акнун зердастҳои худам ба ман кор ёд доданӣ: ба кирмак одам намедиҳӣ, тут наме-

шиноні, ба чорводорі аҳамият намедиҳі, фалон, беҳмадон.. Сарамро сад фоиз гаранг карданд!»

Таърифхӯҷаев, бешубҳа, пешқадам ва торафт бойшавии колхози худро меҳоҳад, аммо вай намефаҳмад, ки дар инкишоф ва ривоҷу равнақи хоҷагии колхозӣ ба яктарафагӣ роҳ додан ҳаргиз мумкин нест. Ӯ тамоми диққатро ба иҷрои плани пахта ва сохтмони бинои чойхонаву меҳмонхонаҳои ҳашаматнок дода, дигар соҳаҳои муҳим — кирмакпарварӣ, обчакорӣ, ғаллакорӣ ва чорводориро қариб тамоман фаромӯш кардааст.

Дигаре аз персонажҳои асосии пьеса Акталӣ Қаҷакбоев мебошад. Акталӣ фиребгар, хиёнаткор ва тороҷкунандаи моликияти колхозист. Таърифхӯҷаев, ки хушомад ва мадҳу ситоишро дӯст медорад, Акталии тамаллуқкор ва каззобро яке аз муқаррабони худ намуда, кӯр-кӯрона ҳомӣ ва пушту паноҳи вай гардидааст.

Дар комедияи «Қиссаи Таърифхӯҷаев» боз якчанд персонажҳои дигар ҳастанд. Инҳо фаъолони колхоз — агроном Ғолибов, сардори бригадаи кирмакпарварӣ Моҳира Сангинова, сардори бригадаи якӯми пахтакорӣ Сафаров, чӯпони колхоз комсомолец Содиқҷон мебошанд, ки бар зидди шӯҳратпарастиву даҳаньялагии Таърифхӯҷаев ва қаллобиҳои Акталӣ мубориза мебаранд.

Қайд бояд намуд, ки дар комедияи мазкур нисбат ба образҳои манфии Таърифхӯҷаев ва Акталӣ, ки образҳои мукаммаланд, образҳои мусбат хеле суст баромадаанд. Роли коммунистон Ғолибов, Моҳира ва Сафаров, ки ҷорикунандагони идея ва дастурҳои партия дар деҳот мебошанд, дар пьеса суст тасвир ёфтаанд. Онҳо дар тасвири муаллифони асар, пеш аз ҳама, на ҳамчун мубориздони фаъол, балки ҳамчун носеҳони оддӣ ба чашм мерасанд. Аз ҷиҳати забон низ ин образҳо аз образҳои манфӣ фарқи куллӣ доранд. Чунончи, агар забони Таърифхӯҷаев ва Акталӣ ҳар қадам фардикунонидашуда ва ифоданок бошад, пас забони Ғолибов, Моҳира ва Сафаров беобуранг ва камтаъсир аст.

Яке аз калонтарин асарҳои баъдиҷангии А. Деҳотӣ драмаи «Нур дар кӯҳистон» (с. 1947) ба шумор меравад. Пьесаи мазкур ба фаъолияти муаллимони советӣ — паҳнкунандагони анвори маориф ва маданият, ба мубориздаи фидокоронаи онҳо бар зидди душманони синфӣ ва босмачиён бахшида шудааст. Муаллиф дар бораи мавзӯи пьесаи ояндааш таваққуф намуда, ҳанӯз моҳи апрели соли 1946 дар мақолаи худ «Драма дар бораи муаллимони фидокор» навишта буд:

«Онҳоро аскарони фронти маданият меномиданд. Дар ҳақиқат он вақтҳо соҳаи маданият фронти ҷангу ҷидолҳои шиддатнок буд. Партия ва ҳукумат вазифа гузошта буданд, ки бар зидди душманони деринаи халқи тоҷик — бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот муборизаи сахт бурда шавад. Ин мубориза хусусан дар қишлоқҳои кӯҳистони Тоҷикистон бо меҳнату машаққати зиёд мегузашт.

Садҳо муаллимони ҷавон, ки бо даъвати партия ба ин фронт сафарбар шуда буданд, ба шароити вазнини бероҳӣ, набудани биноҳои мувофиқи мактаб ва асбоби таълим нигоҳ накарда, нурҳои маорифи советиро дар байни омма паҳн мекарданд. Онҳо на танҳо муаллим, балки ташвиқотчии фаъоли ғояҳои Ленин, одами наздиктарин ва дӯстдоштаи халқ низ буданд. Ҳатто вақте ки дастаи ғоратгари Фузайл Махсум ваҳшиёна ба Ғарм ҳуҷум карда, аҳолиро толону тороҷ мекард, 12 нафар аз муаллимон ба даст аслиҳа гирифта, ба муқобили босмачиён синаҳошонро сипар карданд ва дар майдони ҷанг мардона ҳалок шуданд».

Дар драмаи «Нур дар кӯҳистон» як қатор образҳои мусбат (Азимов, Рустамов, Маҳтоб, Суханоро, Николаев, Одина ва Қаноат) ва манфӣ (Эшони Иззатулло, Ҷоҳилабегим, Мулло Раҳим, Давлатбек ва Фузайл Махсум) амал мекунанд.

Яке аз образҳои асосии пьеса, ки муаллиф ба тасвири он аҳамияти калон додааст, образи мудири шуъбаи маорифи районӣ Қаидак Азимов мебошад. Азимов одамест, ки ба идеалҳои партия содиқ буда, самимона кӯшиш менамояд, ки ба халқу Ватан софдилона хизмат кунад. Вай ба муқобили кӯрии сунъӣ — бесаводӣ ва хурофот муборизаи оштинопазир бурданро вазифаи бошарафи худ медонад.

Дар солҳои бистӯм дар гӯшаву канорҳои Тоҷикистон, хусусан дар шароити онрӯзаи кӯҳистони тоҷик паҳн намудани нури маориф ва маданият дар байни халқ кори чандон осон набуд, зеро душманони ниқобпӯшидаи синфӣ бо ҳар роҳ ҷидду ҷаҳд мекарданд ба ин монеъ шаванд. Дар чунин як шароит Азимов дар атрофи худ Суханоро, Маҳтоб, Одина ва Қаноат барин ҷавононро гирд оварда, барои ба амал баровардани мақсадҳои худ аз тахти дил мекӯшад.

Азимов собитқадам ва қавидил буда, Ватани худро беҳад дӯст медорад ва нисбат ба душман нафрати беҳадду канор дорад. Ин хислатҳои наҷиби ӯ дар намоиши панҷӯми пьеса дар диалоги ӯ ва Фузайл Махсум алалхусус равшан ба зуҳур меояд.

Образи Суханоро ҳам дар пьеса мавқеи муҳим дорад. Суханоро занест, ки дар давраи советӣ ҳуқуқи комил пайдо кардя, ба одами маърифатнок ва ташаббускоре табдил ёфтааст. Ӯ низ, монанди Азимов, бо тамоми ҳастияш бар зидди бесаводӣ ва хурофот мубориза мебарад. Суханоро зани зиндадил ва дилсӯзе буда, нисбат ба дӯстон меҳру шафқат ва нисбат ба душманони халқ адовати бепоён дорад. Таассуфовар аст, ки муаллиф ин образи диққатангезро то охир кушода надодааст.

Аз образҳои манфӣ образи Ҷоҳилабегим ҷолиби диққат аст. Ин образ аз намоиши якӯми пьеса сар карда, диққати касро ба худ ҷалб менамояд. Ҷоҳилабегим хурофотпараст, ҷоҳил, бӯхтонгар ва бадбинандаи ашаддии ҳаёти нави хушбахтонаи мардуми кӯҳистон мебошад. Хилқат ва тинати нафратовари ӯ ҳанӯз дар намоиши якӯми пьеса — дар воқеаи тӯҳматзанӣ ба духтури қишлоқ Катя ва дар ҳодисаи гирифтани моҳ баръало зоҳир мегардад.

Пьеса аз баъзе камбудиҳои ҷиддӣ низ холӣ нест. Чунончи, образҳои Маҳтоб, Рустамов, Катя, Одина, Қаноат, Николаев ва ҳамаи образҳои манфӣ (ба истиснои образи Ҷоҳилабегим) хеле суст баромадаанд.

Барои мисол образи Рустамовро мегирем. Рустамов баъди хатми дорулмуаллимин барои кор ба деҳаи кӯҳистон фиристода шудааст. Ӯ аз дилу ҷон манфиатрасони халқ буданро мехоҳад ва бинобар ин бо ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ ба кор сар мекунад. Лекин як қатор мушкилиҳо садди роҳаш мешаванд. Рустамов дар бартараф намудани онҳо худро оҷиз мебинад ва аз ин боис корро партофта ба шаҳр баромада меравад.

Ҳамаи ин воқеа аз намоиши якӯми пьеса маълум мегардад. Дар ин бобат муаллиф ҳақ аст, зеро ҳақиқатан ҳам дар он солҳои пуризтироб Рустамов барин муаллимони ҷавон кам набуданд ва онҳо ба сабаби камтаҷрибагии худ баъзан дар ҳолати ногувор мемонданд.

Дар пардаи чорум Рустамов аз нав пайдо мешавад, вай аз Ғарм баргашта меояд. Аммо маълум нест, чӣ чиз ӯро ба бозгаштан водор мекунад. Вақте ки Азимов ба вай «боз ба Душанбе нигоҳ карда накашед» мегӯяд, Рустамов чунин ҷавоб медиҳад: «не, рафиқ Азимов, хотирҷамъ бошед, «кӯр асояшро як бор гум мекунад» гуфтаанд». Равшан нест, ки ба бозгаштани Рустамов чӣ сабаб шуд: ҳиссиётн ватандӯстиву вазифашиносӣ ё худ хабари омада истодани дастаи босмачиён ба сӯи ин қишлоқ.

Образи раиси ҷамоа низ хеле хира тасвир ёфтааст: дар пьеса ин образ ба худ характери эпизодиро гирифтааст. Раиси ҷамоа,

ки намояндаи ҳокимияти Советӣ дар қишлоқ аст, мебоист дар асар мавқеи муҳим ишғол мекард ва роли калон мебозид.

Ҳамчун ҷиҳати сусти пьеса онро низ бояд қайд намуд, ки муаллиф баъзан воқеаҳоро рӯякӣ ва хилофи ҳақиқат тасвир менамояд. Масалан, ин ҳолатро дар эпизоди гӯштингирӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Азимов дар поёни гӯштингирӣ ба ҳозирон оид ба зарари бесаводӣ ва аҳамияти маърифатнокӣ каме ҳарф мезанад. Пас аз шунидани суханони *насиҳатомези* ӯ чанде аз ҳозирон ихтиёри хонда саводнок шуданро карда, худро ба рӯйхат менависонанд, ки он чандон боварибахш нест. Зеро онҳое, ки моҳияту илму маданияти навро ба таври бояду шояд нафаҳмидаанд, бо шунидани як «нутқи» пандомез ба илму маданияти нав рӯ овардан намегиранд.

Дар пьеса фаъолияти муаллимон дар кори паҳн намудани маориф хеле хира тасвир ёфтааст. Муаллимон дар байни аҳолӣ тақрибан ҳеҷ гуна корҳои оммавӣ-агитационӣ намебаранд. Мардуми қишлоқ ба иғвоҳои душманони синфӣ фирефта шуда, фарзандонашонро ба мактаб намемонданд. Аммо дар пьеса инъикос наёфтааст, ки муаллимон ва фаъолони қишлоқ бар зидди ин гуна иғвоҳо чӣ гуна мубориза мебаранд.

Дар пьеса муборизаи оштинопазири муаллимон ва фаъолони қишлоқ ба муқобили душманони синфӣ низ инъикоси равшани худро наёфтааст. Чунончи, ба ҷои он ки бо ёрии фаъолони қишлоқ душманони синфиро фош намояд, Азимов ба Қаноат ва Одина эҳтиёт буданро талқин мекунад ва ба мардум таъкид менамояд: «...Ана, бародарон, минбаъд шинохта монед, ки душмани бахту саодати шумо ана ҳаминҳо: ҳамин Ҷоҳилабегим, Мулло Раҳим ва монанди инҳо. Инҳо душманони озодӣ, душманони илму маданиятнок шудани шумо...»

Дар намоиши сейӯм душманони синфӣ Иззатулло Эшон, Давлатбек, Шоҳмаҳмад ва Мулло Раҳим аҳд менамоянд, ки Азимовро ҷисман нест кунанд ва иҷрои ин корро ба зиммаи Мулло Раҳим мегузоранд. Вале маълум намегардад, ки чаро Мулло Раҳим ин мақсадро ба иҷро нарасонд ва ё ба иҷро расонда натавонист.

Ниҳоят, пьесаи мазкур аз ҷиҳати забон низ нуқсонҳо дорад. Персонажҳо, ба истиснои Азимов, ки забонаш то як дараҷа фардӣ кунонида шудааст, аксаран бо забони беобуранг ва бесарофат сухан меронанд.

А. Деҳотӣ дар солҳои 1951—1953 дар асоси достони романтикӣ-ишқии шоири классикӣ Абдулқодири Бедил «Комде ва

Мадан» драман манзуми худро тахти ҳамин ном менависад, ки он ба мавзӯи муҳаббат ва садоқати инсонӣ ва ба мавзӯи дӯстии халқҳо бахшида шудааст.

Мадан ва Қомде қаҳрамонони асосӣ ва марказии драман мазкур мебошанд. Мадан мутриби хушовози ҳинду буда, бо санъати дилпазир ва пурнафосати худ машҳури мамлакати Ҳиндустон гардидааст. Ӯ Қомдеро беандоза дӯст медорад ва нисбат ба вай садоқати бемислу монанд дорад. Мадан тайёр аст дар роҳи озод намудани маъшуқаи худ ва мазлумон аз зулму истибдоди шоҳи ситамгари Ҳиндустон ҷонашро нисор намояд.

Мадан дар назди ишқи пок сар хам мекунад ва онро аз ҳар як чизи дунё афзалтар медонад. Ӯ ба шоҳу вазирон сари итоат хам намудан ё худ ба онҳо хизмат карданро нангу ор медонад, озодиро аз ҳар гуна сарват авлотар мешуморад. Ин хислати ӯ қисман дар сатрҳои зерин инъикос ёфтааст. Мадан хитобан ба шоҳи золим мегӯяд:

Қомдеро ба домат афкандӣ,
Меҳта хам дар сарои ту бандӣ.
Қасдат акнун ҳамин, ки бо тазвир
Аз ҳамоил ба ман занӣ занҷир.
Не, ман озод оҳуи кӯҳам,
Сар ба занҷир мисли саг надиҳам.

Образи Қомде низ дар тасвири муаллиф ҷолиби диққат аст. Қомде, ки раққосаи бомаҳорат ва соҳибҷамолест, бар хилофи майлу хоҳишаш, ба зӯрӣ ба дарбори шоҳ оварда шудааст. Ӯ Маданро бо тамоми ҳастияш дӯст медорад ва ба вай содиқ аст. Меҳру вафои Қомде чун чашмасорони кӯҳӣ софу беғубор мебошад:

Вафо бо шири модар ҷо шудаст андар дилу ҷонам,
Садоқатпарвари ишқам, хиёнатро намедонам.
Фалак, беҳуда тарғибам макун дар роҳи тазвирот,
Ду поям бишканад аз санги лаънат, гар қадам монам,
Умеди васли ҷонон солҳо парвардаам дар дил,
Ба ин уммед агар ҷон биспурам ҳам, нест ормонам.

Бо ин ҳама, Қомде ғайрифаъол аст. Вай дар роҳи расидан ба мурод, дар роҳи мубориза барои ишқи озод оҷиз ва нотавон аст.

Дигар аз образҳои драма, ки низ шоёни диққат аст, образи Мансур мебошад. Мансур инсонпарвар аст, қадру қимати одамиро медонад ва ватани азизи худро бениҳоят дӯст медорад. Ӯ тайёр аст ба ҳурмати дӯст ҷони худро қурбон намояд. Чунончи, ӯ Маданро аз марг наҷот дода мегӯяд:

Чист авлотар ба инсон — чоҳу мансаб ё ки дӯст?
Сад чунин мансаб фидои ёру меҳри поки дӯст!

Дар образи шоҳи Ҳиндустон шоҳи золим, бераҳму шафқат ва айшпарасти ғаддор нишон дода шудааст.

Яке аз ҷиҳатҳои пурқуввати драмаи «Комде ва Мадан» ин аст, ки муаллиф дар он ба масъалаи муҳимми ҳаётӣ — дӯстии халқҳо, дӯстии байни ҳиндуён ва мусулмонон аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Ҳанӯз дар замони А. Бедил дар байни ҳиндувон ва мусулмонон задухӯрд ва ҷангҳои хунин рӯй медод. Бедил орзу мекард, ин ду миллат, ки дар як сарзамин умр ба сар мебаранд, бо ҳамдигар муттафиқ бошанд ва дӯстона зиндагӣ кунанд.

Мана чунин як мавзӯи муҳимро, ки дар асри XVII дар достони Бедил инъикоси худро ёфта буд, А. Деҳотӣ инкишоф медиҳад. Дӯстии байни Комде (мусулмондухтар) ва Мадан (ҳинду), Мансур (мусулмон) ва Меҳта (ҳиндудухтар), махсусан дӯстии байни Мансур ва Мадан дар ҳалли ин мавзӯи асар роли бузург мебозад. Мансур ва Мадан ҳиндуҳо ва мусулмононро ба муттафиқӣ ва якҷоя мубориза бурдан ба муқобили мустабиддон гарму ҷӯшон даъват мекунанд.

Ба ҳамин тариқ, А. Деҳотӣ дар ин асари худ дар баробари тараннум намудани идеяи ишқи пок ва озоди одамӣ, идеяи дӯстии халқҳоро низ месарояд. Дӯстӣ ва ҳамкорӣ сарчашмаи комьёбӣ ва фатҳу нусратҳост. Чунин аст яке аз идеяҳои асосии асар.

А. Деҳотӣ дар ташаккул ва нашъунамои адабиёти бачагон роли ба назар намоёне бозидааст. Ӯ аз аввалин солҳои фаъолияти адабиаш сар карда барои хонандагони хурдсол асарҳо офаридааст. Вале чунон ки маълум аст, аксари ин гуна асарҳояш дар давраи баъди ҷанг навишта шудаанд. Асарҳои дар ин давр барои бачагон эҷоднамудаи А. Деҳотӣ аз шеъру ҳикояҳо, таронаву суруд ва ашъори ҳаҷвӣ иборатанд.

А. Деҳотӣ психологияи бачагонро нағз медонист. Асарҳои ӯ ба синну сол ва дараҷаи фаҳмиши онҳо мувофиқанд.

Яке аз беҳтарин шеърҳои барои кӯдакон навиштаи А. Деҳотӣ «Баррачаи ман» ном дорад, ки он, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати солимии мундариҷа ва хубии тарзи баён хонандаро ба шавқ меорад. Шоир ба предмете, ки тасвир мекунад, бо чашмони хонандагони хурдсол назар меандозад. Ин шеър ба бачагон дӯст доштани ҳайвоноти фоидарасон ва нисбат ба онҳо ғамхор буданро талқин мекунад. Боз як хусусияти ҷолиби диққати шеъри мазкур ин аст, ки муаллиф калимаҳои тақлидиро дар он бо маҳорати калон ба кор мебарад. Чунончи:

О, баррачеки масти ман,
Биё давон: дукур-дукур
Чаву алаф ба дасти ман,
Биёу хӯр: кумур-кумур!
Наой, медиҳам ба гов,
Ки мехӯрад: фашар-фушур!

А. Деҳотӣ дар шеърҳои барои хурдсолон эҷоднамудааш кӯшиш кардааст, ки фикри худро ба ҳадди имкон конкреттар ифода намояд. Далели равшани ин даъворо дар шеъри «Фирӯзаҷон хобидааст» мушоҳида намудан мумкин аст. Инак, порчае аз ин шеър:

Мошони шӯхи беқарор,
Бас ҷастухезу дор-дор,
Акнун ту ҳам ором шав,
«Мав-мав» нагӯ бисьёр, рав:
Фирӯзаҷон хобидааст!

Дар адабиёти советӣ махсусан дар соҳаи назм, мавзӯи муҳимме ҳаст, ки он диққати ҳар як шоирро ба худ ҷалб менамояд. Ин мавзӯъ образи Ватан, гузашта ва ҳозираи он аст. Мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ яке аз мавзӯъҳои дӯстдоштаи шоирони тоҷик низ ба шумор меравад. А. Деҳотӣ ҳам борҳо ба ин мавзӯъ муроҷиат кардааст. Шеъри «Ватани мо аз дигар шуд озод»-и ӯ ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст.

Ҳуҷуми аҳдшиканонаи армияи Германияи фашистӣ ба Ватани мо тамоми инсонияти адолатхоҳ ва сулҳпарварро ба қаҳру ғазаб овард. Душмани манфур мехост, ки ҳамаи шаҳру қишлоқҳои моро зеру забар кунад ва халқи советиро ба ғуломи ҳалқабаргӯши худ табдил диҳад. Сӯзондан, тирборон кардан ва ба дор кашидани мардумони ватандӯсти советӣ — чунин буд нияту мароми қабеҳи таҷовузкорони гитлерӣ.

Хост моро кунад ғуломи асир,
Зада бар дасту поямон занҷир.
Ҳар касеро, ки тобеаш нашавад,
Ҳар касеро, ки зидди ӯ хезад,
Хост аз гарданаш ба дор кашад,
Тирборон кунад, кушад, сӯзад.

Душмани бадаъмол мехост, ки бачагони хушбахти советӣ аз ҳама гуна неъматҳои моддӣ ва маънавӣ маҳрум бошанд, бозиву шодӣ ва фароғатро надонанд. Аммо тамоми халқи советӣ, чи марду зан ва чи пиру ҷавон, ҳама чун як тан бар зидди истилогарон бархостанд ва онҳоро торумор намуданд:

Гитлеру нақшаҳош рафт ба бод.
Ватани мо шуд аз дигар озод.

А. Деҳотӣ дар ин шеъри худ тавоноӣ, матонат ва мағлубнопазирии Давлати Советӣ ва халқи шуҷои онро ситоиш мекунад. Ин шеър дар қалби бачагони советӣ ҳисси ватандӯстиро мепарварад.

Таронаҳои «Модари меҳрубони ман» ва «Шогирди Ленин мешавем» аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои А. Деҳотӣ мебошанд. Ӯ агар, дар шеъри аввал образи модар — модари бошафқат, ғамхор ва меҳрпарварро офарида бошад, пас дар шеъри дуйум меҳру муҳаббати гарму ҷӯшони нисбат ба доҳӣ, пешво, муаллим ва Инсони бузург В. И. Ленин доштаи бачагони советиро ифода намудааст:

Мо насли хушбахти замон,
Фарзанди халқи қаҳрамон,
Бо байрақи Ленин мудом
Ҳастем озоду амон.
Доно шуда бо илму фан,
Дар хизмати халқу Ватан
Бо роҳи Ленин меравем,
Шогирди Ленин мешавем!

Жанри ҳаҷв дар асарҳои барои бачагон эҷодкардаи А. Деҳотӣ мавқеи алоҳидаро ишғол менамояд. Шеърҳои ҳаҷвии ӯ бачагонро ба оштинопазир будан нисбат ба ҳодисаҳои манфие, ки дар ҳаёт вомехӯранд, даъват менамояд. Дар ин гуна шеърҳои А. Деҳотӣ мо танбеҳ, панду насиҳат ва хитобҳои хушку холиро мушоҳида намекунем. Чунин шеърҳои шоир, монанди «Ҳушаш дар ким-куҷо...», «Ҷон ширин ё велосипед?», «Ба тақлидчии маймун» ва «Ҳасани хӯрҷинкиса», шоёни таъриф ва қобили тақдиранд.

Чистон яке аз шаклҳои шавқовари эҷодиёти даҳанакии халқ мебошад ва онро бачагон дӯст медоранд. Чистонҳо дар тараққӣ ёфтани ҷаҳонбинӣ ва мустаҳкам шудани қувваи ҳофизаи бачагон роли калон мебозанд.

Чистонҳои давраи советӣ басо гуногунмавзӯъ буда, соҳаҳои гуногуни ҳаёти одамони советиро дар бар мегиранд. Дар чистонэҷодкунӣ хизмати адибони тоҷик калон аст. Яке аз он шоирони советии тоҷик, ки дар ин ҷабҳа саъю кӯшиш зоҳир намуда, ба баъзе муваффақиятҳои диққатангез ноил гардидааст, А. Деҳотӣ ба шумор меравад.

Чистонҳои А. Деҳотӣ, ки дар мавзӯъҳои гуногун гуфта шудаанд ва аз рӯи характери худ чистонҳои халқиро ба хотир ме-

О, баррачеки масти ман,
Биё давон: дукур-дукур
Чаву алаф ба дасти ман,
Биёу хӯр: кумур-кумур!
Наой, медиҳам ба гов,
Ки мехӯрад: фашар-фушур!

А. Деҳотӣ дар шеърҳои барои хурдсолон эҷоднамудааш кӯшиш кардааст, ки фикри худро ба ҳадди имкон конкреттар ифода намояд. Далели равшани ин даъворо дар шеъри «Фирӯзаҷон хобидааст» мушоҳида намудан мумкин аст. Инак, порчае аз ин шеър:

Мошони шӯхи беқарор,
Бас ҷастухезу дор-дор,
Акнун ту ҳам ором шав,
«Мав-мав» нагӯ бисьёр, рав:
Фирӯзаҷон хобидааст!

Дар адабиёти советӣ махсусан дар соҳаи назм, мавзӯи муҳимме ҳаст, ки он диққати ҳар як шоирро ба худ ҷалб менамояд. Ин мавзӯъ образи Ватан, гузашта ва ҳозираи он аст. Мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ яке аз мавзӯъҳои дӯстдоштаи шоирони тоҷик низ ба шумор меравад. А. Деҳотӣ ҳам борҳо ба ин мавзӯъ муроҷиат кардааст. Шеъри «Ватани мо аз дигар шуд озод»-и ӯ ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст.

Ҳуҷуми аҳдшиканонаи армияи Германияи фашистӣ ба Ватани мо тамоми инсонияти адолатхоҳ ва сулҳпарварро ба қаҳру ғазаб овард. Душмани манфур мехост, ки ҳамаи шаҳру қишлоқҳои моро зеру забар кунад ва халқи советиро ба ғуломи ҳалқабаргӯши худ табдил диҳад. Сӯзондан, тирборон кардан ва ба дор кашидани мардумони ватандӯсти советӣ — чунин буд ният у мароми қабеҳи таҷовузкорони гитлерӣ.

Хост моро кунад ғуломи асир,
Зада бар дасту поямон занҷир.
Ҳар касеро, ки тобеаш нашавад,
Ҳар касеро, ки зидди ӯ хезад,
Хост аз гарданаш ба дор кашад,
Тирборон кунад, кушад, сӯзад.

Душмани бадаъмол мехост, ки бачагони хушбахти советӣ аз ҳама гуна неъматҳои моддӣ ва маънавӣ маҳрум бошанд, бозиву шодӣ ва фароғатро надонанд. Аммо тамоми халқи советӣ, чи марду зан ва чи пиру ҷавон, ҳама чун як тан бар зидди истилогарон бархостанд ва онҳоро торумор намуданд:

Гитлеру нақшаҳош рафт ба бод.
Ватани мо шуд аз дигар озод.

А. Деҳотӣ дар ин шеъри худ тавоноӣ, матонат ва мағлубнопазирии Давлати Советӣ ва халқи шуҷои онро ситоиш мекунад. Ин шеър дар қалби бачагони советӣ ҳисси ватандӯстиро мепарварад.

Таронаҳои «Модари меҳрубони ман» ва «Шогирди Ленин мешавем» аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои А. Деҳотӣ мебошанд. Ӯ агар, дар шеъри аввал образи модар — модари бошафқат, ғамхор ва меҳрпарварро офарида бошад, пас дар шеъри дуйӯм меҳру муҳаббати гарму ҷӯшони нисбат ба доҳӣ, пешво, муаллим ва Инсони бузург В. И. Ленин доштаи бачагони советиро ифода намудааст:

Мо насли хушбахти замон,
Фарзанди халқи қаҳрамон,
Бо байрақи Ленин мудом
Ҳастем озоду амон.
Доно шуда бо илму фан,
Дар хизмати халқу Ватан
Бо роҳи Ленин меравем,
Шогирди Ленин мешавем!

Жанри ҳаҷв дар асарҳои барои бачагон эҷодкардаи А. Деҳотӣ мавқеи алоҳидаро ишғол менамояд. Шеърҳои ҳаҷвии ӯ бачагонро ба оштинопазир будан нисбат ба ҳодисаҳои манфие, ки дар ҳаёт вомехӯранд, даъват менамояд. Дар ин гуна шеърҳои А. Деҳотӣ мо танбеҳ, панду насиҳат ва хитобҳои хушку холиро мушоҳида намекунем. Чунин шеърҳои шоир, монанди «Ҳушаш дар ким-куҷо...», «Ҷон ширин ё велосипед?», «Ба тақлидчии маймун» ва «Ҳасани хӯрҷинкиса», шоёни таъриф ва қобили тақдиранд.

Чистон яке аз шаклҳои шавқовари эҷодиёти даҳанакии халқ мебошад ва онро бачагон дӯст медоранд. Чистонҳо дар тараққӣ ёфтани ҷаҳонбинӣ ва мустаҳкам шудани қувваи ҳофизаи бачагон роли калон мебозанд.

Чистонҳои давраи советӣ басо гуногунмавзӯъ буда, соҳаҳои гуногуни ҳаёти одамони советиро дар бар мегиранд. Дар чистонэҷодкунӣ хизмати адибони тоҷик калон аст. Яке аз он шоирони советии тоҷик, ки дар ин ҷабҳа саъю кӯшиш зоҳир намуда, ба баъзе муваффақиятҳои диққатангез ноил гардидааст, А. Деҳотӣ ба шумор меравад.

Чистонҳои А. Деҳотӣ, ки дар мавзӯъҳои гуногун гуфта шудаанд ва аз рӯи характери худ чистонҳои халқиро ба хотир ме-

расонанд, борҳо интишор ёфтаанд ва ба китобҳои дарсии мактабҳои ибтидоӣ дохил шудаанд. Ин чистонҳо хеле пурмазмун буда, хонандаро водор мекунанд, бисьёр фикр кунад. Барои исботи ин даъвои худ яке аз чистонҳои шоирро мисол меорем:

Худаш бечону аммо номи ду хел чонвар дорад,
Қасе ки ёбад онро, дар даҳан таъми шакар дорад.

(Харбуза)

Дар назари аввал чунин менамояд, ки чавоб ёфтан ба ич чистон кори душвор не, лекин дар ҳақиқат ин тавр нест. Он бачагонро мачбур менамояд, ки барои дарьёфтани чавоб хеле фикр кунанд.

Чистонҳои А. Деҳотӣ, пеш аз ҳама, аз он чиҳат пуркиматанд, ки муғлақии баён, мураккабии тарзи ифода ва носаҳеҳии забон дар онҳо мушоҳида карда намешаванд. Ӯ дар чистонҳои худ хусусиятҳои синнусолӣ, психология ва дарачаи фаҳмиши бачагонро комилан ба эътибор гирифтааст.

Чунин факти чолиби диққатро низ қайд намудан лозим аст, ки А. Деҳотӣ дар чистонгӯӣ танҳо бо шаклҳои маълуми чистон иктифо накардааст. Баъзе аз чистонҳои ӯ, монанди «Қорвони ачоиб», шаклан аз дигар чистонҳо фарқ мекунанд ва хусусиятҳои хоси худро доранд.

Чистони «Қорвони ачоиб» шаклан на танҳо аз дигар чистонҳои А. Деҳотӣ, балки умуман аз чистонҳои халқӣ фарқ мекунад. Навигарӣ ин аст, ки чистони мазкур, бар хилофи дигар чистонҳо, аз ду қисм — аз қисмҳои *савол* ва *чавоб* таркиб ёфтааст.

Мавзӯи баҳси чистони «Қорвони ачоиб»-ро мӯрчаҳо ва меҳнатдӯстии онҳо ташкил медиҳанд. Дар қисми якӯми он муаллиф хислат ва одати хуби мӯрон — меҳнатдӯстӣ, бонизомӣ ва муттафиқии онҳоро тасвир ва тавсиф мекунаду сипас дар назди хонанда савол мегузорад:

— Чист ин корвон, ки нест дар он
На шутур, на аробаву на вагон?

— Чист ин корвони ҳарчогард,
Ки ба роҳаш на чанг ҳасту на гард?

Қисми дуйӯми чистон чавобест ба саволе, ки дар қисми аввал гузошта шудааст:

— Ҳаст ин корвони мӯрчаҳо,
Ки ба чаққонианд дар равуо.

Ба ҷуз инҳо зи олами ҳашарот,
Чист боинтизом дар ҳаракот?

Ҷасади хурду ин қадар ғайрат,
Ҳамаро кардааст дар ҳайрат...

Чистони «Корвони аҷоиб» ба хонандагони худ меҳнатдӯстӣ, пурғайратӣ ва интизомнокиро талқин мекунад. Аҳамияти тарбиявии чистони мазкур маҳз дар ҳамин аст.

Хулоса, асарҳои барои бачагон эҷоднамудаи А. Деҳотӣ, ки мавзӯъҳои гуногунро дар бар кардаанд, дар тарбияи коммунистии насли наврас роли ба назар намоёне мебозанд. Алалхусус, тезгӯякҳо, чистонҳо ва шеърҳои ҳаҷвиаш бо услуби дилчасп ва хусусиятҳои идеявӣ-бадеии худ диққати хонандаро бештар ҷалб менамоянд.

* * *

А. Деҳотӣ ҳанӯз дар давраи пеш аз ҷанг услуби адабиашро муайян намуда, дар адабиёти советии тоҷик ҳамчун шоир мавқеи худро ишғол кард. Аз ин рӯ, давраи пеш аз ҷанг дар эҷодиёти ӯ давраи ҳалкунандае ба шумор меравад. Марҳилаи якуми эҷодиёти индавраи А. Деҳотӣ, пеш аз ҳама, бо он характернок аст, ки дар ин марҳила дар эҷодиёти ӯ жанри ҳаҷв мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар марҳилаи дуюм дар эҷодиёти шоир мавқеи асосиро лирика ишғол менамояд.

Фольклор яке аз сарчашмаҳои асосии эҷодиёти А. Деҳотиро ташкил медиҳад. Маҳсули адабии ӯро бе адабиёти классикӣ ва фольклор ба худ тасаввур кардан маҳол аст. А. Деҳотӣ аз адабиёти классикӣ ва фольклор, пеш аз ҳама, тарзи ифодаи фикр ва офаридани образҳои шоиронаву кӯтоҳбаёниро омӯхтааст. Яке аз усулҳои адабии дӯстдоштаи ӯ иқтибосоварӣ аз шоирони классик ва фольклор буд. Мисраю байтҳои иқтибосие, ки Деҳотӣ ба асарҳои худ дохил намудааст, дар барҷастатар ифода ёфтани фикри ӯ ва кушода додани идеяи асарҳояш роли ба назар намоёне бозидаанд.

А. Деҳотӣ шоири ҷӯянда буд. Ӯ дар баробари истифода кардани шаклҳои шеърии классикӣ, он шаклҳоро вобаста ба мазмуну муидаричаи ашъораш тағьир медод, дигаргун мекард ва ба онҳо далерона ислоҳ медаровард.

Дар эҷодиёти А. Деҳотӣ жанри суруд ҳам мақоми баланд дорад. Ӯ дар адабиёти советии тоҷик яке аз устодони барҷастаи ин жанр ба шумор меравад. Қисми зиёди ашъори лирикии А. Деҳотиро тарона ва сурудҳо ташкил мекунанд. Яке аз сарчашма-

ҳои асосии таронаву сурудҳои ӯ тарона ва сурудҳои халқӣ мебошанд.

Аз хусусиятҳои ҷолиби диққате, ки дар эҷодиёти шоирони суруднавис мушоҳида намудан мумкин аст, ҳаминро бояд нишон дод, ки бештарин таронаву сурудҳои онҳо, бар хилофи тарона ва сурудҳои халқӣ, дар якчанд вазн гуфта шудаанд. Ин хусусият ба таронаву сурудҳои А. Деҳотӣ низ хос аст. Агар дар классикҳо тарона ва сурудҳои ақаллан дар ду вазн навишташударо дучор кардан мумкин набошад, пас дар эҷодиёти шоирони советии тоҷик, аз он ҷумла А. Деҳотӣ, тарона ва сурудҳоеро дучор кардан мумкин аст, ки онҳо дар ду ва ҳатто дар се вазн навишта шудаанд. Ба ин таронаи «Мамлакати мо» (А. Деҳотӣ) далели равшан шуда метавонад.

Таронаву сурудҳои А. Деҳотӣ аз ҷиҳати шакл низ хусусиятҳои ба худ хос доранд. Онҳо на танҳо дар шаклҳои классикӣ, балки дар шаклҳои тамоман нав низ навишта шудаанд, ки баъзе аз ин шаклҳо ҳатто дар адабиёти советии тоҷик ҳам нав мебошанд ва аз ин ҷиҳат онҳо қобили таваҷҷӯҳанд.

Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ барои шоирон дар чорчӯбаҳои маҳдуди назми классикӣ ифода намудани мазмуни нав басо мушкил гардид. Аз ин сабаб шоирони мо дар баробари истифода кардани шаклҳои кӯҳнаи шеърӣ шаклҳои нави шеъриро низ ба вуҷуд овардаанд. Дар эҷодиёти шоирони тоҷик дар дохили як шеъри ҷудогона ба кор бурдани тарзи қофиябандии якчанд шаклҳои шеърӣ то дараҷае ривоҷ дорад. Ин тариқи қофиябандӣ имконият медиҳад, ки шоир мазмун ва мақсади асосии пешгирифтаашро барҷастатар ифода намояд. Дар эҷодиёти А. Деҳотӣ низ шеърҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар онҳо шаклҳои гуногуни қофиябандӣ истифода карда шудаанд.

Дар охир бояд гуфт, ки кӯтоҳбаёнӣ ва соддагиву равонии забон ба тамоми эҷодиёти А. Деҳотӣ хос аст. Ӯ то охири умр аз тарзи фикрбаёнкунии абстракт, ибораороии риторикӣ ва муғлақбаёнӣ худдорӣ намуда, ҳамеша барои тозагии забон мубориза мебурд.

А. Деҳотӣ, ки ҳамчун шоири ширинкалом ва адиби бомаҳорат дар байни хонандагони сершумор ва баландтабъи тоҷик нуфузи калон дорад, дар камолот ва нашъунамои адабиёти советии тоҷик саҳми басазое гузоштааст. Шеърҳои баландпарвози ӯ солҳои сол вирди забон хоҳанд буд.

*М. Искандаров*

# ЛИРИКАИ ИҶТИМОӢ

## ИМРӮЗ

Биёмад муждаҳои хуш ба гӯш аз дӯстон имрӯз,
Ки барпо гашт иди шодии ҷамъи занон имрӯз,
Шуда абри сияҳ дур аз сари мазлумагон имрӯз,
Равон дар зери байраққо занону духтарон имрӯз,

Хурӯш оварда андар кӯчаҳо пиру ҷавон имрӯз,
Шуд огаҳ аз ҳуқуқи худ зани меҳнаткашон имрӯз.

Мусовоти ҳуқуқи марду зан аз инқилоб омад,
Занону духтаронро ҳам ҳуқуқи интихоб омад,
Ҳама мазлума аз чодир бурун чун офтоб омад,
Барои илму дониш дар бараш ҷилду китоб омад,

Аз ин рӯ карда хурсандӣ тамоми дӯстон имрӯз,
Ба чоҳи ғам фитода хоинону душманон имрӯз.

Аё мазлума, берун ой аз кунҷи ҷаҳолатҳо,
Биёю хону аз худ дур кун бори хасоратҳо!
Нахонӣ гар, надорад суд афсӯсу надоматҳо,
Ту бошӣ то ба кай побанди занҷири асоратҳо?

Гулистони ҷаҳолат гашта сар то по хазон имрӯз,
Дамида офтоби маърифат аз ховарон имрӯз.

Аё эй хоҳарони ман, тамаддунро замон омад,
Тамаддунро замон омад, фаранҷиро қирон омад,

Саодатҳо барои модарону хоҳарон омад,
Замони хондану хонондани пиру ҷавон омад,

Мисоли гул шукуфта беваю бечорагон имрӯз,
Ҳаме ояд навои булбулон аз бӯстон имрӯз.

*Марти соли 1929*

## НАВБАҲОРИ ЗАҲМАТКАШОН

Дами гулханнишинӣ рафту айёми баҳор омад,
Барои боғдору пахтакор овони кор омад,
Зи борон дашту саҳроро зи ҳар сӯ ҷӯйбор омад,
Чӣ хуш форам вазон ин дар насими навбаҳор омад!

Хушо, аз баҳри заҳматкаш дар ин айёми дилшодӣ,
Шуда рӯзи Якӯми Мой субҳи иди озодӣ.
Кунад мазлумро шоду ба олам бахшад ободӣ,
Вале бар аҳли сарват шоми мотам гашту ношодӣ.

Ба хориҷ дӯстони мо асири мустабиддонанд,
Дучори кулфату афтода андар чоҳи зиндонанд,
Зану фарзанди онон рӯз то шаб дидагирьёнанд,
Ғарибу бекасу беёвару бехонумононанд...

Зи мо бодо самимона салом он дӯстдоронро!
Ҷудо аз хонумон гардида побандони зиндонро!
Мапиндоранд ҳаргиз доимӣ бедоди боёнро,
Ки дасти адл рӯзе мекунад озод ононро!
Зи бун бармеканад буньёди зулми мустабиддонро!

*Май соли 1929*

## ТАРОНАИ КОЛХОЗЧИЁН[1]

Фасли зимистон тамом
Гашту баҳорон расид,
Пардаи зулмат дарид,
Меҳри дурахшон дамид,
Муждаи нав-нав шунав
Аз чаману сабзазор.

Барзгару коргар
Як шуда бо ҳамдигар,
Кӯшишу ғайрат кунем,
Хок шавад то ки зар;
Бод ба мо барқарор
Зиндагии нашъадор.

Соҳили дарьёст хуш,
Об занад мавҷу ҷӯш,
Ҷӯшишу туғьёни об
Мекунад ин сон хитоб:
Ҷуфт бирон, дона кор,
Дашт шавад чу гулзор!

Духтари меҳнат бубин,
Бо мушаки оҳанин,
Бо рухи сурхи чу гул
Қор кунад бар замин
Бо шарафу ифтихор.

Аввали май иди мост,
Фарҳату шодии мост,
Марг бубахшад бар он
Зумра, ки бар зидди мост,
Чун шаҳу сармоядор...

*Апрели соли 1930*

## БА МУНОСИБАТИ ВАФОТИ ҚАҲРАМОНИ МУБОРИЗ ВА ХОДИМИ МАТБУОТИ ПРОЛЕТАРӢ РАФИҚ ИМОМАЛӢ БӮРОНОВ — ШАФҚАТ [2]

Бо далерию кӯшиши бисьёр,
Бо самимияту умеди зиёд
Карда аз адл боғи нав обод
Тӯдаи ранҷбар ба фасли баҳор.

Бинишонда зи ҳар кадом ниҳол,
Кишта ҳаргуна растанӣ комил,
Турфа осудагӣ шуда ҳосил,
Меваҳо ёфта тамом камол...

Ҳайф, вақти камол дид завол...,
З-он миён як дарахти пурсамаре
Шуд дучори балои бохатаре,
Гашт чун мурғи рехта пару бол;

Охираш хушк шуд зи беху фитод,
Барг пажмурда, меваҳо яксон,
Боғбон мекашид оҳу фиғон,
Даст бар сар зада ба сад фарьёд...

Гоҳ молида рӯи хеш ба хок,
Дасти ҳасрат газида бо дандон,
Ашкрезон чу жола аз чашмон,
Менамуд аз алам гиребон чок...

Боғбон! З-ин сабаб малӯл машав!
Гирья орад туро чӣ нафъу чӣ суд?
Сабр бинмо, расад ба боғат зуд
Ҷои як, сад ҳазор навдаи нав.

*1930*

## БА ШАРАФИ ТАЪЛИМИ УМУМИИ МАҶБУРӢ[3]

«Ман кистам?—Муборизи синфи ситамкашон,
Аз шоҳу шайху хону худо иҷтиноб кун».
*(Лоҳутӣ)*

Эй кӯдаки деҳот! Қунун тарки хоб кун,
Паймои роҳи донишу дар бар китоб кун!
Бедонишӣ бад аст, хусусан дар ин замон,
Бархез баҳри рафтани мактаб шитоб кун!
Дониш чароғи роҳи саодат шавад туро,
Аз ин ту шоми тираи худ моҳтоб кун!
Овони Шӯравӣ дари илму фунун кушод,
Худро зи боғи илму ҳунар комьёб кун!
Эй хоҳари азизи ман! Эй модари шафиқ!
Ҳур бошу дарс хон туву тарки ҳиҷоб кун!
Диғар мадеҳ ба гуфтаи муллою шайх гӯш,
Зинҳор аз ин гурӯҳи ҳавом иҷтикоб кун!
Деҳотиё, ба саъйу амал танбалӣ макун,
Ҷонро фидои хидмати даври шабоб кун!*
Ёде намо зи гуфтаи Лоҳутӣ мисрае,
«Ҷонам фидои ранҷбари инқилобкун».

*5 декабри соли 1930*

* Даври шабоб—ишора ба давраи азнавсозӣ.

## ДАЪВАТ

Аё ҷавони бағайрат, ниҳоли боғи Ленин!
Саодати нави меҳнаткашони рӯи замин!
Миёни ғайрати худ банд, к-андар ин майдон
Ситода дар паи мо ҷумла хоинони лаин.

Биё, ҷавони баҳиммат, даро ба лашкари сурх!
Намо ҳимояи ин мулки ҳуру кишвари сурх!

Даромада ба либоси рақиб кайк магар?
Ва ё газидашу печида мори ҷаҳл ба сар?
Гирифтааст табу ларзу тарс... Аз аламаш
Ҳамезанад тани худро ба ҳар чӣ шуд ба назар...

Биё, ҷавони баҳиммат, даро ба лашкари сурх!
Намо ҳимояи ин мулки ҳуру кишвари сурх!

Ба мост қуввати бозую ақли аз ҳама беш,
Ба сӯи социализм қадам ниҳем ба пеш,
Ҳаёти тоза ба олам бино кунем, вале
Тамоми душмани мо мекананд гӯр ба хеш...

Биё, ҷавони баҳиммат, даро ба лашкари сурх!
Намо ҳимояи ин мулки ҳуру кишвари сурх!

Ба ту ҳаёти нави пешрав муборак бод!
Ба сӯи ғолибият тозу дав муборак бод!
Ба мо ҳаёти зафар, хуррамӣ,
Ба душмани мо —
Азобу ранҷи хасад, марги нав муборак бод!

Биё, ҷавони баҳиммат, даро ба лашкари сурх!
Намо ҳимояи ин мулки ҳуру кишвари сурх!

Ту, эй ки духтари колхозчию коргарӣ,
Ва эй ту, ки зани меҳнаткашию ранҷбарӣ,
Чаро мудофиаи мулки худ набинмоӣ?
Ва ҳол он ки ту озоду соҳиби ҳунарӣ!

Биё ту, духтари меҳнат, ба мисли аскари сурх!
Намо ҳимояи ин мулки ҳуру кишвари сурх!

*Соли 1931*

## БА ЁДОВАРИИ ШОИРИ ШЎРОИИ ТОҶИК — ДЎСТАМ ПАЙРАВ СУЛАЙМОНӢ

Телеграммаи ғам-овару аламбуньёд.
Телеграммаи мудҳиш, расид тунд чу бод;
Хабар, хабар —
«Хабари дилхарошу пурҳаяҷон»*
Чу тир ҷонгузар асту чу теғ тез, чунон
Ки з-ӯ яке шуда гирьёну дуввумӣ ларзон,
Яке ғариқи таассуф, яке дигар ҳайрон.
Чӣ сон хабар?
— Ба рафиқон расида ин мазмун,
Ки:
«Соати шаши рӯзи 9-ӯми моҳи июнь
Адибу шоири шӯроӣ — Пайрави ноком
Вафот ёфт пас аз хастагии пур-олом...»
Суханшиносу фасоҳатнигору санъаткор,
Ки санъати қаламаш қарнҳо шавад подор,
Зи бӯстони адаб худ чу булбуле бупарид,
Вале шукуфаи абъёти ӯ бувад ҷовид.
Кунун ба мотами ӯ ҷои оҳу афғон нест.
Чунин сифат-сифати ҳизби большевикон нест!
Ба мо равост, ки тарбияти ҷавононро
Кунем бо сифати хуб комилан иҷро.

Ки то зи батраку колхозчиёну коргарон,
Зи байни тӯдаи меҳнаткашони рӯи ҷаҳон.

* Ин мисраъ аз як шеъри худи Пайрав гирифта шудааст. *А. Д*

Ба ҷои Пайрави фавтидаи пуристеъдод,
Талантҳои зиёди ҷавон шаванд эҷод!

Талантҳои қависанъати пролетарӣ,
Талантҳои баланди ҳаёти ранҷбарӣ.

Талантҳои чу Горький — адиби оламгир,
Талантҳои чу Лоҳутӣ — устоди кабир.

*Июни соли 1933*

## БА НАЙ ВА БА НАЙНАВОЗИ САНЪАТКОР АБДУҚОДИР ИСМОИЛОВ [4]

Миён бастӣ ба ҷон фармони дилро
Расондӣ то фалак афғони дилро.

Равон кардӣ чу сел аз нолаҳоят
Сиришки ҳасрати чашмони дилро.

Чу хокистар басе бар бод додӣ
Ғаму андӯҳи бепоёни дилро.

Ба селоби фано ҳам тоб овард,
Нигар сангинии буньёни дилро!

Ба сад сахтию душворӣ набигсехт,
Бубин подории паймони дилро!

Сухан кӯтоҳ, чун шамъи шабафрӯз
Ба сар бурдӣ шаби эҳзони дилро.

Бишӯридию охир кардӣ исбот
Ба олам қуввати исьёни дилро!

Саройӣ ин замон бе нолаю оҳ
Суруди шодии даврони дилро.

Биё, ҳар лаҳза бо мо рози дил гӯй,
Кушо ганҷинаи пинҳони дилро!

Далерона саро, то ларза гирад
Тани манфури бадхохони дилро!

Бираксон дар фазои боғи ҳастӣ
Садои хониши мурғони дилро!

Ба савти хуш дар ин гулзори озод
Хурӯшон булбули хушхони дилро!

Намо пок аз ғубори кӯҳна ғамҳо
Рухи оинаи рахшони дилро!

Саро, то доимо ҷавлон намояд
Саманди санъатат майдони дилро!

Саро аз мағзи ҷону ҷӯшише деҳ
Зи нав хуни тани ҷӯшони дилро!

Саро аз комьёбиҳо, ки фаҳмад
Ҷаҳон нашъунамою шони дилро!

Саро аз шавқи дил, то он сурудат
Паёми дил барад ёрони дилро!

Туӣ устоди қодир, к-аз наи ҷӯб
Барорӣ наъраю илҳони дилро!

Туӣ як ходими боҳиммати дил,
Ба ҷон иҷро намо фармони дилро!

Бимон ҷовид дар даврону хуш зӣ,
Адо кун хизмати шоёни дилро!

*Маи с. 1934*

## ВИДОЪ

### I

«Ба дасти душмани қаттол кушта шуд Киров...»
Чунин хабар ба ҷаҳон мисли боди тунд вазид,
Зи шиддати ҳаяҷон ҷисму ҷони мо ларзид,
Даруни сина нафас монд лаҳзае хомӯш...

Дубора дил, дили бечора, беқарор тапид,
Танӯри сина дигар сахт шуълавар гардид,
Ба ҳар раги танамон хуни интиқом давид,
Ба дидаҳо бинигар,—
Мезанад ғазабҳо ҷӯш!..

Ватан яке писари номдори худ гум кард,
Либоси мотами вайро ба тан кашид имрӯз;
Гирист мусиқию маршу нолаи ҷонсӯз
Баланд аз дили Маскав ба ҳафт анҷум кард.

Дигар на маҷлису на анҷуман намешунавад
Хурӯшу ғулғули он нутқҳои оташбор;
На радио зи бари вай саломи нутқу шиор
Ба ҳар намоишу иду ба ҳар фронт барад.

Ҳамон ду чашми дурахшон, ду чашми барқосор
Дигар ба чеҳраи сурхи Ватан наменигарад,
Дубора он ҷасади паҳлавон намегузарад
Зи пеши дида ба сафҳои раҳбарони кибор.

Дигар баромади ӯро насозад истиқбол
На шаҳри пурфани Ленин, на рӯи минбари сурх;

На коргар ва на колхозчию на аскари сурх
Набинад он лаби пурханда, ҷуз ба фикру хаёл.

Видоъ, роҳбари қаҳрамон,
Видоъ, видоъ!
Видоъ, фотеҳи номию паҳлавони Ватан!
Видоъ, нотиқи донои оташинсухан!
Видоъ, аз тарафи дӯстон,
Видоъ, видоъ!

Ту, ки ба зиндагият дӯстдори халқ будӣ,
Ба фавти бемаҳалат дӯстони навъи башар
Азо гирифта кашиданд оҳҳо зи ҷигар,
Азо гирифта, вале на зи рӯи навмедӣ.

Чу синфи коргару ҳизби большевикон ҳаст,
Давоми мақсади ту лаҳзае нагардад кам,
Чу номи Марксу Ленин ба даҳр номи ту ҳам —
Баланд мешаваду, номи душманонат паст.

II

Зиновьев шуда маккоррӯбаҳи сарпаст,
Ниқоби сурх ба рӯяш кашида омад боз,
Ки дасти хунии худро кунад ба халқ дароз...
Валек дасти варо халқ беамон бишкаст.

Гузор, то ҳамаи душманони мо донанд,
Ки мулки мост хурӯшандабаҳри пуртуғьён,
Ба кам намудани як мавҷи кӯҳ-афкани он
Хурӯшу ҷӯши варо паст карда натвонанд!

*Декабри с. 1934*

## МАРҲАБО

*(Ба як даста бунафша)*

Марҳабо, марҳабо, вакили баҳор,
Муждаи тоза деҳ зи даргаҳи ёр.

Марҳабо, корвони бӯстонҳо,
Сӯи мо бори мушку атр биёр.

Боғро зинати нав аз рангат,
Боди саҳро зи бӯят анбарбор.

Бар замин фарш гашта колини сабз,
То намонӣ ту по ба хоку ғубор.

Марҳабо, меҳмони ҷонпарвар,
Ки дилу ҷон турост меҳмондор!

Марҳабо, меҳмони иззатманд,
Ки бароят кушодаем канор!

Офаринҳо ба дасти меҳнаткаш,
Ки туро чида нозук аз гулзор,

Баҳри хушнудии дили ёрон
Баста овард бар сари бозор.

Тан ба васлат ҳамешагӣ мушток,
Ҷон зи лутфат мудом миннатдор.

Аз висолат басе сарафрозам,
Лек дар ҳайратам ба як кирдор:

Ҳайратам з-он ки ту ба ин хубӣ,
Бо чунин иззу шӯҳрати бисьёр

Аз чӣ ин гуна мондай сархам,
Мисли мазлумаҳои давраи чор?

Магар ин сархамию маҳзунӣ
Монда баҳрат нишон зи ҷабру фишор?

Ту зи гулҳои даври нав омӯз,
Хандаю қадкашию авҷу барор.

Ёд дорӣ, ки духтарон буданд
Дар замони гузашта хастаю хор.

З-он сабаб мисли ту буданд мудом:
Лоғару сархаму хиҷолатдор...

Бингар акнун, ки духтарон шудаанд
Сарфарозу далеру нодиракор.

Ту аз инҳо дуруст ибрат гир,
Чеҳра бикшой, ханд, сар бардор!

*Марти с. 1935.*

## БАҲОРИ ОРЗУ

«Дар ин баҳори нозанин,
Ки хок гашта анбарин,
Зи ман рабуда ақлу дин
Нигоре аз нигорҳо...»
*(Қоонӣ)*

Диёри ман баҳорҳо
Гирифта дар канорҳо,
Аз он чу лолазорҳо
Шукуфта рӯзгорҳо.

Табиат аз китоби нав
Кушода фаслу боби нав,
Намуд интихоби нав
Хате зи сабзазорҳо.

Дарахтҳои босамар
Шуданд сабзу гулбасар,
Ки ҷилвагар ба ҳар назар
Чу нозанин нигорҳо.

Ҳаёт пурнавид шуд,
Ба киштзор ид шуд,
Хурӯши нав падид шуд
Зи ҷӯши пахтакорҳо.

Баҳори орзуи ман
Зи дил кушод сад чаман,
Ки карда андар он ватан
Ҳазорҳо ҳазорҳо*....

---

* Ҳазор — ғайр аз маънии маълумаш ба маънии булбул ҳам меояд.

Зи шаҳр ёру дӯстон
Ба сайри боғу бӯстон
Равон чу сурхкорвон,
Ба чангу ною торҳо.

Дило! Зи хуррамӣ саро,
Ки толеъ аст бахти мо,
Чунин тулӯи бахтро
Надида бахтьёрҳо.

Ҳавои ишқ дар сарам,
Висоли ёр раҳбарам,
Чу мурғи шавқ мепарам,
Ба авҷи ифтихорҳо.

Ба шавқи ишқи ин Ватан
Зи қаъри дил ба кӯҳи тан
Занад фавора шеъри ман,
Чу оби чашмасорҳо...

*Апрели с. 1935*

## ИДӢ

Эй дили пур зи ҷӯши олами нав,
Дили пурҷӯши баҳрсон — Маскав!
Шунав, эй пойтахти сурхи ватан,
Эй зи меҳнат шукуфта мисли чаман!

Тоҷикистон «гули боғи ленинизм,
Писари ҳафтумии социализм»*
Ваъдаи додаи худ иҷро кард.
Ҳиммату мардии беҳамто кард.
Дар ҷаҳон ваъда зиёд аст, аммо
Чӣ хуш он ваъда, ки карданд вафо!
Чун ба иҷрои плон ғолиб шуд,
Ба ҳама шаъну шараф соҳиб шуд.
Офаринҳо ба сараш чун борон
Омад аз роҳбарону ёрон.
З-ин хабар шод занону мардон,
Пиру барно — ҳамагӣ то тифлон.
Нақшаи пахтаи худ пур кардем,
Дурри мақсуд ба каф овардем.
Бувад иҷрои плон шодии мо,
Иди пуршаъни туро идии мо!
Иди ту — иди ҳама кишвари мост.
Иди Октябри зафаровари мост.

*5 ноябри с. 1935*

---

* Ин байт аз А. Лоҳутӣ.

## ДИЛ ДАР САРИ МИКРОФОН [6]

*(Ба якӯмин анҷумани ҷумҳуриятии ҷавонзанони Тоҷикистон)*

Як дам, эй устоди тӯтибоз,
Аз сари лутф шав ба мо дамсоз!

Тӯтиятро ба нутқи оташбор
Лаҳзае соз бар дили мо ёр!

То бихонанд оташин пайғом,
Бари он тӯтиёни шаҳдкалом.

Омили мӯъҷизоти ҳушрабо!
Кошифи* рози обу хоку ҳаво!

Шоҳиди иқтидори фанну ҳунар!
Фосихи** «мӯъҷизот»-и пайғамбар!

Нутқомӯзи тӯтии беҷон!
Болу-парбахши нутқи наттоқон! —

Эй ту техники радио, бархез,
Дар ҳаво шӯре аз ҳунар ангез!

Микрофонро забони бурро бахш!
Нутқи гӯё, каломи зебо бахш!

Мавҷро гӯ: — ба ҷӯшу туғьён шав,
Дар дили осмон парешон шав!

---

* Кошиф — кушоянда.
** Фосих — пуч ва бекоркунанда.

Аз фазо шоҳроҳи худ дарьёб,
Паи матлуб барқсон биштоб!

Дар дили ин диёри пур-азамат
Барқарор аст қасри боҳашамат.

Андар он қаср тӯтиёни замон
Ҷамъ ҳастанду рози дил гӯён.

Бо тавозӯъ даро ба сӯҳбаташон,
Пас, саломе зи номи дил бархон!

Анҷуманшон намо муборакбод,
Гӯй ҳар он чи дил супориш дод,

Қ-ин замон дил ба рӯи минбар шуд,
Дар сари микрофон суханвар шуд,

То шумо тӯтиёни хушгӯро,
То шумо ғунчаҳои хушбӯро,

Бо садоқат намояд аз наздик,
Дар чунин рӯзи идатон табрик.

Эй, шумо тӯтиёни вораста,
Қафаси тангу тор бишкаста!

Эй, чу гулғунча духтарони ҷавон
Бахтьёред-бахтьёри ҷаҳон!

Бахтатон мисли чеҳраю лабатон:
Равшан асту кушодаю хандон!

Бӯстонест кишвари Шӯро,
Андалебед ҳар кадоми шумо!

Чашматон аз саводи ғафлат дур,
Саратон пур зи нури илму шуур!

Ҷонатон аз фишори зулм озод
Дилатон аз нисори шафқат шод!

Бо чунин бахт, ки шумо доред
Месазад, гар зи фахри худ болед!

* * *

Ба шумо бозҳои кишварамон!
Эй ҷавондухтару ҷавонзанон!

Ба шумо наслҳои даҳри дигар —
Бо саодаттарини насли башар,

Ба шумо тӯтиёни шаҳдкалом
Бод аз номи дил
Салом!
Салом!

*Ноябри с. 1935*

## МАМЛАКАТИ МО [7]

*(Тарона)*

I

Чӣ бахти хандон?
Чӣ рӯзи фирӯз?
Нишони Ленин
Гирифта имрӯз,

Духтари хушбахти замон, Мамлакати мо,
Муборак, муборак,
Нишони Ленин ба ту, эй Мамлакати мо!

II

Ба кору хондан
Гашта ударник,
Шунид аз олам
Садои табрик,

Лоиқи табрики ҷаҳон, Мамлакати мо,
Муборак, муборак,
Нишони Ленин ба ту, эй Мамлакати мо!

III

Духтари ин давр —
Духтари чун шер,
Далеру ҷангист
Узви пионер,

Далери ҷангии ҷавон, Мамлакати мо,
Муборак, муборак,
Нишони Ленин ба ту, эй Мамлакати мо!

IV

Номи накӯяш
Зикри ҳар одам,
Шавкату шаънаш
Шӯҳрати олам,

Соҳиби ҳар шавкату шон, Мамлакати мо,
Муборак, муборак,
Нишони Ленин ба ту, эй Мамлакати мо!

*Декабри с. 1935*

## БА МОСКВА

*(Дар роҳ ба сӯи он)*

Дил орзӯи туро дошт солҳои дароз,
Чунон ки ошиқи содиқ нигоҳ дорад роз.

Кунун ба роҳи туам, аз чӣ суст мегардад,
Магар ба пош ҳино бастааст ин паровоз?

Чи мешуд ин, ки вагон низ болу пар медошт,
Ки то чу айроплан дар раҳат кунад парвоз.

Ба суръати стахановчигӣ, аё машинист,
Маро ба дилбари худ зудтар намо дамсоз.

Зи роҳи дуру дарозе расидаам ба барат,
Канори худ бикушой, эй нигори дӯстнавоз!

Ту он нигори аҷибӣ, ки ошиқони туро
Ба якдигар на рақобат бувад, на сӯзу гудоз.

Ҳама ба даргаҳи ту меҳрубони ҳамдигаранд,
Ҳама зи давлати ҳусни ту шоду сар-афроз.

Ба дасти ҳар якашон номи туст байраҳи фатҳ
Барои ҳар якашон лутфи туст дафъи ниёз.

Қабул соз, ки як меҳмони шаҳри туам,
Деҳотиям, зи деҳоти шукуфта аз колхоз!

*Феврали с. 1936*

## БОЗ ҲАМ БА МОСКВА

Дар бозгашти вакилони пахтакорони Тоҷикистон, ки ба иди Якуми Май рафта буданд.

Аспи оҳантан равон шуд боз дар раҳ барқвор,
Он чу сар-аскар, қӯшунаш ин вагонҳои қатор.

Мо ҳам аз кӯи ту мегардем пас бо ин қӯшун,
Хайр акнун, хайр акнун,
Эй диёри номдор!

Чанд рӯзе меҳмони иди пуршаънат шудем,
З-ин шараф дорем ҳар як дар сари худ ифтихор.

Он шафаққатҳо, ки кардӣ беҳтар аз ҳар модаре,
Солҳо монад ба лавҳи хотири мо барқарор.

Рӯзи иди сурх оғӯшат зи байроқҳои сурх
Шуд чу кӯҳи лолазори Тоҷикистон дар баҳор.

Кӯҳсори Тоҷикистон ҳам ба истиқболи ид
Бар сараш бардошт байроқҳои сурх аз лолазор.

Солҳо чун орзуи васли ёри дилнавоз
Сайри оғӯши фароҳат буд дар дилҳо шиор.

Бахтьёрем ин, ки мо ноил ба ин матлаб шудем,
Ҳар кӣ бар матлаб расад, худро шуморад бахтьёр.

Аз чаманҳои баҳори бехазонат мебарем
Баҳри ёрону рафиқон тӯҳфаҳои бешумор.

Кишвари мо пахтазор асту туй чун офтоб,
Аз шуои офтоб ояд ривочи пахтазор.

Меравем аз даргаҳат чун паҳлавон дар гӯштӣ
Бо дили ҷӯшону пур аз шавқ дар майдони кор.

* * *

Аспи оҳантан равон шуд боз дар раҳ барқвор,
Он чу сар-аскар, кӯшунаш ин вагонҳои қатор.

Мо ҳам аз кӯи ту мегардем пас бо ин қӯшун,
Хайр акнун, хайр акнун,
Эй диёри номдор!

*Маи с. 1936*

## ТААССУРОТ

*(Аз боғи марказии маданият ва истироҳати Самарқанд)*

### I Ба фонтан

Зи қалбат обҳо фаввора доранд,
Мисоли ишқи меҳнат аз дили мо;
Чунон равшан канорат аз электир,
Ки аз дидори дилбар манзили мо!

### II Ба лампаи электрик

Миёни шоххо нури ҷамолат,
Ба софӣ нури маҳро хира кардаст.
Бале пеши ту маҳ худро зи хиҷлат
Ниҳон дар пушти абри тира кардаст.

### III Баҳр

Аҷаб бахрест ин ҷо, гар бидонӣ,
Дар он ғаркем моҳо ҷовидонӣ,
Чӣ хушбахт аст чун мо ҳар кӣ дар даҳр
Шавад вай ғарқи баҳри шодмонӣ!

*Июни с. 1936*

## БАҲОР

Тӯе ба истиқболи гул
Дар бӯстон дорад баҳор,
Аз сабза пойандозҳо
Бар гулрухон дорад баҳор.
Аз шиддати сармову ях
Гӯё табиат мурда буд,
Дар боди атрафшони худ
Пайғоми ҷон дорад баҳор.
Аз санги хоро лолаҳо
Бишкуфту гул аз хори хушк,
Сад сеҳру ҷоду аз нафас
Ҳар дам аён дорад баҳор.
Бар нав-арӯсони чаман
Пӯшонда махмалҳои сабз.
Аз баҳри зеби дасташон
Гул армуғон дорад баҳор.
Як дона дурри бебаҳо
Ҳар қатра боронаш ба мо,
Чун нуқра дар ҷӯборҳо
Оби равон дорад баҳор.

*Июли с. 1936*

## ИФТИХОРИ МО [8]

Пиру ҷавони мамлакати беканори мо,
Шаҳру деҳоту баҳру бару кӯҳсори мо.

Колхозу корхонаву зовуду кони мо —
Ҷону тану дилу сару чашму забони мо.

Хонанд дар таронаи ин даври эминӣ
«Бигзор, зинда бод гулистони ленинӣ...»

Болем халқи Мулки Советӣ, ки даврамон
Шуд боиси ҳасадбарию рашки душманон.

Дуньёи муйсафед!
Ту ҳам фахр кун, бирав,
Монанди мо ҷавон шудаӣ з-ин ҳаёти нав!

Ҳаргиз намирад он ки равад бо мароми мо!*
«Сабт аст бар ҷаридаи** олам давоми мо!»

«Соқӣ, ба нури бода барафрӯз ҷоми мо.
Мутриб, бигӯ ки:
Кори ҷаҳон шуд ба коми мо!»

*Декабри с. 1936*

---

* Ҳофиз мегӯяд: «Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда шуд ба ишқ», ин ҷо мазмуни ин мисраъ тағьир дода шуд. Се мисраи охирин ҳам аз Ҳофиз аст.

** Ҷарида — дафтар, дар ин ҷо ба маънии таърих кор фармуда шудааст.

## БА МОДАР — БА ВАТАН

Устухонам гашта сахт аз кӯдакӣ бо шири ту,
Растам озод андар ин оғӯши оламгири ту,
Ёфтам авҷу камоли нав зи ҳар тадбири ту,
Модари мушфиқ туӣ бар насли заҳмат, эй Ватан!
Медиҳам дар ҳифзи ту, гар лозим ояд, ҷону тан!

Лашкари сурх аст чун девори оҳан дар барат,
Чун Громов қаҳрамоне ҳаст дар ҳар як дарат,
Кай диҳад раҳ, ки расад дасти хиёнат бар сарат!
Модари мушфиқ туӣ бар насли заҳмат, эй Ватан!
Медиҳам дар ҳифзи ту, гар лозим ояд, ҷону тан!

Душманат гар дар фазоят пар занад,— сӯзад параш
Гар ниҳад по бар заминат,— зери по гардад сараш
Гар зи роҳи обат ояд,— ғарқ гардад пайкараш!
Модари мушфиқ туӣ бар насли заҳмат, эй Ватан!
Медиҳам дар ҳифзи ту, гар лозим ояд, ҷону тан!

Маркази уммедбахши мардуми олам туӣ,
Маскани осоиши ҳар зодаи одам туӣ,
Олами заҳмат биҳиште дораду он ҳам туӣ,
Модари мушфиқ туӣ бар насли захмат, эй Ватан!
Медиҳам дар ҳифзи ту, гар лозим ояд, ҷону тан!

Дар дилам меҳри туро ҷо дода ҷавлон мекунам,
Ҳар куҷо бо номи ту ҳар мушкил осон мекунам,
Номи некат зинати таърихи даврон мекунам,
Модари мушфиқ туӣ бар насли заҳмат, эй Ватан!
Медиҳам дар ҳифзи ту, гар лозим ояд, ҷону тан!

*Маи с. 1937*

## ДУСТӢ

Хоку иқлими советӣ сар ба сар як гулшан аст,
Ҳар яки мо халқи озодаш гули ин гулшанем.

Шаст миллат муттафиқ гардида дар як хонадон,
Душманони дӯстиро бетараҳҳум душманем!

Русу тоҷику қазоқу украину арманӣ...
Зери байроқи Советҳо мисли як ҷону танем!

Аз парешон кардани мо зӯри душман оҷиз аст,
Вай агар дарьё бувад, мо кӯҳи сангу оҳанем!

Мерасад рӯзе, ки дар ҳар қитъаи рӯи замин
Заққуми кину адоватро зи бехаш меканем!

Қуллаҳои Помиру Албурз ҷавлонгоҳи мост —
Байроқи рахшони худ бар фарқи дуньё мезанем!

Ҳастии мо боиси фахру шукӯҳи олам аст,
Омили озодию сарчашмаи илму фанем!

*Октябри с. 1937*

## ЭҲ, МАРГ БА МАРГ!

*(Ба фавти Серго Орҷоникидзе)*

Боз ин чӣ алам,
Чӣ кулфату ғам,
Қ-аз вай шуда оламе ба мотам?

Боз ин чӣ хабар, чӣ шум оҳанг,
Бар шишаи ҳуш мезанад санг?..

Эй байрақи сурх, сар фуруд ор,
Музика, ҳавои нола бардор!

Сар барзада кулфате, ки аз он
Шуд ғарқи алам ҷаҳони инсон!

Аз ғурриши боди марги манфур
Шуд шамъи яке ҳаёт бенур —

Рафт аз бари мо рафиқ Серго,
Фарзанди азизи кишвари мо.

Рафт он, ки ба Октябрь кӯшид,
Дар оташи Октябрь ҷӯшид.

Он кас, ки ба ҳар ҷидолу ҳар ҷанг
Мекард ба душманон ҷаҳон танг.

Рафт, он, ки мудом дар ҳаёташ
Ҷангид миёни обу оташ,

То коргару фақиру деҳқон
Озод нафас кашад чу инсон.

Он сабз дарахти мевашярин,
Парвардаи бӯстони Ленин

Бо офати марг гашт бебарг,
Эҳ, марг ба марги лаънатӣ, марг!

* * *

Марг аст балои ҷони инсон,
Сӯзандаи хонумони инсон,

Вай душмани кӯру безабон аст.
Бадтар зи тамоми душманон аст.

Мебуд агар шууру чашмаш,
Мезад ба фашизм теғи хашмаш!

* * *

Ёрону бародарон, рафиқон,
Эй комсомолону навҷавонон!

Байроқи зафар баланд созем,
Наққораи хуррамӣ навозем.

Бар лашкари ғам ҳуҷум орем,
Гард аз тану ҷони вай барорем!

Назди Ватани азизу озод
Созем зи ҷон чунин қасам ёд:

Гар мурд яке рафиқ Серго,
Моем ҳаёт — миллионҳо!

Бо меҳру муҳаббати ҷавонӣ
Ҳастем туро ба посбонӣ.

* * *

Эй байрақи сурх, қад барафроз!
Музика, навои фатҳ бинвоз!

*20-ӯми феврали с. 1937*

## МАШЪАЛИ ҚУТБИ ШИМОЛ

*(Тарона дар бораи папанинчиён)*

I

Чор писар аз писарони ватан,
Монда ба каф ҷон, ба ватан дода тан,
Бо зафар эҷод намуданду фатҳ
Мӯъҷизаи тоза ба дуньёи фан,
То шуд аз ин мӯъҷизаи бемисол
Байрақи мо машъали Қутби Шимол.

II

Қутби Шимолӣ, ки ба як умри худ
Пеши касе сар нафуроварда буд,
Ғолибии большевиконро ки дид,
Ҳам ба тавозӯъ шуду меҳмон намуд,
То шуд аз ин мӯъҷизаи бемисол
Байрақи мо машъали Қутби Шимол.

III

Шӯриши бӯронии девонавор,
Сардии тоқатшикани ҷонбарор...
Ҳеҷ накарданд асар, чунки буд
Меҳри Ватан ҷо ба дили ин чаҳор,
То шуд аз ин мӯъҷизаи бемисол
Байрақи мо машъали Қутби Шимол.

IV

Хоку яху бод ба фармони мост,
Кутб шуҷоатгаҳи мардони мост.

Фатҳи Папанин, ки яхистон кушод,
Зинати сардафтари даврони мост,
То шуд аз ин мӯъҷизаи бемисол
Байрақи мо машъали Қутби Шимол.

*Феврали с. 1938*

## ДАР ШАЪНИ ДАРВОЗ

Ду-се рӯзе шудам меҳмони Дарвоз,
Намудам сайри ҳар бӯстони Дарвоз,

Ба дил ҳамчун баҳорон сайқалам дод
Тамошоҳои кӯҳистони Дарвоз.

Ба як сӯ барфу як сӯ пухта гелос,
Аҷаб фаслест тобистони Дарвоз!

Шукуфта мисли рӯи духтаронаш
Чаманҳои анористони Дарвоз.

Ба васфи чашмаву обаш чӣ гӯям? —
Ҳазорон салсабил қурбони Дарвоз!

Бихон, тоҷики дарвозӣ, ғазалҳо
Зи ҷӯши дил дар ин даврони Дарвоз!

Мисоли шабпарак душман гурезад
Зи нури байрақи рахшони Дарвоз.

Расад гар душмане, гӯраш биёбад
Зи қаъри Панҷи буртуғьёни Дарвоз.

Агар номанд: Қони Ҳусну Хубӣ —
Чунин номе шавад шоёни Дарвоз!

Ба дидан сода, аммо дилрабоед,
Чӣ сеҳр аст ин, сияҳчашмони Дарвоз!

Деҳотиро хуморӣ кард як умр
Тамошои шумо, хубони Дарвоз!

*Қалъаи Хум, 16-ўми июни с. 1938*

## БА КОМСОМОЛДУХТАР

Қомсомолдухтар! Ту бо ин ном бар насли башар
Дарсомӯзӣ зи бахти навҷавонӣ мекунӣ.

Ҳаст пок аз гарди ғам мисли ду рӯят зиндагет,
Бахтьёр аст он, ки бо вай зиндагонӣ мекунӣ.

Чашми олам чун ту мушфиқ хоҳаре нодидааст,
Баски бар ҳар халқи дуньё меҳрубонӣ мекунӣ.

Мурғи пӯлодию аспи оҳанин роми туанд,
Гаҳ фазогардӣ, гаҳе саҳродавонӣ мекунӣ.

Душмане гар по ниҳад дар хоки мо, бар дафъи вай
Дар сафи мардони майдон қаҳрамонӣ мекунӣ.

Гар қалам гирӣ ба шавқи санъати шеъру сухан,
Эҳ, намедонам, чӣ сон ширинзабонӣ мекунӣ!

То ки дар ҳар як сурудат номи Ленин мебарӣ,
Бехатар аз ҳар шикасте комронӣ мекунӣ.

Байрақи илми замон болост дар дастони ту,—
Маҳ барин бар ин ватан партавфишонӣ мекунӣ!

*Октябри с. 1938*

## СУРУДИ XX-СОЛАГӢ

I

Халқи дурахшонбахти ман,
Пиру ҷавону марду зан.
Шодону хандон ҳар тараф,
Монанди гулҳои чаман.
Бодо муборак, дӯстон,
Иди наве дорад ватан —

Накарот:

Авлоди Ленин — комсомол
20-сола шуд, бистсола шуд.
Шуд паҳлавони бемисол!

II

Бисьёр дида ин ҷаҳон,
Монанди Рустам паҳлавон,
Аммо куҷо медид вай
Ингуна авлоде, ки он
Бо зӯру фан созад зи нав
Ҳам оламу ҳам одамон.

Накарот:

III

Аз Москва то Шарқи дур,
Аз Панҷу Волга то Амур,

Байроқи сар-афрози ҚИМ,
Ҳамчун маяк пошид нур.
Ёрон, суруди ғолибӣ
Хонем бо фахру ғурур.

Нақарот:

Авлоди Ленин — комсомол
20-сола шуд, бистсола шуд.
Шуд паҳлавони бемисол!

*Октябри с. 1938*

## БА ДУХТАРОНИ САНЪАТКОР

Осмонҳо пур шуданд аз мавҷи овози шумо,
Зӯҳра ҳам дар рақс шуд бо нағмаи сози шумо.

Тору чӯби хушку беҷону забонро гап занонд,
Офарин бар панҷаи пурсеҳру эъҷози шумо!

Дил асири доми зулфу чеҳраи хандонатон,
Ақлу ҳуш, эй Гулпариҳо, маҳви Шаҳнози шумо.

Тоҷикистонро дурахшон кард дар Шарқи Совет,
Санъати рахшони чун маҳ партавандози шумо.

То дили дуньёи заҳмат — Москва таҳсин бикард,
Достон шуд шӯҳрати халқи сарафрози шумо

Мекушояд аз дилаш сад ганҷи пинҳони сухан,
Гар шавад рӯзе Деҳотӣ маҳрами рози шумо.

Мактаби санъат шуморо дод ин нашъунамо,
Илмаш оламгир шуд, раҳмат ба устози шумо!

*Маи с. 1941*

## ТАБРИК БА КОМСОМОЛИ КИШВАРИ ТОҶИК [9]

Чун навбаҳори бистӯми умрам қариб шуд,
Аз мактабам шукуфаи дониш насиб шуд.
Дастам гирифта гуфт муаллим:
«— Ту, эй писар,
Гашта зи боғи пурсамари илм баҳравар,
Акнун ба роҳи мактаби дигар қадам гузор,
Бар мактаби ҷавонии хушбахти рӯзгор.
То сарбаланди халқ шавӣ, қаҳрамон шавӣ.
Чун мардумак азизи ҳама мардумон шавӣ».
Рафтам ба мактабе, ки ба вусъат чу осмон,
Шогирд бешумору муаллим яке дар он
Шогирд чун ситора фузуну вале тамом
Якҷону дил — чу Лашкари Сурх оҳан-интизом.
Дарсаш — ҳама мубориза ву ишқи зиндагӣ.
Роҳаш — тариқи фатҳу зафар-оварандагӣ.

* * *

Бигзашт даҳ баҳору ману дӯстони ман
Ҳамчун ниҳолҳо зи гилу оби ин чаман.
Қуту ғизо гирифта басе баҳравар шудем.
Сарсабзу сарбаланду пур аз баргу бар шудем,
Устоди мактаб он ҳама шогирдҳои худ
Бар ҳар фронти олами меҳнат равон намуд.
Як тӯдаро ба техника, то роҳбарӣ кунад,
Бар мӯъҷизоти ақли башар сарварӣ кунад.
Дигар гурӯҳро, ки машину силоҳ дод,
Дар ҷанги бо табиати саркаш фиристод,

То ин ки аз барои кушодан раҳи умум,
Кӯҳсорро кунад ба кафаш нарм мисли мум.
То чӯлро зи оби каналҳои зарфишон,
Чун Вахши тоҷикон бикунад боғу бӯстон.
Семурғи оҳанин ба яке дод, то ки он
Орад ба ҳукми худ ҳамаи мулки осмон.
Милтиқ супурд бар дигаре, ки ба ҷону тан
Бошад чу қулф бар дару дарвозаи ватан.
Аммо, қалам ниҳода ба дасти ман устод,
Наздам саҳифаҳои дурахшон басе кушод,
То ин ки достони зафарҳо рақам кунам,
Таърихро зи қиссаи нав пурҳашам кунам.
То аз бари хотири ёрони бешумор
Ҷамбул барин суруду ғазалҳо кунам нисор.
То ин ки ҳар сухан ба сару қалби душманон
Чун тири посбони советӣ шавад равон.
Инак, қалам рафиқи забону дили ман аст,
Содиқшарики кори ману ҳосили ман аст.
Он мактабе, ки дод ба ман қудрату камол —
Ҳаст ӯрдуи ҷавонии хушбахт — комсомол!

* * *

Фардо ба дафъи душман, агар гӯяд устод,
Халқи ватан зи хашм хурӯшад чу тундбод.
Бар лавҳи сина баста дурахшон нишони КИМ,
Сармасти ҷоми меҳри ватан — модари азим,
Дар як кафам гирифта қалам, дар дигар туфанг,
Ман ҳам қатори шердилон меравам ба ҷанг.
То ин ки бо чароғи сухан роҳи дӯстон
Равшан кунам, чунон ки кунад моҳи осмон.
Фирдавсиёна васфи далерон баён кунам,
То номашон чу Рустами достон аён кунам.
То бо туфанг синаи душман кунам нишон,
Он сон, ки кард Неъмати [10] шуҷоу қаҳрамон.

* * *

Эй комсомоли кишвари тоҷик, чу бахти мо,
Поянда бош!
Ҷангу ҷадал кун! Зафар намо!

Имрӯз иди шаъну ҷавонии шӯълавар
Бо ту муборак эй гули хушбахтии башар!
Чун ман ҳазорҳо ба канори ту рустаанд,
Ҳар як камар ба хизмати ту сахт бастаанд,
Таҳсин ба мактаби зафаромӯзи нодират!
Раҳмат ба устоди забардасту қодират!

*Ноябри с. 1940*

## БАРХЕЗ!

Хунмаст фашизми хонумонсӯз
Бар хун шуда ташна аз нав имрӯз,

Чашми ҳасадаш ба сӯи мо дӯхт
Пас, оташи ҷангу фитна афрӯхт.

Омад, ки зи мо ватан ситонад,
Хун резаду ҷону тан ситонад.

Халқи Ватани азиз, бархез!
Хунҳои сиёҳи хунхӯрон рез!

Бо меҳру муҳаббати Ватан, хез!
Дар ҳифзи диёр — ҷону тан, хез!

Таърихи ҳаёти паҳлавонет,
Пур аз зафар асту қаҳрамонет.

Имрӯз дигар шуҷоате кун!
Аз қаҳру ғазаб қиёмате кун!

Бо Лашкари Сурх гашта ҳамкор
Дар гирди Ватан шавем девор;

Девор шавем оҳанинбун,
Девори кашида сар ба гардун.

* * *

Эй Лашкари Сурхи фатҳ-овар,—
Авлоди Суворови диловар!

Фатҳу зафари наве аён кун,
Шӯҳрат ба ҳама ҷаҳон баён кун!

Ту дар сафи ҷангу мо ба меҳнат
Ҳастем калиди ғолибият.

Семурғи қанотсурх бархез!
Бар чуғзи сиёҳпар аҷал рез!

Дар обу ҳавою хок аз ин ҷанг
Дуньё ба фашистҳо шавад танг.

* * *

Гитлер, ки мисоли аждаҳоест,
Бар ҷони ҷаҳониён балоест,

Хезед, баҳодурони олам,
Гирем қасоси насли одам!

Имрӯз, ки рӯзи интиқом аст,
Сустӣ ба шумову мо ҳаром аст.

Аз баҳри ин аждаҳои хунхӯр
Дар хоки худаш канем мо гӯр!

*23 июни с. 1941*

## БАҲРИЁНИ СУРХ

Диловарҳои сурхи баҳрии мо
Мисоли мавҷ ҷавлон менамоянд,
Ба рӯи душманон дар ҷанги дарьё
Зи қалби об оташ мекушоянд.

*Июли с. 1941*

## ИМРӮЗ ВА ФАРДО

«Муқаррар шуд, ки гитлерчиён бисьёр танкҳоро ба сабаби бензин надоштанашон ба замин гӯр карда, аз онҳо ҳамчун нуқтаҳои беҳаракати оташфишонӣ истифода мебаранд».

*(Аз ахбороти Бюрои Информационии Советӣ)*

Қӯшуни гитлерӣ имрӯз аз нобудани бензин,
Даруни хок гӯрондаст садҳо танкҳои худ;
Яқин аст ин, ки фардо сар ба сар ин лашкари хунин
Ба монанди малах дар мазраи мо мешавад нобуд,
Дар он дам мо, ки байроқи зафарро мебарафрозем,
Худи Гитлери малъунро ба хокаш гӯр месозем!

*Августи с. 1941*

## БА ХАЛҚИ БАРОДАРИИ ЭРОН

Суруди ман, чу ғазалҳои Ҳофизи Шероз,
Ба кӯҳу водии Эронзамин намо парвоз!
Ба насли Ковау Рустам ва Саъдию Хайём
Зи тоҷикони ҳамаҷдод бар салому паём,
Ки: асрҳо падаронат ба дафъи ҳар душман
Ба ҷанг хок шуданд аз барои хоки ватан,
Вале зи даст надоданд гавҳари номус,
Ба ҳар разил нагаштанд сарҳаму побӯс
Ту ҳам ба ҷаҳд камар банд, остин барзан,
Зи хоки поки ватан бехи фитнаҷӯён кан!
Ба гулшани ту ниҳодаст лона зоғи ало,
Дар ошьёни ту мондаст байза чуғзи бало.
Ту ғофилӣ, шуда гурге ба галлаат чӯпон,
Ба гургҳои дигар кард галларо қурбон,
Ба Гитлер — он шаҳи гургон, ки чашм сӯи ту дӯхт,
Шаҳат бисоту ҳаёти туро ба муфт фурӯхт,
Ки баста дасту даҳонат ба ҳилаву найранг
Ситонда ҳосили ранҷат, кашад ба дӯзахи ҷанг...
Бас, эй бародари эронӣ, ин қадар ғафлат!
Зи дасти ғафлати худ то ба кай кашӣ зиллат?
Ту шери бешаи шарқӣ, фиреби гург махӯр,
Фишор ҳалқи палидаш, ки зӯр дорӣ, зӯр!
Ба ёдат ор яке панди оқили Тӯсӣ,
Сухансарои ҷаҳонозмуда Фирдавсӣ,
Ки гуфта буд: барафроштан сари нокас
Бувад даруни бағал мор парваридану бас,

Бадиву шумии бадгавҳарон набошад аҷаб,
Ки нест ғайри сиёҳӣ фазилате аз шаб*.

* * *

Биё, ки бар сари Заҳҳоки морҳо — Гитлер
Занем як шуда чун Қова болғаву шамшер!
Қӯшуни Сурх ба ту дасти ёрмандӣ дод,
Ки аз вабои фашистӣ намоядат озод.
Ту низ дасти рафоқат ба вай бидеҳ, бархез!
Ба дафъи душмани ҳамхонагаштаат биситез!
Мадеҳ ба фитнагарони фашизм роҳи амон,
Бисӯз хонаи оташдеҳони ҷанг! Намон,
Ки ёдгори падарҳотро намуда фано
Зи устухони писарҳот «нав» кунанд бино.
Намон, ки мазрааҳоят — мазорҳо гарданд!
Намон, ки дову дарахтонт — дорҳо гарданд!
Намон, ки аз дами теғаш равон кунад ҷаллод
Ҳазор наҳри пур аз хун, ба ҷои Рукнобод![11]
Дар имтиҳони талоши барои озодӣ
Баҳодурӣ бинамо, ки баҳодураҷдодӣ!
Дар ин мубориза гар мушкиле ба роҳи ту аст,
Сипоҳи Сурхи зафарпеша такьягоҳи ту аст!

*Сентябри с. 1941*

---

* Ин мазмун аз «Гуфтор дар ҳаҷви Султон Маҳмуд» но[…] порчаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ гирифта шуд. *А. Д.*

## ХАЛҚИ МУСАЛЛАҲ

Модари мушфиқ — ватани комьёб
Қард сӯи мо, писаронаш, хитоб.

То ки миён баста мусаллаҳ шавем,
Селсифат бар сари душман давем.

Аз дили шаҳру деҳа бар ин нидо
«Ҳозиру тайёр!»— буд акси садо.

Аз бари ҳар мактабу боғу макон,
Аз бағали фабрику зовуду кон,

Аз сари шудгору дами пахтазор,
Аз камари пургалаи кӯҳсор —

Дасти ҳазорон писари сарфароз,
Ҷониби ҳар аслиҳае шуд дароз.

Милтиқу шамшеру пулемёту танк —
Ҳамдами рӯзу шаби ҳар марди ҷанг.

Ҷумла кунун рому ба мо ҳамқадам
Чун чакушу болғаву досу қалам.

Пиру ҷавон яксара бархостем,
Сина сипар карда саф оростем.

Лашкари халқему равон баҳри халқ,
Шӯълафишон аз дили мо қаҳри халқ.

Решаи душман канад ин хашму қаҳр,
Кист, ки бандад раҳи тӯфони баҳр?!

Милтиқи мо гар шавад оташфишон,
Синаи Гитлер бувад онро нишон.

Лашкари халқему ба саф по ниҳем,
Ларза ба ӯрдуи фашистон диҳем

Зидди фашизм, аз паи дафъи хатар,
Чист зи халқу ғазабаш зӯртар?!

*Ноябри с. 1941*

## БА ҶАНГОВАРИ ТОҶИК

Аҷдоди номдори ту андар замони худ
Халқи туро зи ҷанги ситамгар раҳонда буд.
Ёд ор ин, ки Қоваи оҳангари далер
Заҳҳокро чӣ гуна ба маргаш расонда буд!
Заҳҳоки ин замона шуда Гитлери шарир
Қир карданист халқи ҷаҳонро ба тӯпу тир
Ту низ, қаҳрамонписар, имрӯз аз фашизм
Баҳри бародарони худат интиқом гир!

*Июли с. 1942*

## СЕМУРҒИ ПӮЛОДИИ МО

*(Тарона дар бораи авиатсияи советӣ)*

I

Дар осмони босафо,
Бар шаҳрҳои дилкушо,
Бар даштҳои беканор,
Бар боғҳои обшор,
Бар кӯҳсори нуқрапӯш,
Ҳам баҳрҳои пурхурӯш...
Ҳар ҷо кушояд болу пар
Дар хизмати насли башар
Семурғи пӯлодии мо —
Ҳомии озодии мо!

II

Дар хоку обу осмон
Бастан натонад роҳи он:
Не гармии оташфикан,
Не сардии тоқатшикан,
Не абри барку раъдбор,
Не зулмати шабҳои тор.
Ҳар банд вайрон мекунад,
Ҳар мушкил осон мекунад.
Семурғи пӯлодии мо —
Ҳомии озодии мо!

III

Бар Ғарб биштобад зи Шарқ
Тобону рахшон мисли барқ,
Дар ҳар канору дар камин
Аз ҳайбаташ ларзон шавад,
Аз оташаш сӯзон шавад
Ҷисми фашистони лаин.
Бар шабпаракҳои сиё
Роҳе намонад дар фазо
Семурғи пӯлодии мо —
Ҳомии озодии мо!

IV

Ҳар гаҳ кушода болу пар
Бар хоки мазлумон парад,
Дар ҳар қаноташ аз зафар
Пайғоми озодӣ барад.
Дар саҳнаи ҷангу ҷадал.
Чун раъд агар ғуррон шавад,
Бар душманон борад аҷал,
Бар дӯстон роҳат диҳад
Семурғи пӯлодии мо—
Ҳомии озодии мо!

*Августи с. 1942*

## БА КИРМАКПАРВАРОН

I

Абрешим агарчанд латиф асту нафис,
Дар ҷанг ба душманон занад чун пӯлод.
Аз пиллаи моён парашютҳо шавад эҷод,
Ҳар як парашют — марги фашистони хабис!

II

Дар дӯхтани ҷароҳати ҷанговар
Мисли рагу пай зарур абрешими хуб.
Ҷанговар аз он сиҳат шуда, дар мактуб:
«Раҳмат ба ту,— мегӯяд,— кирмакпарвар!»

Эй хоҳару эй бародари кирмакдор!
Бар нафъи Ватан пилла фузунтар бисупор!

*Апрели с. 1948*

## БАЙРАҚИ РАХШОН

Тай карда роҳи бошарафе — бисту панҷ сол,
Роҳи талошу ҷангу ҷадал, роҳи пурхатар,
Роҳе ба сӯи бахту саодат, сӯи зафар,
Авлоди навҷавони ватан — насли комсомол.

Пӯлодвор пухта шуду обутоб ёфт,
Дар ҳарбу зарб панҷаи ҳар душманаш битофт.

Месӯхт аз ҳасад дили Гитлер чу хору хас,
Омад, ки тундбоди аҷалро вазон кунад,
Гулзори навҷавонии моро хазон кунад,
Шаҳбози бахтро кунад афтодаи қафас...

Лекин ба бод рафт ҳама орзуи вай,
Бифшурд дасти қудрати мо аз гулӯи вай.

Дар зери обу рӯи замину дили ҳаво —
Ҳар ҷо ба ҷони гитлериён тири комсомол
Пайғоми марг мебараду офату завол!
То ин ки модараш — ватан аз вай шуда ризо,

Гӯяд: «Бирав, ки шири сафедам ҳалол бод!
Фарзандҷон, ниҳоли қадат баркамол бод!»

Гул мекунад ҷавонии мо бо шукӯҳу шон,
Ин боғи пурсамар зи ҳар офот эмин аст,

Азбаски оби тарбияташ илми Ленин аст,
Ин бӯстон ҳамеша баҳор асту бехазон.

Дар роҳи бахту фатҳу зафарҳои бемисол
Чун машъал аст байрақи рахшони комсомол!

*Октябри с. 1943*

## ИНТИЗОР БОШ!

*(Мактуб аз фронт)*

Эй нома, эй кабӯтари пайғоми дӯстон,
Парвоз кун сабук, чу насими баҳорҳо,
Рав бар диёри ман,—
Бағали кӯҳсорҳо,
Гӯй ин салому арз ба маҳбуби дилситон:

«Ҷонони дурмондаи бо ҷон баробарам!
Чанде гузашту аз ту наомад хату хабар,
Он аҳду ваъдаҳот фаромӯш шуд магар?
Не, не! Ба бевафоии ту нест боварам.

Дар байни дуду оташу ғавғои корзор
Ҳар лаҳза пеши дидаам акси ту ҷилвагар,
Дар рӯзҳои даҳшату шабҳои пурхатар
Меҳрат сабот медиҳаду азми устувор.

Ҳарчанд макру ҳила кунад мисли рӯбаҳон,
Ман по ба доми фитнаи душман намениҳам,
Шаҳбози кӯҳиям,—
Ба қафас тан намедиҳам!
Авҷи шуҷоат асту шараф ҷоям аз ҷаҳон.

Ҷанг аст — ҷанг,
Гар талабад модари Ватан,
Дар ҳамлаҳо, ки барқсифат теғ мезанам,
Ҷон медиҳам ба мардию ёди ту мекунам,
Ёди ту мекунам, ки туӣ ёдгори ман!

Ту низ ёд кун зи ману интизор бош!
Субҳи висолу рӯзи зафар мерасанд зуд,
Хуршеди бахт мешавад аз нав, чунон ки буд —
Бо лутфу ханда бар сари мову ту нурпош!..»

*Феврали с 1944*

## ДАР ИНТИЗОРАМ

*(Мактуб ба фронт)*

Эй дӯсти ғамгусору дилсӯз,
Омад хати ҷонфазоят имрӯз,
Бӯсидаму гашта-гашта хондам,
Нақшаш ба китоби дил нишондам.
Гуфтӣ, ки: «Маро макун фаромӯш!»
Дорам суханат чу ҳалқа дар гӯш!

Бо фатҳу зафар биё, нигорам,
Ҳар шому саҳар дар интизорам!

Он рӯз, ки модарам маро зод,
Бо шири вафош тарбият дод,
Гар аҳду вафо барорам аз ёд,
Он шири сафед заҳри ман бод!
То ҷон ба тан аст, дар забонам
Ҷуз номи ту дигаре наронам!

Бо фатҳу зафар биё, нигорам,
Ҳар шому саҳар дар интизорам!

Ҳар субҳ қатори шермардон,
Бо шавқи ту меравам ба майдон.
Бо теғ занӣ ту фарқи душман,
Бо досу каланд мезанам ман.
Як бор биёву бин, ки дар кор
Гаштам ба навозишат сазовор!

Бо фатҳу зафар биё, нигорам,
Ҳар шому саҳар дар интизорам.

Он деҳа, ки нозу неъматат дод,
Он шаҳр, ки илму ҳикматат дод,
Оғӯш кушода чашм доранд,
Ой, ба сари ту гул биборанд.
Дар ҳар қадамат падар зафарҷӯй,
Модар ба шуҷоатат саногӯй....

Ғолиб шуда ой бар диёрат,
Чашмони ҳама дар интизорат!

*Феврали с. 1944*

## СЕЛИ ОТАШИН

Бар лонаи дарандаи маҷрӯҳ шуд равон
Аз шарқу ғарб ҳамлакунон сели оташин,
Селе, ки доштан натавонист роҳи он
На банди кӯҳпайкару на садди оҳанин;

Сел асту тунду тезтар аз барқ медавад,
Туғьёнкунону мавҷзанон пеш меравад.

Дарранда бо сару тани хуншораш аз ҳарос
Дар роҳи мавҷи сел ба фарьёд метапад,
То аз балои ғарқшавӣ бахшадаш халос,
Ҳар буттаро, ки дид, мадад ҷуста мекапад,

Худро абас ба ҳар тарафе аз чӣ мезанад?
Вақташ расидааст, ки ҷони сияҳ канад!

Ин сел ҳамлаҳои қӯшуни адолат аст,
Буньёди қалъаи ситаму зулм меканад.
Сӯзанда аст ин — ғазаби одамият аст,
Оташ ба бехи заққуми нацизм мезанад!

На банду сад*, на кӯҳ, на devори оҳанин
Натвон гирифт пеши чунин сели оташин!

*Апрели с. 1945*

* Сад — монеа, банд.

## «СОЛЕ, КИ НАКӮСТ, АЗ БАҲОРАШ ПАЙДОСТ»

I

Байроқи Зафар ба фарқи Берлин зада шуд,
Нураш ба ҷаҳон мисоли хуршед битофт,
Сарнайзаи марг қалби Гитлер бишикофт,
Дуньёи фашизм сӯхт, мотамкада шуд,
    Имрӯз ба душманони мо рӯзи ҷазост!

II

Аз сарҳади Украина то Машриқи Дур,
Аз баҳри Шимол то ба кӯҳи Помир,
Бишкуфт гули умеди ҳар наврасу пир;
Имрӯз ду иди шодмонӣ, ду сурур —
    Иди маю Иди Ғолибият дар мост!

III

Дар арсаи корзору дар саҳнаи кор,
Ҳар ҷо, ки ҷадал барои бахти башар аст,
Имсол, ба ҳукми ақл, соли зафар аст!
Ин хушхабарам аён шуд аз фасли баҳор,—
    «Соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост!»

*1 маи с. 1945*

## ИДИ ЗАФАР

Ба ҳар шаҳру саҳро, ба ҳар кӯҳу водӣ
Даме, ки шунидем ин хушхабарро,
Ки Ҷанги Ватан хатм шуд бо зафарҳо,
Равон гашт аз дидаҳо ашки шодӣ...

Пас аз талх гардидани зиндагонӣ,
Чӣ ширин бувад боз ин шодмонӣ!

* * *

Сипар карда дилро ба ҳар дарду ҳар ғам,
Ба шабҳои торику айёми сахтӣ,
Наяфканда сар пеши ҳар тирабахтӣ,
Ба ин иди фатҳу ба ин рӯзи хуррам

Кашидем то чор сол интизорӣ,
«Пас аз интизорӣ, зиҳӣ бахтьёрӣ!» *

* * *

Ба шамшери буррандаи хашму кин.
Дар обу замин
Лашкари Сурхи фирӯз,
Бибуррид бехи фашизми ҷаҳонсӯз,
Бизад байрақи фатҳ бар боми Берлин.

Ватан гашт озоду дорул-амон,
Муборак шавад ин зафар, эй рафиқон!

*9 маи с. 1945*

---

* Ин мисраъ аз они Пайрав аст.

## ТАНТАНАИ АДЛ

Боз аз Москва омад хабари фатҳу зафар
Муждае тоза, ки бинвохт дили ҳамватанон:
«Гашт таслим қӯшуни самурайҳои Япон,
Дафъ шуд боз яке душмани қаттоли башар,

Шаби зулмат-асари ҷанги ҷаҳон поён шуд,
Офтоби саҳари амну амон тобон шуд!»

Аждари дусараи зулм, ки бо ҳирси калон
Аз ду сӯи кураи арз бароварда ду сар
Луқма мекард ба худ ҷону тану хуни башар,
Гашт аз зарби адолат ба таги хок ниҳон.

Дӯстон, тантанаи адл ба по шуд имрӯз!
Аждари дусараи зулм фано шуд имрӯз!

Ташна буд олами инсон ба чунин сулҳ басе,
Ончуноне, ки бувад моҳии бе об ба об,
Баъди даҳсола талошу ҷадалу ранҷу азоб
Мекашад дафъаи аввал ба фароғат нафасе.

Мо, ки имрӯз дили ғамзадаро шод кунем,
Рӯҳи ёрони фидогаштаи худ ёд кунем.

Насли хуштолеи оянда, сарафроз бимон!
Ханда кун, кӯдаки хобида ба гаҳвораи ноз,

Ки натонанд намудан ба сарат даст дароз,
На фашистони немис, на самурайҳои япон!

Падарат дид балоҳо, ту набинӣ ҳаргиз!
Ҷои гул хори аламҳо ту начинӣ ҳаргиз!

*Сентябри с. 1945.*

## СУРУДИ ҶАВОНӢ

I

Навҷавонони Тоҷикистонем,
Насли озоди водию кӯҳсор,
Пухта дар ҷангҳову меҳнату кор,
Дастпарварди паҳлавононем.

Гул кун, эй боғи зиндагонии мо!
Бишкуф, эй гулшани ҷавонии мо!

II

Илми Ленин чароғи мо афрӯхт,
Комсомол мактаби шуҷоат шуд,
Фатҳи ҳар банду қалъа одат шуд,
Ки ба мо ин сабақ Ватан омӯхт!

Гул кун, эй боғи зиндагонии мо!
Бишкуф, эй гулшани ҷавонии мо!

III

Мо ба майдони тeғу оташу хун
Саф ба саф гашта бо бародари рус,
Ҷон ба каф монда дар раҳи номус
Фатҳ кардему мурд душмани дун.

Гул кун, эй боғи зиндагонии мо!
Бишкуф, эй гулшани ҷавонии мо!

*Сентябри с. 1945*

## ДАР ПЕШВОЗИ ҚАҲРАМОН

I

Хуш омадаӣ, фотеҳу ғолиб, ёрам,
Ороми дилу нури ду чашми чорам!
Торикии шабҳои фироқат бигузашт,
Имрӯз чӣ хуш субҳи сафое дорам!

«Чашмам ба раҳи омаданат чор буд,
Гулҳои чаман дар назарам хор буд».*

II

Он дил, ки туро ба риштаи аҳдаш баст,
Ҳар шому саҳар буд ба ёдат пайваст;
Аз шиддати ғуссаҳои айёми фироқ
Сабраш бишикасту лек аҳдаш нашикаст!

«Чашмам ба раҳи омаданат чор буд,
Гулҳои чаман дар назарам хор буд».

III

Уммед намудам, ки зафарманд оӣ,
Бо шӯҳрату шаън номи худ ороӣ.
Шодам, ки ниҳоли матлабам дод самар:
Имрӯз миёни ҳама сарболоӣ!

«Чашмам ба раҳи омаданат чор буд,
Гулҳои чаман дар назарам хор буд».

*Октябри с. 1945*

* Ин як байт аз адабиёти халқ гирифта шудааст. *А. Д.*

## ТАРОНАИ ДУХТАРИ ПОМИР

Нағмаи шодӣ, баро аз сози ман!
Дар фазо ҷавлон кун, эй шаҳбози ман!

Булбули Помирам, аз Боми Ҷаҳон,
Ғулғул афкан дар ҷаҳон, овози ман!

Масканам боғи дилосои Ватан,
Неъмати халқам фазояд нози ман.

Аз Бадахшонам, зи кони лаълҳост
Порае лаъли суханпардози ман.

Аз диёрам дӯстонро тӯҳфаест
Санъатам — оҳанги шӯрандози ман.

Пок гардад аз ғубори ғам дилаш,
Ҳар касе як дам шавад дамсози ман.

Меҳри дилдоре ба дил ҷо кардаам,
Маҳрамон, ин аст пинҳон рози ман!

Дар ҳавояш мезанам боли умед,
То ба матлубам барад парвози ман.

*9 феврали с. 1946*

## ХАЛҚ ОВОЗ МЕДИҲАД

I

Имрӯз дар саросари ин мулки беканор
Иди нав асту шодии дилхост беҳисоб:
Чун саҳнаҳои меҳнати колхоз дар баҳор,
Ҷӯшу хурӯш ҳар тараф аз шавқи интихоб.

Аз баҳри беҳтарин писару духтарони халқ
Овоз медиҳад дили пиру ҷавони халқ.

II

То бозувони давлати мо зӯртар шавад,
Дасте натонад ин, ки шавад бар сараш дароз;
То ин ки бӯстони ватан пурсамар шавад,
Роҳат ба рӯи мо кунад оғӯши хеш боз,

Аз баҳри беҳтарин писару духтарони халқ
Овоз медиҳад дили пиру ҷавони халқ.

III

Бишнав сухан, рафиқ депутат, аз забони халқ
Ту пешгарди халқию фарзанди халқ низ!
Пас, пуштибони халқ шаву меҳрубони халқ!
То ки шавӣ чу мардумаки дидаҳо азиз.

Аз баҳри беҳтарин писару духтарони халқ
Овоз медиҳад дили пиру ҷавони халқ.

*Феврали с. 1946*

## БА ПАХТАКОРОНИ ТОҶИКИСТОН

Салом,
Лашкару лашкаркашони фотеҳи меҳнат!
Баҳодурони забардасти кӯҳу водию дашт!
Хушо, табиати саркаш мутеи ҳукми шумо гашт
Супурда қуфлу калиди ҳазор сарвату неъмат.

Замини пахтаатон як хазинаи пур аз онҳост,
Ки ҳосилаш ҳама дурр асту гавҳари аълост.

* * *

Ба расми кори далерон касе, ки шуд ғолиб,
Ба як-ду маърака қонеъ намешавад асло,
Далертар шуда имрӯз аз зафар,
фардо —
Ба имтиҳони дигарбора мешавад толиб,

Ки аз замонаи худ номи қаҳрамон гирад,
Зи номи неки худаш умри ҷовидон гирад.

* * *

Барои пахта шумо ҷаҳд карда дар майдон,
Гузашта сол зафар карда шердил гаштед,
Кунун дубора далеронатар миён бастед,
Ба имтиҳони дигар мисли паҳлавонмардон.

Дубора кор шавад хубтар зи рӯи масал,
Ки «Нақши сонии наққош беҳтар аз аввал»...

* * *

Шукуфт пахтаю бишкуфт дашту водии мо
(Ба мисли боғи пур аз навниҳол фасли баҳор)
Кушода дар сари ҳар шох чун шукуфа қатор
Латифу нарму мусаффо,
Сафеду нуқранамо...

Ниҳоли меҳнататон меваҳои роҳат дод,
Касе, ки роҳати меҳнат барад — ҳалолаш бод!

* * *

Ҳаво кушодаю гарм аст,
Офтоб дурахшон,
Барои мову шумо ҳар дақиқа аст ғанимат,
Ки чида пахтаи аълосифат диҳем ба давлат,
На пахта, балки тилои сафеди мулки зарафшон

Диҳем ҳосили худ чун тилои маъданҳо,
Мисоли силсилаи кӯҳ карда хирманҳо.

*Октябри с. 1946*

## ШАҲРИ АЗИЗАМ

Ғариб деҳачае байни ҳалқаи кӯҳсор:
Канори наҳри зулолу мудом ташнаи об,
Ба ҳар сӯяш раҳи вайрону кулбаҳои хароб,
Пурофтоб, валекин зи ҷаҳл тираю тор...

Гузаштаҳои ту, шаҳри азизи ман, ин буд,
Дилам ҳаёти ғамафзот дида хунин буд.

Чу дасти мӯъҷизакори сипоҳи большевикон
Туро раҳонду чунин кард шаҳри нав-обод,
Чӣ шаҳр! — Қалъаи пӯлодие намуд эҷод,
Ки гашт шӯҳрату шоии диёри тоҷикон.

Биноз, шаҳри навободаму навэҷодам,
Ки бо ту фахр кунад насли халқи озодам!

Зи кору меҳнати пурҷӯши халқ ҷӯшонӣ,
Ҷавону хуррамию сабз чун ниҳолонат.
Миёни силсилаи ҷумла ҳамқаторонат,
Ба мисли гавҳари якто, ба Шарқ тобоӣ.

Азиз шаҳри фараҳбахши тозабуньёдам,
Шукуф ба толеу иқболи халқи озодам!

*Июли с. 1947*

## ОБИ РАВОН МЕОЯД

*(Ба сохтмони каналҳои нави республика бахшида мешавад)*

I

То ба кай хуфтаю берӯҳ бимонию хамӯш?
Бори вазнини дусад аср барандоз зи дӯш!
Халқи даврони ман имрӯз аҷаб мӯъҷиза кард,
Ки туро зинда намояд, бидиҳад ҷӯшу хурӯш,

Дашти лабташна, шунав, оби равон меояд,
Об не, дар тани берӯҳи ту ҷон меояд!

II

Ҷои он реги равон оби равон хоҳад шуд,
Ҷои он шӯразамин боғу макон хоҳад шуд.
Ҷои он бод, ки чун тафси танӯр аст туро,
Боди ҷонпарвари ҷӯбор вазон хоҳад шуд!

Дашти лабташна, шунав, оби равон меояд,
Об не, дар тани берӯҳи ту ҷон меояд!

III

Хоки ганҷинамисоли ту, ки дорад дар дил
Кони пургавҳару тиллои фаровонҳосил,
Об аз меҳнати мо хӯрдаву шодоб шавад,
Ганҷу неъмат ба Ватан тӯҳфа намояд комил,

Дашти лабташна, шунав, оби равон меояд,
Об не, дар тани берӯҳи ту ҷон меояд!

*Июли с. 1947*

## ТОҶИКИСТОН

*(Суруд)*

Аҷаб бой асту зебо кӯҳсорат,
Пур аз дур кӯҳсори обшорат.
Ба саҳроҳот, ҳамчун бахти халқам,
Шукуфта пахтаҳои нуқраворат.

Табиат ҳар чӣ хоҳӣ, тӯҳфа кардаст.
Ба ҳар як ганҷ, конам, Тоҷикистон!

Шавӣ сарсабзу хуррам дар баҳорон,
Мисоли боғу бӯстон баъди борон.
Ба тобистон чӣ ширин меваҳоят,
Ки ҷон роҳат кунад аз лаззати он!

Ба зинат тирамоҳат ҳам баҳор аст,
Баҳори бехазонам, Тоҷикистон!

Туро Октябри аъзам карда озод,
Ба олам инчунин нашъунамо дод,
Миёни понздаҳ ёру бародар
Бимонӣ то абад озоду обод!

Ту озод астию ман зинда бо ту,
Азизӣ, мисли ҷонам, Тоҷикистон!

*Августи с. 1967*

## СИ СОЛ

*(Оратория)*

Сисола шуд Октябрь!.. Чӣ форам сухан аст ин?
Иди шарафу шавкати халқи Ватан аст ин!

Октябри муаззам, ки се даҳ сол аз ин пеш,
Бигзошт ба олам қадами пур-асари хеш,

Як шӯъла барафрӯхта дар шашьяки дуньё,
Қасри ситаму тахти ҷафо сӯхт саропо.

Дар сояи байроқи наҷотовари Ленин,
Рафта зи паи партияи маҳкаму сангин.

Инсонияти ранҷбар аз кундаю занҷир,
Вораста шуду гашт ба худ ҳокими тақдир.

Сарриштаи давлат ба кафи пролетариат,
Бигзашту даромад ба раҳи нав башарият;

Русияи чоризм, ки зиндон буду торик,
Аз кудрати Октябрь чи дар дуру чи наздик.

Озоду мунаввар шуду чун чашмаи хуршед
Пошад ба ҷаҳон партави худ, партави уммед.

Дар маркази республикаҳо Москва тобон,
Чун маҳ ба миёни ғаласайёраи рахшон,

Аз куллаи ҳар бурҷи Кремль сурхситора,
Бар халқ намояд раҳи хушбахтӣ ишора.

Ҳарчанд, ки сад миллату сад гуна забонем,
Дар фикру амал як шуда чун як тану ҷонем!

Октябрь шуд озодкуни мардуми тоҷик,
Аз зиндагии пур-аламу зулмати торик.

Октябрь ба мо дод чунин қудрати эҷод,
То кишвари вайрона кунем инчунин обод.

Хушкида буд ин сарзамин аз зулми амирон,
Октябрь ба вай дод тароват чу баҳорон.

Ёд ор, ту Душанбе — ҳамон деҳачаро ёд,
К-имрӯз чӣ сон шаҳри бузурге шуду обод!

Ёд ор ту он водии беодаму беоб,
Он Вахш, ки зархез шуду хурраму шодоб!

Бингар сӯи кӯҳсор — ба Помиру ба Дарвоз,
Ҳар як ба раҳи авҷу тараққист сарафроз!

Дар парвариши пахта, ки тиллои сафед аст,
Колхозчии тоҷик шуд устоди забардаст.

Аз пахта, ки пурнафъу зарур аст чу пӯлод,
Колхози вай ободу худаш шоду Ватан шод!

Республикаи мо чу дарахтони ҷавон аст,
Парвардаи дасти ҳунари большевикон аст.

Имрӯз, ки додаст басе меваи ширин,
Фардо бидиҳад хуштару бисьёртар аз ин!

* * *

Борҳо душманони ранг ба ранг
Фитна ангехтанду шӯришу ҷанг,

Гоҳ дар Шарқ буду гаҳ дар Ғарб
Зидди мо даргирифта оташи ҳарб.

Гоҳ Калчак қӯшун равон месохт,
Гоҳ Деникин ба ваҳшигӣ метохт,

Гоҳ Иброҳим[12] — он саги малъун,
Гаҳ Фузайли[13] чу гург ташна ба хун...

Қасдашон буд маҳви давлати мо,
Маҳви озодию фароғати мо.

Ин ба Гитлер сабақ набуд магар,
Ки кашид ӯ ба хоки мо лашкар?

Хӯрда зарб аз сипоҳи мо маҳкам,
Маҳв шуд ӯрдуи фашистон ҳам.

Ҷанги хунини чор соли тамом
Ёфт бо фатҳи халқи мо анҷом.

Ин ба Черчилль сабақ нашуд афташ,
Ки вай аз нав кушоданӣ оташ?

Ҳар кӣ ҷанги нав ихтиёр кунад,
Ҳамла бар хоки мо шиор кунад,

Мисли Гитлер шавад, саранҷомаш:
Худ намонад, магар қабеҳ номаш!

Мулки мо устувор ҳамчун кӯҳ,
Байни олам муаззаму башукӯҳ.

Партия пешвою мо — лашкар,
Меравем аз зафар ба сӯи зафар!

* * *

Сисола шуд Октябрь!.. Чӣ форам сухан аст ин?
Иди шарафу шавкати халқи Ватан аст ин!

Октябрь қадам мениҳад аз сӣ ба сиву як
Эй ҳамватанон, ин зафар, ин ид муборак!

*Ноябри с. 1947*

## БАР ЗИДДИ ТАҲҚИРКУНАНДАГОНИ НОМИ ФИРДАВСӢ

Дар шаҳри Ризоияи Эрон кӯчае ки пеш ба номи Фирдавсӣ буд, ҳозир ба номи нобудкунандаи даҳҳо арбобони демократия, ҷаллод генерал Зангина гузошта шудааст. Генерал дар ин кӯча сайру гашт карданро дӯст медорад.

*(Аз газетаҳо)*

— «Гурез, роҳ кушо!»
Медиҳад полис овоз,
Ба карру фар генерал меравад зи «кӯчаи худ»,
Аз он раҳе, ки басе солҳо мушарраф буд
Ба номи номии Фирдавсии суханпардоз.

Ба ҷои шоири даҳ аср,— қотили гузаро...
Магар ба ақл писанд аст ин мубодила?
На!
Кӣ буд шоири «Шаҳнома»?
Кист Зангина?..
«Бубин: тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо!» *

Шумо, гурӯҳи ҷанобони маърифатбезор,
Ки номи неки вай аз кӯчае тарошондед,
Гумон баред ба каф офтоб «пӯшондед»?
На хайр, мусю,
Маҳол аст инчунин кирдор!

«Гузашт шавкати Маҳмуду [14] дар замона намонд
Ҷуз ин фасона, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ»**,

* Ин мисраъ аз як ғазали Ҳофизи Шерозӣ аст.
** Ин байт аз муқаддимаи нусхаҳои чопии пештараи «Шоҳнома» гирифта шудааст, ки гӯяндааш маълум нест. *А. Д.*

## ЗИНДА БОШ, ОКТЯБРЬ!

*(Суруд)*

Қотиби корномаҳои башар
Бар вараққо навишт бо хати зар:
Давраи тозаи ҷаҳони қадим, —
Даври сисола Октябри азим!

То ҷаҳон ҳаст, зинда бош, Октябрь!
Мисли хуршед нур пош, Октябрь!

Оташи ту дар ин диёри кабир,
Сӯхт буньёди зулми шоҳу амир.
Бо ту ҳастем то абад озод!
Аз ту аст ифтихору хотири шод!

То ҷаҳон ҳаст, зинда бош, Октябрь!
Мисли хуршед нур пош, Октябрь!

Ин Ватан — такьягоҳи озодӣ,
Машъали раҳнамои ободӣ,
Аз ту гаштаст ин чунин равшан,
Ба ту бодо шараф! Шараф ба Ватан!

То ҷаҳон ҳаст, зинда бош, Октябрь!
Мисли хуршед нур пош, Октябрь!

*Ноябри с. 1947*

## БАР ЗИДДИ ТАҲҚИРКУНАНДАГОНИ НОМИ ФИРДАВСӢ

Дар шаҳри Ризоияи Эрон кӯчае ки пеш ба номи Фирдавсӣ буд, ҳозир ба номи нобудкунандаи даҳҳо арбобони демократия, ҷаллод генерал Зангина гузошта шудааст. Генерал дар ин кӯча сайру гашт карданро дӯст медорад.

*(Аз газетаҳо)*

— «Гурез, роҳ кушо!»
Медиҳад полис овоз,
Ба карру фар генерал меравад зи «кӯчаи худ»,
Аз он раҳе, ки басе солҳо мушарраф буд
Ба номи номии Фирдавсии суханпардоз.

Ба ҷои шоири даҳ аср,— қотили гузаро...
Магар ба ақл писанд аст ин мубодила?
На!
Кӣ буд шоири «Шаҳнома»?
Кист Зангина?..
«Бубин: тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо!» *

Шумо, гурӯҳи ҷанобони маърифатбезор,
Ки номи неки вай аз кӯчае тарошондед,
Гумон баред ба каф офтоб «пӯшондед»?
На хайр, мусю,
Маҳол аст инчунин кирдор!

«Гузашт шавкати Маҳмуду [14] дар замона намонд
Ҷуз ин фасона, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ»**,

* Ин мисраъ аз як ғазали Ҳофизи Шерозӣ аст.
** Ин байт аз муқаддимаи нусхаҳои чопии пештараи «Шоҳнома» гирифта шудааст, ки гӯяндааш маълум нест. *А. Д.*

Ту ҳам, ки хор кунӣ ин суханвари тӯсӣ,
Ҷаҳон ба ҷоҳилият ҳукми ақл хоҳад хонд.

Қасе, ки номи баландаш ҳазорсола шудаст,
Қасе, ки дар дили мильёнҳост ӯро ҷой,
Куҷо ҳақир шавад аз ҳақорати ду-се паст?
Ки қадри дурр нашавад паст аз расидани лой!

*Апрели с. 1948*



*Абдусалом Деҳотӣ, Садриддин Айнӣ ва Абдушукур Пирмуҳаммадзода, соли 1937*

## ИД МУБОРАК!

*(Ба муносибати ҷашни 25-солагии барпо шудани РСС Ӯзбекистон)*

Муборак ид, бародар, халқи ӯзбек!
Муборак, давру даврон, толеи нек!

Гузашт он асрҳои тираи ғам,
Ки дар банди ситам будем бо ҳам.

Кунун дар тӯи ту, дар базми табрик,
Қадаҳ гирад ба ёдат халқи тоҷик:

Барои насли хушбахту далерат,
Барои қаҳрамонони чу шерат,

Барои хоки зархези азизат,
Ки бахшад неъмату нуқли лазизат,

Барои чӯлҳои гашта ободе,
Барои кӯҳи нурафшони Фарҳод;

Барои Тошкант — он шаҳри зебо,
Ки пурҷӯшу хурӯш асту тавоно,

Барои водии Фарғонаи ту,
На водӣ, маъдани дурдонаи ту,

Барои боғу бӯстони Самарқанд,
Ки дорад меваи ширинтар аз қанд

Барои шавкату шони Бухоро,
Ки номаш медиҳад таърих оро.

Бинӯшем ин, ки даврон бахтамон дод,
Ту чун тоҷику тоҷик чун ту озод.

Ба иди шодият чун ёри муштоқ,
Ҳанифа [15] бо Ҳалима [16] хонад «Ушшоқ».

Бирақсад ҷӯр карда бо Тамара [17],
Ба оҳанги «Ҷигарпора» Ашӯра [18]!

Ба зери байрақи рахшони Ленин
Ба хушбахтии халқи меҳнатоин,

Мисоли меваовар сардарахтон
Самар бахш, авҷи нав ғир, Ӯзбекистон!

Барои понздаҳ додар-бародар,
Азизию ба ҷону дил баробар!

Раҳат равшан, йўлинг юлдузли — порлоқ,
Яша, олға қадам бос, ўзбек ўртоқ!

*Январи с. 1950*

## КӮҲИ ТИЛЛОИ САФЕД

Аз қадим айём машҳуранд дар рӯи ҷаҳон
Мисли Албурзу Ҳимоло, Ҳиндукуш якчанд кӯҳ.
Ҳар яке сар бар фалак бурда, азиму пуршукӯҳ,
Ҳар яке дар синааш ганҷинаҳо карда ниҳон.

Шоирон дар ҳар забон тавсифи онҳо гуфтаанд,
«Барфи рӯи қуллаҳошон нуқраосо» гуфтаанд.

Лек дар даврони мо, дар сарзамини Осиё,
Дасти халқи меҳнатӣ кӯҳи наве эҷод кард,
На зи сангу хок ӯ ин кӯҳро буньёд кард,
Балки сар то по зи тиллои сафеди пурбаҳо.

Халқи мо бо ҳастии ин кӯҳ дорад ифтихор,
Чунки он — аъзамтару доротар аз ҳар кӯҳсор.

«Альпинистон»-и ҳариси Ғарб»,
«Меҳмонҳои Шарқ»
(Дӯстдорони замину кӯҳҳои дигарон)
Аз канори Ҳиндукуш карда нигоҳе, ногаҳон
«Кӯҳи нав!..» гуфтанду зад чашмонашон
бо ҳирс барқ...

Гуфт як колхозчии ӯзбек ба онҳо: «Кӯр буни,
Ӯл ҳасаддин!
Тоғ эмас, бу — пахтамизнинг хирмани!»

Ӯзбекистон, кони бепоёни тиллои сафед!
Назди давлат, мисли фарзанди вафодори падар,
Ваъдаатро кардаӣ иҷро,
Муборак ин зафар!
Аз тую аз қаҳрамон мардони ту ин буд умед!

Тоҷикистон ҳам баробар сарфарозӣ мекунад,
Додар аз бахти бародар сарфарозӣ мекунад!

Баҳри ободию истиқболи рахшони Ватан,
Баҳри ин ки ҳар биёбоне шавад боғу макон,
(Мисли Вахши тоҷикону Мирзочӯли ӯзбекон).
Пахта деҳ бисьёртар,
Мулки зарафшонӣ Ватан!

— «Пахта бер!» дер халқимиз,
Ҷонон Ватан ҳам «Пахта!» дер.
Юртимиз шониға,
Қардош Ӯзбекистон,— пахта бер!

*Ноябри с. 1950*

## КАБУТАРИ СУЛҲ

Аз саҳни Кремли бахти одам,
Парвоз намо ба рӯи олам,
Чун болу парат, раҳат сафед аст,
Ҳар дил ба раҳи ту боумед аст!
Бар Волга, Днепр, Аму гузар кун,
Бар шаҳру деҳоти мо назар кун.
Равшан ҳама аз чароғи сулҳ аст,
Пурмева ҳама зи боғи сулҳ аст.
Ҳар ҷост зи саъи дасти эҷод
Як сохтмони тоза буньёд.
Бо қудрати халқу илму ирфон
Ҷӯшид ҳаёт дар биёбон.
Ширинии зиндагонии мо,
Аз меҳнати қаҳрамонии мо,
Парвозғаҳат, ки беканор аст,
Муштоқи ту низ бешумор аст,
Гар пир в-агар ки навҷавон аст,
Бо дидани ту чапакзанон аст,
Рав, рақскунон ба ҳар каноре
Дар авҷи фазои ҳар диёре,
Бар ташналабони сулҳи дуньё
Гӯй арзу саломи сидқии мо:
«Тобонии рӯз аз офтоб аст,
Сарсабзии киштҳо зи об аст.
Хушбахтии одам аз амонист,
Ободии олам аз амонист.
Ин аст, ки мо паноҳи сулҳем,
Бар зидди адӯ сипоҳи сулҳем.

То ки рамаке ба ҷисм дорем,
Дар арсаи сулҳ устуворем!
Чун байрақи ин сипоҳи аъзам
Дар қабзаи мост сахту маҳкам,
Ҷанг аст ба назди сулҳҷӯ мот,
Он гуна, ки назди нур зулмот!»
Дар роҳи наҷоти насли инсон
Бар фарқи тамоми сулҳҷӯён
Парвоз кун, эй кабӯтари сулҳ,
Бо муждаи рӯҳпарвари сулҳ!
Чун болу парат раҳат сафед аст,
Ҳар дил ба раҳи ту боумед аст!

*Сентябри с. 1951*

## ДАРСИ ИБРАТ

Зенитчиёни Армияи Халқии Корея боре се самолёти бомбаандози Америкаро зада ғалтонданд. Лётчикҳои онҳо ба парашют партофта халос шуданӣ буданд, аммо ба болои оташи бомбаҳои худашон афтода сӯхтанд.

*(Аз газета).*

Як деҳаи шимоли Корея,
деҳе кушод,
Аз хатти ҳарбу зарб басе дуру дар амон,
Ҷуз киштзору мактабу боғу макон дар он
На кӯрхона буд, на қалъа ва на завод.

Посе зи шаб гузашта буду айни вақти хоб,
Дар хоб хонаводаи деҳқон пас аз дарав,
Дар хоб кӯдакон паси рӯзона тозудав,
Бедору беқарор фақат боду ҷӯи об...

Ногоҳ дар фазои кабуди ситоразор
Якчанд лошахӯри америкой-ошьён
Пайдо шуданд...
Валвала бархесту фиғон —
Шуд деҳа мисли кӯраи оташ зи сӯхтор.

Сармаст роҳзанони ҳаво аз паи ғурур
Болои шӯълаҳои алав давр мезаданд,
То ни ки лаззати самари «кори» худ баранд,
Аммо... ғуруру мастии онҳо нарафт дур.

Аз тӯпҳои лашкари халқӣ ба осмон
Фаввораҳои оташи сӯзон заданд сар,
Азбаски сӯхт лошахӯронро қаноту пар,
Рафтанд каллапо ба чаҳи марги беамон!

Се раҳзани ҳавоии беболмонда
Партофтанд бо парашют хешро ба паст,
Лекин зи ваҳми ҷон зада бисьёр пою даст,
Гаштанд еми оташи худдаргиронда.

Ҳар он ки чоҳ канд ба кас,
худ ба чаҳ фитод.
Гитлер, ки заҳр рехт ба ҷоми ҷаҳониён,
Худ заҳри марг хӯрду чу саг рафт аз миён,
Ин дарси талх ибрати ҳар ҷангҷӯй бод!

*Августи с. 1951*

## МУҚИМӢ, ЗИНДАӢ! [19]

Гарчи панҷоҳ сол пеш чашм аз ҷаҳон пӯшидаӣ,
Бо сурудат ҳамсафи моӣ,
Муқимӣ, зиндаӣ!

Дар тамоми рӯзи сахту дар ҳама уммеди нек
Дар ғаму шодии халқи худ будӣ ёру шарик,

Орзу кардӣ, ки бошанд ӯзбекон озоду шод,
Орзуҳоят муяссар гашт, рӯҳат шод бод!

Кишвари ту — Ӯзбекистон — кони тиллои сафед,
Шуд фурӯзон, чун маяк, дар сарҳади Шарқи Совет,

Баски онро илми Ленин партавафшон мекунад,
Роҳи озодии мазлумон дурахшон мекунад.

Водии Фарғона — водии шарафэҷод шуд,
Бӯстони меваҳои меҳнати озод шуд.

Фахрлан энди, Муқимий, бу гӯзал юртинг билан!
Фахрлан энди, шарафли мардуми Фарғона сан!*

---

* Муқимӣ дар як шеъраш аз қадрношиносии арбоби замони худ шикоят карда мегӯяд:

«Мулки Ҳинду Марвдин келсам, топардим эътибор.
Шул эрур айбим, Муқими: мардуми Фарғона ман!»

Дар ин ҷо ба ҳамон байти шоир бо тағйири мазмуни он ишора карда шудааст.

Тоҷикон ҳам дар сафи ӯзбек бародарҳои худ,
Зинда медоранд номатро дар ашъору суруд.

Ҳофизи ӯзбек мехонад сурудатро ба шавқ,
«Ҷон!» мегӯяд рафиқи тоҷики ӯ карда завқ.

Духтари ӯзбек мехонад: «Қародур кӯзларинг!»
Духтари тоҷик мегӯяд: «Қизил гул юзларинг!»

Дар фазои беғубори кишвари озоди мо,
Мепарад назми хушоҳангат сабуктар аз сабо.

Баски номат дар суруди халқҳо дорад мақом,
Ту муқими хонаи дилҳои мо ҳастӣ мудом!

Гарчи панҷоҳ сол пеш чашм аз ҷаҳон пӯшидаӣ,
Бо сурудат ҳамраҳи мой,
Муқимӣ, зиндаӣ!

*Тошканд, 28 сентябри с. 1953*

## ҶАВОБ БА ДУСТИ ЗИНДОНӢ

Ба съезди 2-юми нависандагони СССР вакили адибони яке аз мамлакатҳои Шарқи хориҷа чандин китоб тақдим кард, ки дар байни онҳо маҷмӯаи шеърҳои зиндонии як шоири маҳбус буд.[20]

Рафиқи ҳамқалами хуфта дар чаҳи зиндон!
Саломи мо шунав аз байни дӯғи ҷаллодон!
Ба ҷамъомади дуюми мо — сипоҳи қалам
Расид тӯҳфа басе, з-он миён китоби ту ҳам.
Чиҳо навиштаӣ?
Дар он чӣ нуктаҳост ниҳон?
Ҳанӯз нестам огаҳ,
фақат ҳамин шуд аён,
Ки он ҳикояти зиндонии дили ту будаст,
Гувоҳи шоми ғаму рӯзи мушкили ту будаст.
Бале, нахондаам он номаро ҳанӯз, аммо
Забони ҳоли ту шоҳид аст бар маъно,
Ки: мурғ дар қафас афтад, дигар надорад ёд,
Ба ғайри лонаи озоду осмони кушод;
Набошад орзуе хубу хуштар аз дунъё,
Ба ғайри дидаи бино барои нобино.
Пас он китоби ту пур аз фироқи озодист,
Суруди пур-алами иштиёқи озодист,

* * *

Чӣ тӯҳфае бифиристам, ки лоиқат бошад?
Чӣ гӯям ин, ки ҷавоби мувофиқат бошад?
Чӣ чиз аз ҳама қиматтар аст дар дунъё?...
Дар ин хаёл будам, дил ҷавоб дод маро:

Ба он суханвари муштоқи рӯи озодӣ
Хуш аст тӯҳфа кунӣ орзуи озодӣ
Расад даме, ки ту ҳам дар миёни мо бошӣ,
Чу шеърҳои худат меҳмони мо бошӣ.
Зи дида дурию монанди дил ба мо ҳамроҳ
Ба зери байрақи сулҳи ҷаҳон, ба сидқу вафо.
«Машав малул, ба ҳар банд фатҳи бобе ҳаст,
Қи аз паи шаби торик офтобе ҳаст!» *

*Декабри с. 1954*

* Ин байт аз Пайрав Сулаймонӣ иқтибос шуд. *А. Д.*

## БАРФИ КАЛОН

— «Ин чӣ гап
Февраль шуду барфе намеборад ягон?»
— «Офтобаш гарм,
аз ҳозир баҳор омад магар?»
— «Ё зимистон қаҳр карду рафт бар ҷои дигар?..»
Буд ин чуну чаро дар нутқи ҳар пиру ҷавон.

Осмонро таъна карду сарзаниш модар — замин:
«Қарзи худро ман адо кардам ба назди
мардумон,—
Пахта додам кӯҳ-кӯҳу ғалла додам кон-кон,
Ту барои чӣ хасисӣ мекунӣ?
Айб аст ин!»

То ба ин дам буд хандон осмони дилкушод,
Лекин имшаб чеҳраашро чун каси дилгир кард:
Турш шуд, гӯё ки танбеҳи замин таъсир кард,
Вай ҳам аз ҳиммат дари ганҷинаи худро кушод.

Инак омад барфи бошиддат!
Тамошо кун, нигоҳ:
Парзанон, ҷавлонкунон — чун кафтарон, аз осмон!
Марҳабо, хуш омадӣ,
эй дермонда меҳмон!
Дер ой ҳам, беҳ аз он ки наоӣ ҳеҷ гоҳ!

Наҳрҳо аз файзи ту серобтар гарданд боз:
Вахш аз Кофарниҳон, Омуву Сир аз ин ду ҳам.

Он биёбонҳо, ки буданд умрҳо мӯҳтоҷи нам,
Чун Ҳисор аз об ободон шаванду сарфароз!

Шӯху саркаш, мисли аспи маст, дарьёҳои мо
Шӯр дар дил, кафк бар лаб, медаванд аз кӯҳсор...
Вақт шуд: гиремашон бар каф инони ихтиёр,
То ба мо бахшанд нуру қудрату нашъунамо!

Боғро бин: шоххо хам зери бори нуқратоб!
Аллакай ҳар сардарахте пуршукуфа гаштааст?
Ё магар ин пахтазори сар ба сар бишкуфтааст?
Чашми касро мебарад, чун нури тези офтоб!

Саҳнҳо, майдончаҳо пурғулғула — бозорвор:
Баччаҳо тозону хандон барфбозӣ мекунанд,
Тӯда карда барфро «бобой»-созӣ мекунанд.
Аз ҳавои софу сармо рӯяшон мисли анор!

«Кӯрпаи деҳқон» бувад барфи зимистон дар мақол,
Шуд димоғи ҷумлаи колхозчиён чоқ
Аз фараҳ:
— Муддаои табъ шуд,— гуфтанд,— ин барфи сара!
— Барф не, ҳар зарраащ дурдонае беқилуқол!

Динаяк дар ҷӯш буд саҳро ба мисли корзор,
Ҳозир ором аст, чун майдон пас аз анҷоми ҳарб.
Лек, ин оромист оромии пеш аз ҳарбу зарб,
Ҳарбу зарби баҳри ҳосил — мавсими кишти баҳор!

Хизмати шоиста кардӣ,
Хоки зархези Ватан!
Дам бигир акнун ба зери бистари нарму сафед.
То ки фардо дар ҷавоби меҳнати халқи совет
Неъмати алвон диҳӣ афзунтар аз соли куҳан!

*13 феврали с. 1956*

## БА ҲОФИЗИ МУБОРИЗ ПОЛЬ РОБСОН

Хукуматдорони Америка чандин сол боз ба мубориз фаъоли роҳи сулҳу амният, ҳофизи машҳури зангӣ (негр) паспорт намедиҳанд, ки ба Англия, Иттифоқи Советӣ, Франция ва мамлакатҳои дигар сафар карда, санъати худро намоиш диҳад.

*(Аз газетаҳо).*

Ба ҳар диёри ҷаҳон ҷумла дӯстони суруд
Ба роҳи ту нигаронанд, паҳлавони суруд,

Ки боз ғулғулаафкан садои ту шунаванд,
Навои сози ҳақиқат, навои ту шунаванд.

Сафедпӯсти ботинсиёҳ даллесҳо
Сиёҳпӯстиатро шумурда айбу гуноҳ,

Намедиҳанд иҷозат, ки по бурун монӣ,
Ба шодмонии ёрон суруди дил хонӣ.

Чӣ ҷоҳилӣ, чӣ ҳамоқат, ки аҳли санъатро,
Чу булбули қафас, аз халқ мекунанд ҷудо!

Аҷиб ҷоҳили мағрур будаанд онҳо,
Кушодадидаю дилкӯр будаанд онҳо.

Палангро ба қафас банд кардан осон аст,
Валек манъи суруде бурун аз имкон аст!

Суруд сарҳаду девору дар намедонад!
Суруд баҳру бару кӯҳу ҷар намедонад!

Суруди адл уқоби баландпарвоз аст,
Ба вай тамоми замин мисли осмон боз аст.

Ба ҳар кучо, ки равад, ошьёнааш дили халқ,
Ба ҳар мубориза вай байрақ асту машъали халқ.

* * *

Бихон суруди адолат баландтар, Робсон!
Ба гӯши мардуми олам нидои ҳақ бирасон!

Суруди туст ба қувват чу бомбае, ки аз он,
Шудаст пайкари долларпарастҳо ларзон.

Чунон ки шабпарак аз офтоби оламтоб,
Мухолифони ту ҳам аз ҳақиқатанд қимоб.

Ба халқҳои гирифтори банди бедодӣ
Суруди туст мунодии роҳи озодӣ!

Ба худ биноз, ки шерона наърахо дорӣ,
Ба назди гургдилон сар фурӯ намеорӣ!

Зи байни абри сиёҳи ҷаҳолату террор
Садои раъдмисолат ба авҷу мавҷ барор!

Ҷаҳон ба мурғи сурудат фазои парвоз аст!
Ба ту халоиқи рӯи замин ҳамовоз аст!

*16 июни с. 1956*
*Роҳи Москва — Душанбе*

## ШӮҲРАТИ ДИЁРИ ТОҶИКОН[21]

Яке марди япон пурсид аз ман:
— «Диёри тоҷикон бо чист машҳур?»
Ҷавобаш дод фавран як японзан,
Ки «бо кӯҳсори сарболову мағрур,

Азими кӯҳҳо — Помир он ҷост,
Яке аз номҳояш Боми Дуньёст!»

— Бале,— гуфтам ба тасдиқи ҷавобаш,—
Диёри мо диёри кӯҳсор аст,
Ба маъданҳову ганҷи беҳисобаш
Ба мо ҳар кӯҳ — кӯҳи ифтихор аст.

Дари он ганҷҳоро нав кушодем,
Ватанро тӯҳфаи арзанда додем.

Валекин номи неки мулки тоҷик
Фақат бо кӯҳҳояш нест машҳур,
Шудаст он лоиқи таҳсину табрик
На бо кӯҳсори сарболову мағрур.

Дар олам мулки кӯҳистон зиёд аст,
На ҳар якро замон шӯҳрат бидодаст!

Шараф, шӯҳрат барори Тоҷикистон
Зи роҳи пахтакорӣ шуд муяссар,
Дар ин раҳ мардуми мо фатҳҷӯён
Ба ҷанги бо табиат шуд музаффар.

Чи селу жолаву сармо, чи тафбод
Ҳама мотанд аз ин азми чу пӯлод!

Ба таърихи ривоҷи пахтакорӣ,
Ба рӯёнидани маҳсули афзун.
Зи колхозчии Қӯрғонӣ, ҳисорӣ
Муқаддамтар набуду нест акнун.

Ба ин эъҷоз олам офарин хонд,
Ки аз хок ин қадар гавҳар бирӯёнд!

Шунида ин сухан он марду он зан
Ба ҳам гуфтанд:
«Афсӯс ин, ки он дур
Намерӯяд зи хоки мо ба киштан,
Ба тилло меҳарем аз хориҷи дур.

Диёре, ки аз он бисьёр дорад
На пахта, нуқрағин кӯҳсор дорад!»

Рафиқи пахтакорам, номдорам!
Сарам, дар ҳар куҷо бошам, баланд аст
Ҳам аз кори туву ҳам аз диёрам,
Ки озоду азизу зӯрманд аст.

Амал кардан ба таълимоти Ленин
Чӣ қудрат дод моро!
Эй ҷаҳон, бин!

*Ноябри с. 1957*

## СУҲБАТ БО САРКОР

— Қанӣ, саркор-ҷӯра, монда набош!
Корҳоят тамом шуд-мӣ қариб?
Ин чӣ хел соли сахт буду аҷиб
Дер омад баҳору дар болош
Селу борону дам ба дам жола...
Ҳай қафо монд кишти имсола.

— Баъд, дар айни мавсими гармо
Паст омад ҳаво, камаш як моҳ,
Пахта бошад, гиёҳи гармихоҳ,
Хулласи гап, ниҳолҳои мо
Ҳама ношуд шуданду қадпастак,
Мисли аз шир мондагӣ кӯдак.

Ана сонӣ, чунон ки зӯр задем,
Шаба-шаб, рӯза-рӯз ногуфта,
Гоҳ нохӯрда, гоҳ нохуфта,
Ҳар чӣ аз даст омад, он кардем,
Ҳайфу зоеъ нарафт меҳнатамон,
Шод шуд партия, ҳукуматамон.

— Ту нагӯӣ ҳам, ин ба ман маълум,
Шубҳае нест қаҳрамон ҳастӣ,
Ростӣ, Рустами замон ҳастӣ!
Аз ту мағлуб шуд ҳар офати шум.
Роҳи тасвири том меҷӯям,
То ба васфи ту достон гӯям.

Лекин исто, аз ту якта савол:
Аз барои чӣ пахтаҳо резон,
Дар таги пою рӯи хоку хазон?
Раҳ чаро медиҳӣ ба ин аҳвол?
— Мешавад-да, чинакчиён бисьёр,
Баъзешон покашолу чалмаккор...

— Аз граммҳои монда дар ҳар ҷо,
Ки ту ночизу хурд мебинӣ,
Тоннаҳо мешаванд, агар чинӣ,
Гуфти Саъдӣ биёварӣ бар ҷо:
«Андак-андак ба ҳам шавад бисьёр.
Дона-донаст ғалла дар анбор».

Инчунин гарм шуд сӯҳбати мо,
Ногаҳон радио башорат дод:
«Дӯстон, фатҳи нав муборак бод!
Тоҷикистон ба ваъда кард вафо,
Ба Ватан пахта дод беш аз пеш
Боз бигрифт ҷои олии хеш.

Ҳамдамам мисли гул шукуфон шуд,
— Эҳ,— гуфт,— ин зафар чӣ сон ширин!
Шири модар барин ҳалол аст ин!»
Ашк дар дидаҳош гардон шуд.
Ашки ӯ ашки шодмонӣ буд,
Ҷӯшиши ҳисси қаҳрамонӣ буд

*Декабри с. 1957*

## САЛОМИ ДӮСТӢ БА МАРДУМИ АФҒОН! [22]

Мардуми кору шуҷоат мардуми афғон, салом!
Аз диёри Шӯравӣ, аз мулки тоҷикон салом!
Сарфарозем ин, ки меҳмони шумо гардидаем,
Аввалин ҳарф аст дар гуфтори ҳар меҳмон салом!

Мо шуморо ин салом аз дӯстон овардаем,
Тӯҳфае аз меваҳои бӯстон овардаем.

Асрҳо ҳамсояему ҳамзабон мову шумо,
Дар як оҳангем шеъру накшхон мову шумо,
Меҳӯрем аз Панҷу Ому обамон мову шумо,
Душманонро маҳв карда беамон мову шумо.

Ҳар яке байроқи озодии худ афроштем,
Хирмани неъмат зи кишти дӯстӣ бардоштем.

Иттиҳоди Шӯравӣ дар роҳи сулҳ аст устувор,
Қишвари афғон дар ин роҳ аст бо вай ҳамқатор.
Ҷангҷӯ аз сулҳҷӯ мағлуб хоҳад шуд, яқин,
Сел оҷиз мешавад чун бархӯрад бо кӯҳсор!

Дӯстон, бар зидди ҷанги нав амал бо ҳам кунем,
Лашкари сулҳем мо, сафҳои худ маҳкам кунем!

Мардуми кору шуҷоат, мардуми афғон, салом!
Аз диёри Шӯравӣ, аз мулки тоҷикон салом!

*Августи с. 1958*

## ВИДОЪ БО ДУСТОНИ КОБУЛӢ

Ҳаво соф асту тайёр аст тайёр,
Видоъ, эй дӯстон, вақти видоъ аст!
Фишурда ҳамдигарро даст бо даст,
Тапиданҳои дил кардем изҳор.
Пас аз он қадр унсу ошноӣ
Чӣ душвор аст ин рӯзи ҷудоӣ!

Шумо акнун ба меҳмонӣ биёед
Ба мулки Шӯравӣ, бар Тоҷикистон!
Зи ташрифу садою созҳотон
Ба шодиҳои мо шодӣ фазоед!

Диёру халқи ман меҳмоннавоз аст,
Ба рӯи дӯстон дарҳош боз аст.
Биёеду намонед бо шунидан,
«Шунидан кай бувад монанди дидан!»

*Сентябри с. 1958,*
*Аэропорти Кобул.*

## ХАЛҚИ ЭЪҶОЗКОР

Шарқи Кӯҳна асрҳо буд саргаранги ҷустуҷӯ,
Ки чӣ сон мисро ба тарзи кимиё тилло кунад,
Қалъагиро нуқра созад — мӯъҷизот иҷро кунад,
То ки лабханде намояд бахту давлат сӯи ӯ;
Дар илоҷи бенавоию дар истеҳкоми ҷоҳ,
Доғи зар буданд умре ҳам гадо, ҳам подшоҳ.
Кимиёгарҳо ба афсуну дуоҳои дароз
Ҳар як аз мардум ниҳонӣ кӯра меафрӯхтанд,
Ким-чӣ доруву давохоро ба ҳам месӯхтанд,
Аз намак то сурмаю симобу кибриту пиёз...
Ҳосиле аз он набуд ҷуз дуди бадбӯ, оҳи ғам,
Дасти афсӯсу надомат мегазиданд аз алам.
Пахтакори кишварам, аслан туӣ эъҷозкор,
Кимиёи асл кору заҳмати поки ту шуд,
Конҳои нуқраю зар оби ту, хоки ту шуд!
Тофт бахтат, чун ба саъю ҳимматат шуд илм ёр.
Пахтакорӣ номи некат дар ҷаҳон машҳур кард,
Ризқу рӯзият фаровон, манзилат пурнур кард.
Водии Вахш, он, ки садҳо сол ваҳшихона буд,
Як сӯяш ботлоқу дигар сӯш шӯристони сахт,
Бин, чӣ сон аз қудрати Октябрь шуд водии бахт!
Пахтаи абрешимиро манбаи якдона шуд!
Пахтакори номдори водии Вахш, офарин!
Хокро кардӣ ба заҳмат кони зарбахш, офарин!

*Ноябри с. 1958*

## РАФИҚИ МО — БИЗИМ ЙУЛДОШ [23]

Дар олам шоирони зуллисонайн *
Басе буданду аммо ту дар он байн

Ба худ тасхир карда се забонро,
Ба ҳар се хондай рози ҷаҳонро.

Дар ин ҳар се забон бурда басе ранҷ,
Кушодӣ чун ҳакими ганҷавӣ [24] ганҷ,

Ниҳодастӣ ба дастархони ёрон
Чӣ неъматҳои алвону фаровон!

На танҳо турку озарбойҷонӣ
Аз ин хонанд андар комронӣ;

Ҳам эронию тоҷик баҳрамананд,
Чӣ дар водӣ, чӣ дар кӯҳи баландаид;

Араб ҳам комгори неъмати туст,
Санохони даҳову ҳикмати туст.

Дар он бигзашта давронҳо, замонҳо
Сурудат буд вирди ин забонҳо.

Гар аз номат қалам меронд таърих,
«Адиби се забон» мехонд таърих.

---

* Зуллисонайн — соҳиби (нависандаи) ду забон.

Дар ин даврон, ки аз нав зинда гаштӣ,
Ба сад лафзу забон гӯянда гаштӣ:

Ба русию қазоқӣ, украинӣ,
Ба ҳиндӣ, немисӣ, чехию чинӣ...

Қунун мафҳуми ҳар халқи ҷаҳонӣ,
Сазад гӯям: аҷиби сад забонӣ!

Басе ҳар гуна давронҳо гузаштанд,
Басе султон-сулаймонҳо * гузаштанд;

Аз он карру фар, аз он «зоти олӣ»
Фақат мондаст зикре хушку холӣ.

Ту бо гуфторат аз онҳо гузаштӣ,
Раҳи чор асрро то мо гузаштӣ.

Ту, ки хоҳони бахти халқ будӣ,
Ба роҳи бахт бо мо ҳамсурудӣ!

Азизи оламӣ, оламшумулӣ,
Рафиқи мо-бизим йӯлдош, Фузулӣ.

*Боку, 10 декабри с. 1958*

---

* Султон Сулаймон — яке аз подшоҳони замони Фузулӣ аст, ки шоир ӯро борҳо ба инсофу адолат даъват кардааст.

## МЕРАВАД КОРВОНИ МОСКВА — МОҲ

Хок шуд фитрат ба пастӣ, лек
мижгон барнадошт.
Варна аз мо то ба боми осмон
як зина буд.[25]

*(Бедил).*

Ватан эъҷози тоза кард эҷод,
Роҳ бар авҷи осмон бикушод.

Андар ин роҳи беҳаду мушкил,
Моҳ мебошад аввалин манзил.

Аз замин корвони фотеҳи Моҳ,
Бар фалак мешавад равона пагоҳ.

Меравад аҳли кулли илму амал:
Физику инженери роҳу канал;

Меравад агроном ба деҳқонӣ,
Коргар — хишти аввалинмонӣ...

Мекунанд олами наве бунъёд,
Мешавад Моҳ чун замин обод.

Аз замин корвони фотеҳи Моҳ
Бар фалак мешавад равона пагоҳ.

Ба ту гӯям, ки кист раҳбаладаш?
— Олими рус, коммунист худаш!

Кордон асту корвонбошӣ,
Бош дилпур, рафики вай бошӣ!

Дар замин ҷолиби ҷаҳон аст ӯ,
Дар само низ паҳлавон аст ӯ:

Меравад корвон ба сӯи қамар,
Дӯстам, хезу банд бори сафар!

Ман, ки на инженер, на коргарам,
На геолог, на физикам, дигарам —

Шоирам, ҳамраҳи замони худам
Ровии халқи қаҳрамони худам,

Ҳозирам, ки ба ин сафар биравам,
Шоҳиди фатҳи мулки моҳ шавам!

Муштарию Аторуду Миррих,
Ёд доред ҷумла ин таърих,

Ки шуморо шудем ҳамсоя,
Оре, ҳамсояему ҳампоя.

Мешавем меҳмони хонаатон,
Мисли ёрони ҷовидонаатон.

Зӯҳраро ҳам хабар кунед, ояд —
Базми рақсу суруд орояд!

Ошной зи дурдаст бас аст,
Шуд даме, ки диҳем даст ба даст!..

Раҳ кушодаст, дӯстон, пагоҳ,
Меравад корвони Москва — Моҳ!

Нозам аз мӯъҷизоти илму фанам,
Ки фалак зинае шуд аз Ватанам!

*4 январи с. 1959*

## НИШОНИ МЕҲНАТИ ШОИСТА [26]

*(Ба газетаи «Тоҷикистони Советӣ»)*

Нишони «Байраки Меҳнат» ба фарқи сафҳаи ту
Нишони меҳнати шоиста асту арзанда;
Ҳамеша то ки ҷаҳон ҳасту одаму меҳнат
Чу моҳ бод нишонат ба халқ рахшанда!

*Апрели с. 1959*

## НОМАИ ЗАМИН БА МОҲИ ТОБОН

*(Як навъ «Баҳри тавил»)*

Намудам номае иншо
Ба номи дилбаре зебо,
Ба он ҳамрози бепарво,
Ба он таннози беҳамто;
Ба он шӯрафкани дилҳо,
Ба он нурафкани дуньё;
Ба он шӯхи фалакпаймо,
Ба он Моҳи ҷаҳоноро,
Ки: «Эй дилдори хуррамтабъи хандон,
Ҷаҳон аз хандаат хандону шодон.
Ба сӯи ту, азизам, роҳҷӯён
Ҳазорон асрро бурдам ба поён,
Фақат аз дур гардида намоён.
Басо кардӣ ба доғи ҳаҷр бирьён.
Набуд он иқтидоре, ки ба ҷавлон
Фиристам қосиде, аз шавқ болон,
Ки мисли барқи рахшоне шитобон
Барад арзам ба ту, султони хубон...
Чӣ хушбахтам, ки акнун давру даврони дигар шуд сар,
Гузашт он вақто, ки ман будам «паст»-у ту — «мушти пар».

Маро илми советӣ кард аз ҳар қувва ғолибтар,
Ки тарсам нест аз дӯғу дағои осмон дигар!
Вакилони мананд имрӯз дар мулки само раҳбар,
Якешон, аллакай, дар ҳавлии Хуршед ҳам зад дар;

Дуи дигар ба дидори ту бикшоданд болу пар,
Ки аз онҳо якеро доимӣ ҷо додаӣ дар бар.
Шудам шод ин, ки бар гӯшат, мисоли ҳалқаҳои зар,
Зи досу болғаи савготии мо кардаӣ зевар...

* * *

Акнун, нигори нозанин,
Арзе дигар дорам чунин:
Тасвирҳои охирин
Бар ман расиданд. Офарин!
Будаст чун рӯю ҷабин.
Пушти сарат ҳам дилнишин.
Ваҳ-ваҳ, чӣ мӯи чин ба чин!
Ҳай-ҳай, чӣ зулфи анбарин!
З-ин сурати зеботарин
Сурат надонам баъд аз ин.
«Суратгари наққоши Чин,
Рав, сурати ёрам бубин!
Ё тарк кун суратгарӣ,
Ё сурате каш инчунин!»*
Соли нав омад имрӯз, ҷоно, муборакат бод!
Моро зи нав ҷавон кард бахте, ки ин замон дод.
Аҳсан ба дасти ақле, к-он чеҳраи ту бикшод,
Мисли занони тоҷик аз парда карда озод!
Он пардаи пурасрор аз рӯи ту барафтод,
Айёми талхи ҳаҷрат бигзашт, эй паризод!
Аз сулҳу сулҳҷӯён олам бигардад обод,
Оинаи ҷамолат гарди ғаме мабинод!
Ҷоми зафар бинӯшам, ғамҳои кӯҳна барбод!
Акси ту пеши чашмам, аҳди вафот дар ёд.
Нек аст омади сол, аз васл мешавад шод,
Ҳар чун ту нав-арӯсе, ҳар чун камина домод!»

*Декабри с. 1959*

---

* Ин чор мисраъ аз як ғазали Хисрави Деҳлавӣ гирифта шуда, фақат бо талаби қофия мисраъҳои сейӯми чорӯм пасу пеш гузошта шуд.

## ДИЁРИ БАҲОР

Ватан, аз мавҷи байрақҳои идат
Деҳоту шаҳр мисли лолазор аст;

Ҷаҳони кӯҳнаро аз нав ҷавон кард,
Бале, даврони ман эъҷозкор аст!

Биё, бин сарзамини Ӯзбекистон,
Ки дерин асту таърихӣ диёр аст;

Чу боғоташ ҷавон гаштасту сарсабз,
Зи оби илми Ленин файзбор аст.

Саодат шуд зи меҳнат ёри халқаш,
Дар ин ҷо пиру барно бахтьёр аст.

Вазон боди баҳор аз ҳар канораш,
Ҷавонию баҳораш дар канор аст.

Чи дар умраш, чи дар равнақ, чи дар сулҳ,
Баҳор асту баҳор асту баҳор аст!

*Тошканд, 30 апрели с. 1960*

## ПЕШ БАР, ПАРТИЯ

*(Суруд)*

Корвони давлати пурзӯру олишонамон
Борҳо бигзашт аз хавфу хатарҳо дар амон,
Ҳеҷ душман, ҳеҷ шар садди раҳаш натвон шудан,
Чунки ту будию ҳастӣ сарвари ин корвон!

Пеш бар, партияи Ленини аъзам, пеш бар
Бо зафар моро ба сӯи қуллаи бахти башар!

Кӯҳна дуньёро шикаста, олами нав сохтем,
Қувваи саркаш табиатро ба роҳ андохтем.
Мон, ки бинад қудрати илми советиро ҷаҳон
Байрақи худ бар сари шамсу қамар афрохтем!

Пеш бар, партияи Ленини аъзам, пеш бар
Бо зафар моро ба сӯи қуллаи бахти башар!

Кишвари мо хонадони дӯстии халқҳост,
Меваҳои коммунизм эҷоди дасти ранҷи мост.
Ҳар касе, ки ҷанг ҷӯяд, душман асту нест бод!
Ҳар диле, ки сулҳ хоҳад, бо дили мо ҳамсадост!

Пеш бар, партияи Ленини аъзам, пеш бар
Бо зафар моро ба сӯи қуллаи бахти башар!

*Июни с. 1960*

# ЛИРИКАИ ИШҚӢ

## ДАР ҶАВОБИ МАКТУБИ ДӮСТ

Ман аз шаҳри Душанбе дина, эй ҷон,
Гирифтам номаат шодону рақсон,
Гумон кардам:
Бароям дар Самарқанд
Баҳор омад дар айёми зимистон!

*Январи с. 1938*

## БА ПЕШВОЗИ ДИЛБАР

Дил буд интизори раҳат солҳо, биё!
Хуш омадӣ ба хонаи ҷон, марҳабо, биё!

Торик буд хонаи ман бе вуҷуди ту,
Бахш аз чароғи ҳусну ҷамолат зиё, биё!

Дар бистуҳафтсолагӣ мӯям сафед шуд,
Аз ғуссаи фироқи ту, эй бевафо, биё!

Маҷрӯҳи теғи рашки рақибон шуда дилам,
Дидори туст духтури соҳибшифо, биё!

Бедориям надид висоли ту, лоақал
Як шаб хаёлвор ба хобам даро, биё!

Пасту баланди кӯча агар заҳмате диҳад,
Монанди булбулони чаман аз ҳаво биё!

Нозу ғурур агар нагузорад ба гап задан,
Бо гӯшаҳои чашм бикун як имо, биё!

Сад банди зулм канду ба ҳаҷри ту банд шуд,
Мискин Деҳотӣ, ар бираҳонӣ, биё-биё!

*Октябри с. 1938*

## ХОБИ ХУШ

Шабонгаҳ «Хоби хуш бин!» гуфта рафтӣ,
Ба ошиқ маънии ин як китоб аст.
Ҳамин, ки чашм пӯшидам, ба хобам
Туро дидам. Аз ин хуштар чӣ хоб аст?!

*Соли 1939*

## МЕҲМОН МЕКУНӢ Ё НЕ?

*(Дар пайравии ғазали Аҳмади Ҷомӣ)*

Ғамат то кай хӯрам, эй дӯст, шодон мекунӣ ё не?
Ба рӯям ғунчаи уммед хандон мекунӣ ё не?

Ба ту ҳамдам шудан мушкил, ҷудоӣ — боз
мушкилтар,
Ба як лутфу карам ду мушкил осон мекунӣ ё не?

Ман аз дарди фироқи он ду лаб бас талхкомастам,
Забони ҳолпурсӣ шаккарафшон мекунӣ ё не?

Дилам гум мезанад дар ёди бӯи мӯи мушкинат,
Дами боди сабо зулфат парешон мекунӣ ё не?

Туро ёри наву нозу ғурури нав муборак бод,
Валекин гоҳ ёди кӯҳнаёрон мекунӣ ё не?

Ту дар паймони худ: «Гар васл хоҳӣ, сабр кун»
гуфтӣ,
Дигар сабрам намонд, иҷрои паймон мекунӣ ё не?

Деҳотиро ҳавои ту мусофир кард дар ин шаҳр,
Ба хоки даргаҳат дурӯза меҳмон мекунӣ ё не?

*Июли с. 1943*

## ТУ ҲАМ ЁДЕ БИКУН АЗ МАН!

I

Ба ман, ёро, ҷафо кардӣ,
Ки бо худ ошно кардӣ,
Ба ёдат мубтало кардӣ,
Ту ҳам ёде бикун аз ман!

II

На бо чашмам шавӣ ҳамдам,
На аз ёдам равӣ як дам,
Чӣ бедармон шуд ин дардам,
Ту ҳам ёде бикун аз ман!

III

Дилам хун шуд зи танҳоӣ
Шабу рӯзам ба раҳпоӣ,
Ки шояд як даме оӣ,
Ту ҳам ёде бикун аз ман!

IV

Насими бод мебӯям,
Гули рӯи ту меҷӯям,
Ба сад фарьёд мегӯям:
Ту ҳам ёде бикун аз ман!

V

Чӣ хушбахт аст он инсон,
Ки баҳри дӯст бахшад ҷон;

Ба ёдат ҷон диҳам, ҷонон,
Ту ҳам ёде бикун аз ман!

VI

Ту Шиԥинию бо ёдат
Деҳотӣ гашта Фарҳодат,
Биё дар меҳнатободат,
Ту ҳам ёде бикун аз ман!

*Октябри с. 1943*

## ЁРИ ХУШОВОЗ

*(Сурудг)*

I

Омадам бар даргаҳат, то ёру дамсозат шавам,
Рози дил гӯем бо хам, маҳрами розат шавам!
Ҳар замон мегирадам хуммори хонишҳои ту,
Як суруди тоза хон,
қурбони овозат шавам!

II

Хонише дорад мулоим ҳур-ҳури боди баҳор,
Шӯху форам нағмаи оби равони ҷӯйбор,
Навниҳолонро ба ракс овард оҳанги сабо,
Пас, ту ҳам ёри хушовозам, навои дил барор!

III

Хон навоҳои баҳори давру даврони Ватан!
Хон ғазалҳои шукуфта шаҳру қишлоқу чаман!
Хон, азизам, то ки бар ҳар халқу ҳар мулки ҷаҳон,
Шӯҳрати даврон барад овози ту, ашъори ман!

*Июли с. 1950*

## АВВАЛИН ГУЛ ШУКУФТ

*(Суруд)*

Рав, насими саҳар, шитобонтар,
Бар сари кӯи дӯстам бигзар;

Бо навозиш намой бедораш,
Ин паёмам ба лутф биспораш:

Субҳи имрӯз байни гулзорам
Аввалин гул шукуфт, дилдорам!

Сурхранг асту Оразӣ номаш,
Сурх — чун орази ту, чун оташ.

Ботароват — намунаи рӯят,
Атрбӯ — як нишона аз мӯят.

Ғунча буд, чун шукуфтанаш дидам,
Эҳ, ёди табассумат кардам!

Ваъдаи сайри гул ба ёдат ҳаст?
Инак он фурсат омадаст ба даст.

Сайри гул нест дилкушо бе дӯст,
Интизорам, даме биё, эй дӯст!

*16 маи с. 1955*

## РУБОИЕТ

I

Боди саҳар аз домани саҳро бархез,
Бо ёр расон ин хабари шавқангез:
«Тиллои сафед чин зи саҳро в-аз он
Бар нармаи гӯш — гӯшворе овез!»

II

Боз о, ки рухи чу лолазорат бинам,
Дар оғӯши нарми пахтазорат бинам;
Биншин ба сари қофилаи сурх, ки ман
Бо байрақи сурх ифтихорат бинам!

III

Бар Маскави сурх телегроме бифирист,
Бар раҳбари мумтоз саломе бифирист!
Чашми ҳама фабрикаи газвор ба туст,—
Бо пахтаи чун нуқра паёме бифирист!

IV

Қор аз таҳи дил бикун, ки меҳнат ин аст,
Бахшандаи осоишу роҳат ин аст.
Шоистаи номи зарбдорӣ мебош,
Ному шарафу бахту саодат ин аст.

V

Рамзест ҳамин пахта ҳам аз бахти шумо,
Азбаски сафед асту кушода ҳама чо,
Он бахт тулӯест зи Октябри Қабир,
Қ-аз сар заданаш гашт мунаввар шаби мо.

VI

Хушном бизӣ, ки бар ҳаётат нозам,
Аз фахр сарамро ба само афрозам.
Шеърриятам ояду чунон бинвисам,
Қ-аз номи ту сафҳаи ҷаҳон пур созам!.

VII

Илҳоми ман аз ҳурию озодии туст,
Мавзӯи ман аз донишу ободии туст.
Ман якта сарояндаи лирикаи ишқ —
Ишқам ба накӯномию дилшодии туст.

VIII

Дорам ба дил уммед, ки ёрат бошам,
Ҳаммаслаку ҳамдаст ба корат бошам,
Дар зиндагии тозаи хушбахтона
Гулнор туию Ёдгорат бошам!*

IX

Хандидани бахтам чу лабонат гардад,
Мақсуди дилам ҳарфи даҳонат гардад,
Ҳар гаҳ ба сухан чу Ҳофиз устод шавам
В-он гаҳ суханам вирди забонат гардад.

*Октябри с. 1934*

**Дубайтаҳо**

Азизам, бе ту бар дил ғам гирифтам,
Зи хуни дил ба чашмам нам гирифтам:
Ту он ҷо бо рақибам тӯй дорӣ,
Ман ин ҷо аз ҳасад мотам гирифтам...

Рақибо, фитна камтар кун ба ҷонам,
Назан теғи ҳасад бар устухонам.
Ба ҳарфе хонумонатро бисӯзам,
Ҳазар кун, шоирам — оташзабонам!

*Октябри с. 1937*

---

* Гулнор ва Ёдгор — қаҳрамонҳои асосии романи «Дохунда»-и С. Айнӣ.

# ДОСТОНҲО

## МАНЗАРАҲОИ СЕГОНА [28]

### I. Партави Октябрь

Дами шоме, ки з-осмон хуршед,
Сар ба оҳистагӣ ба паст кашид.

Шафақи шом лолагун тобид,
Шӯълаи сурхи оташин пошид.

Осмон ҳамчу оби Баҳри Қабир,
Паҳну орому беғуборзамир.

Моҳу сайёраҳо дурахшон аст,
Гӯиё осмон чароғон аст.

Дами шаб бо садои оби равон,
Мерасад хуш насими тобистон.

Бӯи гулҳои тоза меорад,
Тухми шодӣ ба қалб мекорад...

Ним фарсах канортар аз шаҳр
Истироҳатгаҳест бар лаби наҳр.

Истироҳатгаҳе аҷаб зебо,
Дилкашу дилрабову рӯҳафзо.

Як тараф дар бинои пурҳашамат,
Бозувони қавии пур-азамат.

На даҳу сад — ҳазорҳо ин ҷо,
Шоду озод байни мошинҳо.

Қоргар, коргарзану духтар,
Синаҳошон пур аз сурури зафар,

Ҳар яке ҳукмрони мошине,
Ҳар яке зарбдори сангине.

Ходими синфи ранҷбар — мошин,
Теғи бурри ганҷбар -- мошин,

Қасру тахти пролетар — мошин,
Айшу бахти пролетар — мошин,

Ёвару ёри коргар — мошин,
Роҳи исьёни коргар — мошин.

Шӯълаҳо дар хурӯш оварда,
Деги меҳнат ба ҷӯш оварда,

Чархҳо тезу тунд мегарданд,
Торҳо нозукона мерақсанд.

Дастҳои пур аз ҳунар чобук
Моҳирона бубаста нӯк ба нӯк,

Печҳо медиҳад ба мошинҳо
Торҳои паранди нозукро.

Боди шӯхе зи ғурриши мошин,
Мевазад дар цех нарму маҳин.

Дар раҳи ишқи кор метозад,
Мӯи маъшуқи хеш мебозад.

Ёр — мошина асту, ошиқи кор —
Духтари зарбдори гулрухсор.

Бар сари кор фахр месозад,
Паи хушбахтиаш ҳаменозад.

Як тараф чойхона асту клуб,
Сурху пурзебу зиннати марғуб,

Вақти дамгирию танаффусҳо,
Тӯда-тӯда ба ҳамдигар ҳар ҷо,

Тӯдае рӯзнома мехонанд,
То хабарҳои тозаро донанд.

Партавафшон чун моҳи пур-анвор,
Лампаҳои электрик қатор,

Ҳар як аз ҳамдигар фузун ба зиё,
Ҳамчу сайёраҳо ба рӯи само.

Ҳар тараф ғарқи баҳри нур шуда,
Ҳар диле маскани сурур шуда.

Ман дар ин чойхона бо пире,
Пири муздури нектақдире,

Соате чанд гуфтугӯ кардам,
Боби таърих ҷустуҷӯ кардам —

Ҳолати корхона пурсидам,
Мозию[29] ҳозираш бифаҳмидам.

Пири соҳибхирад сухан сар кард,
Шарҳи ҳоли ду давра яксар кард:

— Ҳафт-ҳашт сол пеш аз ин муддат
Буд ин ҷо харобу пурдаҳшат.

Дар ҳамин ҷо ба ҷанги авбошон,
Ҳар шабе чанд тан шудӣ қурбон.

Шуд дар ин ҷо зи ғорати duzdон,
Хонаи чанд камбағал вайрон.

Зистгоҳи сагу шағолон буд,
Лонаи чуғзу буму зоғон буд.

Андарин ҷӯи пур зи оби равон,
Мурдаи чанд бегунаҳ ғалтон.

Мухтасар буд ҷои пурхатаре,
Н-аз бино буду н-аз амон асаре

Пас аз он, ки пролетор зафар
Ёфт бар зидди ҳар балову хатар.

Баъд аз он ки Ҳукумати Шӯро,
Поя маҳкам намуд дар ҳар ҷо.

Дасти пур-иқтидори ранҷбарон,
Кард ин ҷаррӣ аз нав ободон.

Шуд бапо андарин макони умум,
Фабрики тозае ба номи «ҳуҷум».

Фабрики пухтакори пиллакашӣ,
Мактаби касбу боғи вақтхушӣ,

Ин ҳама зебу зиннате к-ин ҷост,
Ҳосили ранҷу саъю ғайрати мост.

Ин ки дидед зарбдоронро,
Карда ҳар як плони худ иҷро,

Шуда дар байни аҳли ин фабрик,
Соҳиби фахру лоиқи табрик.

Ин ҳама нурҳои оташбор,
Шӯълаи сурхи лампаҳои қатор —

Тобиши моҳтоби Октябрь аст,
Партави офтоби Октябрь аст.

### II. Боғи умед

Машрику мағрибу ҷанубу шимол,
Ҳар тараф бингарӣ қатори ҷибол.

Теғаҳо рост карда то сари абр,
Бидарад синаҳои абри ситабр.

Кӯҳҳои дарози пайваста,
Мисли занҷир пешу пас баста.

Дар миёнҷост шаҳри нав-обод,
Шаҳри навзоди оҳанинбуньёд

Ҳар тараф сохтмони нав барпо,
Сохтмоне ки сар кашад ба фазо.

Сохтмони заводу фабрику роҳ,
Сохтмонҳои ҷою манзилгоҳ.

Як тараф мактабу тамошоҷост,
Боғу цирку театру кйност.

Боғи хуштарҳу хуррраму гулзор,
Бӯстонест холӣ аз хасу хор.

Навниҳолон ба айни авҷу ғурур,
Самари аввалин намуна зуҳур.

Ин чӣ шаҳрест пур зи ҷӯшу хурӯш?
Достонҳо зи васфи он бар гӯш.

Мешиносӣ, кадом боғ аст ин?
Боғи холӣ зи хорзор аст ин.

Баҳри ин сарзамини нав обод,
Номи номӣ Душанбеи озод.

Буд даште — кунун гулистон шуд,
Маркази мулки Тоҷикистон шуд.

Кӯхсори харобаи тоҷик
Дошт мозийи мудҳишу торик.

Қамбағалҳош буда хонахароб,
Солҳо з-оташи ҷафову азоб.

Бин, ки арбоби табъи оташбор,
Қалами шоирони санъаткор

Карда тасвир лавҳаҳои фаҷеъ[30],
Ба чӣ мазмуни дилпазиру васеъ.

Бин, ки устоди маърифат Айнӣ,
Ба чӣ сон суфта ӯ дури маънӣ.

Сафҳаи мозийи сиёҳ кушуд,
Шеъри ҷонсӯз з-он гузашта суруд:

«Понздаҳ сол пеш аз ин ба ҷаҳон,
Тоҷикистон набуду номаш ҳам.

Буд оре ба ном кӯҳистон,
Кӯҳсоре харобу пурмотам,

Аз фишори амиру бою вазир
Сангҳояш шикаста хӯрда баҳам»[31].

Ин замин доимо ба амри амир,
Буд аз хуни бенавоён сер.

Андарин ҷо ба ҳукми мансабдор,
Ҳар нафас каллае кашида ба дор.

Андарин ҷо ба теғи сарбозон,
Буд сад-сад ҷасад ҷудо аз ҷон.

Андарин ҷо ба нафъи муфтхурон,
Хуни дил хӯрда коргар, деҳқон.

Андарин ҷо зи макри шайху имом,
Аз вуҷуди шариати ислом.

Бахри айши амиру бою вазир
В-аз паи кайфи хели мустаъмир.

Гарм бозори шарру фисқу фуҷур,
Ғафс дуди фасоду фитнаву шӯр.

Сифлагӣ[32] ҳар чӣ хаст, буд зиёд,
Шарафу шаъни одамӣ барбод.

Духтару зан залил[33] аз ҳайвон,
Нафсу номуси ҳаққашон қурбон.

Ҳама дар банду қайди зулму алам
Монда дар кисвату мусибату ғам.

Аз ҳамин ҷо ба ҳар шабонрӯзӣ,
Чанд аз духтарони берузӣ*

Тӯҳфа мешуд ба мир аз арбоб,
Чун кабӯтар ба тезчанг уқоб.

---

* Берӯзӣ — ба маънии бечора, бадбахт кор фармуда мешавад.— *А. Д.*

Андарин ҷо зи дасти босмачиён,
Хонумони фақирҳо толон.

Кӯдакон гушна, модарон урьён,
Падарон хаста, хоҳарон гирьён.

Кишт барбоду боғҳо вайрон,
Марғзори кабуд — зарду хазон.

Халқи бечора зору саргардон,
Дашту водӣ пур аз ғиреву фиғон,

З-оҳи оташфишони мазлумон,
Бахр ҷӯшону сангҳо сӯзон.

Оҳи сӯзон баланд гашт чунон,
Ки агар ин замину кӯҳистон.

Хас ҳаме буду ё ки ҷангали тар,
Ҳамаро мегудохт сар то сар.

Ин туро лавҳаест аз мозӣ,
Лавҳае аз ҳаёти дирӯзӣ.

Худ кунун чашми бинишат бикушо!
Бин ки фарқ аз куҷост то ба куҷо?

Ёди он мозийи сиёҳ намо:
Тоҷикистон чӣ буд? Чӣ шуд ҳоло?

Муттаҳид гашта синфи мазлумин,
Зери байроқи фирқаи Ленин.

Оташи инқилобро афрӯхт,
Тору пуди ситамгаронро сӯхт.

Аскари сурхи коргар-деҳқон,
Қувваи иттиҳоди ранҷбарон.

Рехт чун «сели оташинбуньён»
Сӯхт буньёди он фасурда ҷаҳон.

Рӯфт хошоку ҳар тани нопок,
То ки шуд «хас каму ҷаҳон ҳам пок».

Баъд сар шуд замони ободӣ,
Давраи гарми тозабуньёдӣ.

Дар хароботи давраи мирӣ,
«Қишвари тоза Тоҷикистон шуд,
Тоҷикистон зи пахтаи мисрӣ,
Рашк-ангези Англистон шуд.
Пеши Вахшстрой Варзобаш,
Қапитолизми Ғарб ларзон шуд»*.

Бингар акнун, ки дасти донишу фан
Шуда осоннамои ранҷу миҳан.

Тани фӯлоду бозуи метин,
Дасти пурзӯру қувваи мошин.

Кӯҳҳоро намуда «хоку туроб»,
Хоҳ дар Вахшу хоҳ дар Варзоб.

Пеши сангинии иродаи мо,
Ба суолоти сахт додаи мо

Кӯҳҳои азими «одамхӯр»**
Бо ҳазорон шикастагию қусур

Рози худ солҳо ки бинҳуфтанд,
Ҳамаро мӯ ба мӯ ба мо гуфтанд.

Ҳар чӣ аз хели кон буду маъдан,
Нефть, ангишт, зар, мису оҳан...

Бисупурданд ҷумларо бар мо,
Ҳамчу Шӯроб, Қаромазор, Санто...

Шоҳи кӯҳсор — Помири мағрур,
Сар фурӯ кард, чун шуд ӯ маҷбур.

Оби ваҳшии Вахш шуд таслим,
Наҳри Варзоб қобили таълим.

---

* Ин панҷ мисраъ аз «15 сол» ном шеъри устсд Айнӣ гирифта шуд.

** Дар Самарқанд барин шаҳрҳо ва ҷойҳо баъзе аз кӯҳҳои Тоҷикистонро «кӯҳҳои одамхӯр» ва монанди ҳамин меноманд.— *А. Д.*

Водии Вахш — Вахши хористон,
Пахтаи Мисрро шуда бӯстон.

Бин ба Помир — (Рӯи Боми Ҷаҳон)
Кавкаби сурхи мо бувад рахшон.

Дар биёбони регу ҷангалзор,
Ҳам дар он ағбаҳои борику тор.

Ки дар онҳо ба вақти пеш касе,
По ниҳад, мекашид ранҷ басе.

Ранҷи раҳ гаштан аз раҳи пурсанг,
Хавфи лағҷиш зи роҳи борику танг.

Хавф аз селу гирдбоди кӯр,
Чи ба чӯпон, чи корвони шутур.

Бингар ин дам, ки пеши автомобиль,
Нест на хавф ҳам на як ҳоил.[34]

Паровоз он чунон ба ҷавлон аст,
Гӯй раъде, ки тунд ғуррон аст.

Бешаку шубҳа, ошкор аст ин,
К-андарин панҷ соли дуввӯмин.

Қувваи оби Вахш ҳам Варзоб,
Ҳар тараф пешу пас кунад маҳтоб.

Яъне ду сохтмони беҳамто,
Ду гиганти электрикии мо

Кори пурзӯри худ кунад оғоз,
Шаҳру деҳро диҳад зи нур тироз.

З-он шуои вазон энергияҳо,
Ҳал шавад пешрафти тозаи мо.

Ростҳо чун плони мо диданд,
Ҳеҷ бовар накарда ханддиданд,

Майли «чап»,— каҷравони вайронкор,
Шуда бар майли рост думбардор.

Хостандӣ ба кор рахна зананд,
Фирқаро бо раҳи хато бубаранд.

Дар раҳи фирқа чоҳҳо кananд,
Лек дар чоҳи худ фурӯ рафтанд.

Шовинистони олии давлат,
Ҳомиёни шариату миллат.

Муштзӯрону бою муллоён,
Хоину рахнакору бадбинон.

Баста уммед бар заволи мо,
Карда тороҷ мулку моли мо,

Зидди мо ончунон хурӯшиданд,
Махфию ошкор кӯшиданд.

Рӯзу шаб дар хаёлашон мебуд:
«СССР хароб хоҳад шуд».

Пас чу диданд кори осон нест,
Баҳри онҳо ба хони мо нон нест.

Ҳар умеде, ки душманон карданд,
Ҳар чӣ дар ҳаққи мо гумон бурданд,

Ҳамчу сангу ғубор рафт ба бод,
«Латтаҳошон ба об дар-афтод...»*

Буржуо дид пеш рафтани мо,
Аз хатар безарар гузаштани мо.

Аз ҳасад андаруни дил худ сӯхт,
Чашми хашмин ба Тоҷикистон дӯхт.

Ҷои ашк аз ду чашм оташ рехт,
Саги худро ба сӯи мо ангехт:

---

* Латта ба об афтодан — ин аз киноядҳои халқ аст, ки дар мавриди навмед шудан, яъне беҳуда баромадани ягон чизи гумон кардагии худашон ё каси дигар, кор мефармоянд.— *А. Д.*

Аввал омад Фузайл чун саги ҳор[35],
Хешро зад ба ҳар дару девор.

Мисли дузде, ки дохили боғе,
Бишавад бо ҳарос чун зоғе,

Бо саросемагӣ ба мева занад,
Шохҳоро шикаста мева канад.

Лек чун боғбон ба сӯш давад,
Ҷои ба каф, дар паи гурез шавад...

Ҳамчунин шуд Фузайл андар Ғарм,
Кард бозори шӯру шарро гарм.

Даҳ минут вақтро ғанимат ёфт,
Хешро ҳокими раият бофт.

Шуд ба бою кулоку мулло ёр,
«Дузд-дуздро шинохт дар шаби тор».

Ҳар кӣ аз узви фирқа ё шӯро
Пеши чашмаш намуд, кушт ӯро.

Мактабу копратиф вайрон кард,
Узви колхозро парешон кард.

Ҳар зану духтаре, ки дид озод,
Кушт — аз номи дин ҷазояш дод...

Мухтасар то даме, ки озим[36] шуд,
Муддати даҳ дақиқа ҳоким шуд.

Чун хабар ёфт з-он ҳукумати мо,
Лашкари сурхи пуршуҷоати мо.

Бо дилу ҷон ба зидди ӯ биштофт,
Душмани худ шикасту нусрат ёфт.

Саги аввал — Фузайл ҷасту гурехт,
Гӯӣ сайде, ки банди дом гусехт.

Ҳамраҳонаш, ки дастгир шуданд,
Бахри моҳо нишони тир шуданд.

Саги дигар расид — Иброҳим,
Қосалеси қадими Мир-Олим.[37]

Иброҳимбек чун саги хапгир,
Ҳамлае кард дафъаи охир.

Он якеро зи банди пой газид,
В-он дигарро ба санг ҷома дарид.

Он якеро ба хунш ғалтон кард,
В-он дигарро зи бим ларзон кард...

Хост, то «олами дигар созад»
Зидди мо «ихтилол андозад».

Тоҷикистон зи ғарб то Помир,
«Ба Бритониё намояд асир...»

Лек шери далер, лашкари сурх,
ГПУ теғи тезу ханҷари сурх.

Бо фидокории фидокорон
Хели колхозчиёну деҳқонон.

Хели калтакчиёни сурхи далер,
Хели пурзӯру хели пуртадбир.

Саги хапгирро таги по кард,
Думравашро таҳи замин ҷо кард.

Халқ осуда гашту мулк обод,
Дӯстон шоду душманон барбод...

Тоҷикистон ба ҳар фронт мудом
Большевикона бо саботи тамом.

Рафта бо шоҳроҳи фирқаи хеш,
Бо раҳи доҳии ҳуҷистаи хеш,

Нақшаи Панҷсоларо бо кор
Пурра иҷро намуда андар чор,

Ҳафтӯмин рукни қасри шӯро шуд,
Дидбони тамоми дунъё шуд.

Тоҷикистон зи Шарқи шӯроҳо,
Назди Шарқи асири буржуҳо,

Назди Шарқи асир — чун Эрон,
Ҳамчу Афғону Чину Ҳиндустон.

Ҳусни амсол гашту ибратбахш,
Сохтмонаш ба даҳр ҳайратбахш.

«Тоҷикистон кунун ба сарҳади Шарқ,
Қалъаи сурхи оҳанин гардид!

Баҳри меҳнаткашони беҳади Шарқ,
Боғи уммеди дилнишин гардид.

Тоҷикистон зи боғи хеш кунун
Меваҳои лазиз дода фузун...»

Дидам ин ҷо миёни роҳравон,
Тӯдае аз пионерони ҷавон.

Тавқи сурхе бубаста ҳар якашон,
Хуни ҳиммат ба ҷӯш дар рагашон,

Қаламу дафтару китоб ба бар,
Шавқи илму ҳаёти тоза ба сар.

Сӯи мактаб шитобкорона,
Хушдилона сурудхонона:

— Мо, ки авлоди навраси корем,
Гарчи хурдем, аз паси корем!

Мо, ки фарзандҳои Ленинем,
Раста аз ҳар худову ҳар динем.

Мо ҷаҳони кӯҳан кунем фано!
Мо ҷаҳони наве кунем бино!

Ончунон як ҷаҳон, ки нест дар ӯ,
Асаре на зи шаҳ, на аз буржӯ,

Он чунон оламе, ки ҳеҷ дар он,
На бувад ҷангу шӯришу исьён,

Оламе бетазоду зулму фишор,
Холӣ аз дину синфу истисмор.

Оламе к-ӯ зи ҷаҳлу ғафлат пок,
Мардумаш бошууру хуш-идрок.

Мухтасар мо ба ҳар раҳу ҳар ҷанг,
Пешрав, пешдору пешоҳанг!
Баҳри мо ин китоби пурфани мо,
Варақе аз китоби Октябрь аст!

Ин галстуки сурхи гардани мо —
Тӯҳфаи инқилоби Октябрь аст!..

### III. Кони тиллои сафед

Бӯстони ягонаи даврон,
Гулситони васеи бепоён.

Бӯстоне фараҳфазову латиф,
Набвад онро на хас, на хор ҳариф.

Гулситоне ба сад — дусад солаш,
Чашми олам надида амсолаш.

Гулшане пур зи ғунчаи якранг,
Ғунчаҳояш сафеди пок аз чанг.

Ғунчаҳояш латиф — ғунча ба ном,
Лек шаффофтар зи нуқраи хом.

Ғунчаҳое ба хандаоғозӣ
Чун лаби духтарони колхозӣ.

Ғунчаҳои кушодаву хандон,
Чун рухи зарбдор дар майдон.

Булбулонаш, ки чаҳ-чаҳовозанд
Шеърхонанду нағмапардозанд.

Ҳосили ранҷи хеш мебинанд
Меваҳои висол меҷинанд.

Боғбонаш на як ҳазор-ҳазор,
Боғбонҳои моҳиру пуркор.

Боғбонҳои комилистеъдод,
Қ-аз ҳунар карда ин чаман обод.

Бишунав, эй рафиқ хонанда,
Дигар ин ҳарф аз нигоранда:

Қардамат васфи боғу гулшану гул,
Гуфтамат комронии булбул.

Лек инро ту як хаёл мадон,
Ғайри воқеу ғайри ҳол мадон.

Ман наям шоири хаёлпараст,
Ман на риндам, на хатту холпараст!

Ман на маддоҳи хону хоқонам!
На санохони миру шоҳонам

На чу Бӯмуслимам [38] фасонанавис,
На чу Қоониям ба нафс ҳарис,

Балки аз нозимони навқаламам,
Нав дар ин раҳ ниҳодаам қадамам.

Нозими асри шӯравӣ ҳастам,
Пайрави хатти фирқавӣ ҳастам.

На шиносам миёни ҷамъият,
Ҷуз ҳақикат — ҳақиқати меҳнат.

Тӯдаи ранҷро зи авлодам,
Дасти меҳнат намуда эҷодам.

Ман, ки як аскари қаламдорам
Ҳамчу Лоҳутӣ аст сардорам!

Хомаам теғи обдори ман аст,
Дафтарам саҳни корзори ман аст!

Ман, ки бар зидди хасм меҷангам,
Сар зи ҷанг ар кашам, бувад нангам!

Ман, ки як зореи навэҷодам,
Ҳамчу Айнист моҳир устодам.

Мазраам — ин диёри шӯроист,
Кишти ман назму насророист.

Инак — ин достон, ки ганҷи ман аст —
З-аввалин ҳосилоти ранҷи ман аст.

Бӯстоне, ки бар ту ман гуфтам
Гаҳ гулистонш, гаҳ чаман гуфтам —

Ин диёре, ки бар ту бегонаст
Водии номдори Фарғонаст.

Буд Фарғона асрҳои зиёд
Банду маҳкуми дасти истибдод.

Хуни меҳнаткашони ин водӣ
Рехт чанде басе ба бедодӣ.

Он Мусулмонқулу Худоёраш [39]
Карда вайрону синаафгораш,

Ҷуз ба бадномиаш намонда нишон,
Ғайри мазлумиаш надода амон;

Бо разилии зулми фоҷианок
Номи Фарғонаро заданд ба хок.

Гашт ин сарзамин ба давлати чор
Маркази моли хому истисмор.

Як тараф зулму соҳиби сарват —
Манапу бою нозири давлат,

Як тараф макри шаръу диндорон —
Қозию шайху муфтию эшон;

Офати мӯҳлике [40] зи сӯи дигар —
Ваҳшати босмачию ғоратгар.

Ин чаманро намуд зарду хазон,
Бар дилаш монда доғҳои ниҳон.

Ин чаман хушк шуд ахир аз бун,
Боғбон гашта з-ин алам дилхун...

Асри шӯро баҳори нав орост,
Сабзаи ин чаман зи нав бархост.

Ғунчаҳояш шукуфта хуррам шуд,
Доғҳои ниҳонш барҳам шуд.

Ғунчаҳои сафеду пок аз чанг —
Ҳаст ин пахтаҳои шириранг.

Пахтаҳо чун шукуфаҳои баҳор
Аз паси ҳамдигар шуда тайёр.

Боғбонҳои моҳиру пуркор —
Хели колхозчиёни таҷрибакор.

Агрономон зи рӯи фанну ҳунар
Шуда бар пахтакорҳо раҳбар,

Таҷриба, илмро ба ҳам баста,
Ҷидду ҷаҳде кунанд пайваста.

З-ин сабаб ҳосилоти пахтаашон
Шуда бисьёру номвар ба ҷаҳон...

Булбулонаш, ки нағмапардозанд —
Ин ҷавондухтарони колхозанд,

Қ-андарин пахтазори рӯҳнавоз
Дода сад гуна фарру ҳусну тироз,

Даст бигрифта бо ҷавонмардон,
Зарбдорона чобуку печон.

Чида аз пахтаҳо қанор-қанор,
Ҷой созанд дар ҷуволу қанор.

Бин ки дар корҳои ин майдон
Меҳнати марду зан бувад яксон.

Зан на маҳкуми чордевор аст,
На қарини азобу озор аст,

Балки имрӯз ҳамсари мардон
Дар раҳи кор мезанад ҷавлон.

Меҳнати иҷтимоию озод,
Интизоми қавии чун фӯлод

Танбалонро намуда дур аз худ,
Зарбдорони корро хушнуд.

Бишнав ин дам, ки андар ин саҳро
Ҷои савти ҳазину оҳу наво,

Бонги меҳнат баланд мегардад,
Дар фазои кушод мерақсад.

Бонги меҳнат бувад далерона,
Пур зи ҷӯшу хурӯши шерона...

Як тараф корвони сурх қатор
Гашта аз деҳ ба шаҳр роҳсипор.

Қорвон хушнизому бошавкат,
Чун қатори вагон дами ҳаракат.

Қорвоне, ки шоҳиди зафараш
Ҳаст байроқи сурхи ҷилвагараш.

Қорвоне, ки хели заҳматкаш,
Пешвозаш кунанду табрикаш,

Пур ба аспу аробаву уштур
Армуғон оварад ба шаҳр аз дур.

Армуғонаш тило-тилои сафед
Дасти колхозчиаш намуна падид...

Инак имрӯз мулки Фарғона
Бо зафарҳои большевикона

Мулки хушбахту босаодат шуд,
Маркази пахтаю саноат шуд.

Ҳар қадар пахта хубу афзун шуд,
Дили душман ҳамон қадар хун шуд.

Муштзӯр — он адӯи ниммурда,
Ҳамчу рӯбоҳи устухонхӯрда,

Дар дами вопасин ҳамекӯшад,
Заҳр аз ҷоми марг менӯшад.

Ҳар нафас бо ҳазор макру фиреб
Шуда «ёр»-у «рафиқи» мо, «на рақиб»

Зидди мо — зидди пахтаи шӯро
Фитна ангезаду кунад иғво.

Лек моён кунун на гумроҳем,
На гирифтори доми бадхоҳем!

Мо на нодону бешууру кӯр,
Мо на сарҳам ба назди ҳар «пурзӯр!»

Балки мо бошууру биноем,
Зираку чобуку тавоноем!

Мо намонем раҳ, ки душманамон
Ҷели макр афканад ба гарданамон!

Ҷабҳаи пахта — ҷабҳаи ғавғост
Ҷабҳаи корзори синфии мост!

Мо дар ин ҷабҳа меравем ба ҷанг
Зидди оппортунизми рангоранг:

Зидди миллатпарастии аъзам,
Зидди миллатчии маҳаллӣ ҳам!

То насозанд пахтаро нобуд
Баҳри иҷрои фикри мӯҳмали худ...

Ҳон! Ба пахтачиҳои хориҷа гӯй,
Ки: раҳи фитнаву фасод маҷӯй!

Сари кибру ғурур поин кун!
Пахтаатро ба хеш болин кун!

Пахтакорӣ ба мо на бадномист,
На пур аз меҳнат асту нокомист,

Балки хушному холӣ аз ранҷ аст,
Пурбаҳову азиз чун ганҷ аст.

Занг зад позаву шикаст испор
Чун трактор шурӯъ намуд ба кор.

Гардани гову бозуи деҳқон
Менаорад варам зи кори гарон.

Марди колхозчӣ синаҳои замин
Мекафонад ба қувваи мошин.

Пахтаи СССР ёфт камол,
З-ин ҷиҳат шуд муяссар истиқлол.

СССР аз барои пахта дигар
Ба ту надҳад хазинаҳои зар.

Мо чу Фарғона конҳо дорем
Қ-андарон нуқраву тило дорем

Назди мо пахта нуқраву тиллост,
Беҳтарин молу сарвати дуньёст.

Ҳар яке аз заводу фабрикамон
Шуда таъмин ба пахтаи худамон.

Мо ба Ленингроду бар Маскав
Ба дигар ҳар заводу фабрики нав

Пахтаи софи нуқрабор диҳем,
Даҳ на, сад на, зи тон ҳазор диҳем!

Дар бадал молҳои гуногун
Аз саноат ба мо расад афзун

Кишти пахта гули нишоти мост,
Роҳи осоиши ҳаёти мост

Ҳар яке з-ин шукуфта ғӯзаи мо —
Меваи инқилоби Октябр аст!

Равнақи ҳосилоти пахтаи мо —
Самари офтоби Октябрь аст!

*Фарғона, октябри с. 1932*

## ҚАВЛ[41]

*(Ба устодам Айнӣ, дар эътироф ва пайравии мазмуни «Кӯҳ ва оина» ном достони устод Лоҳутӣ)*

Хушо манзари софи оламнамо,
Ки зинат диҳад дар замину само.

Ҷаҳон пур зи авсофи номи накӯш,
Замон дар таҳайюр зи рангу нумӯш.

Чунон манзаре, к-андарон ҳар чӣ ҳаст,
Чи кӯҳу чи баҳру чи болову паст.

Ба софӣ чу оинаи беғубор,
Ба зинат чу тарфи чаман дар баҳор.

Дар он бӯстонҳои бас хуррам аст,
Ки ҳусни баҳорон аз он ҷо кам аст.

Чунон манзаре, к-аз тамоми ҷаҳон,
Ба худ карда пайдо тамошогарон.

Чунон манзаре, ки тамошошро
Ду хислат бувад, бин саропошро:

Зи дидори ӯ оламе хуррам аст,
Дигар оламе пур зи рашку ғам аст.

Муҳиббонаш он сон самимонаанд,
Ки ин шамъу онҳо чу парвонаанд.

Адӯяш надорад ба диданш тоб,
Ки ин шабпарак асту он офтоб.

Дар оғӯши ин манзари номдор
Бувад қаҳрамонҳои ҳар корзор,

Чунон қаҳрамонҳо, ки фатҳи Шимол
Бувад аз футуҳоташон як мисол...

Паи нақшу тасвири ин манзара
Ба коранд сураткашон яксара.

Зи сураткашони ҷавонанду пир
Навомӯзу устодҳои кабир.

Қаламшон ба даст асту лавҳе ба пеш
Ҳама ғарқи такмили тасвири хеш.

Яке сурати баҳру бар мекашад,
Дигар нақшаи кӯҳу дар мекашад.

Яке қаҳрамонҳои номешро,
Дигар мӯъҷизоти ҷаҳонешро,

Яке аз бузургию аз шавкаташ,
Дигар аз дурахшонию зинаташ...

Сухан кӯтаҳ, он чӣ, ки бо чашм дид,
Ба лавҳи худаш аксаш орад падид.

Бидидам аз он ҷумла сураткашон
Яке солхӯрда, дигар як ҷавон.

Нишаста ба як ҷой паҳлуи ҳам,
Басо медавонданд ҳарду қалам.

Кӯҳансол сураткаши кордон
Ба вазъияти хоки санъатгарон

Яке гӯшаи дилпазири сара
Гирифта, ба тасвир аз он манзара,

Варо бо тахаммул чунон кор кард,
Ки бинандаро маҳви он кор кард.

Чунон сурати дилкаш омад падид,
Ки шуд мот бар ӯ ҳар он кас, ки дид.

Чунон сурати дилрабо омада,
Ки хубеш машҳури дуньё шуда.

Ба устод, к-он сурат эҷод кард,
Забони ҷаҳон офарин ёд кард!

Ҷавони мусаввир, ки ҳар вақт ӯ
Ҳаме кард тасвири нағз орзӯ,

Ҷадал мезаду менамудӣ шитоб,
Ки гардад ба мақсуди худ комьёб.

Аз он ҷой, ки будӣ ғурураш зиёд,
Намехост омӯзад аз устод.

Ҳамехост, то акси он манзара
Ба лавҳаш фитад сар ба сар яксара.

Дар он манзара ҳар чӣ аз ҷисм дид,
Ба лавҳи худаш сураташро кашид.

Шуд он лавҳи сад гуна нақшу нигор
Чу як деги мошоба анҷоми кор.

Ҳамон манзари дилрабои замон —
Бувад мулки номии зебоямон.

Ту, эй пешвои нигорандагон,
Коменданти урдуи санъатгарон!

Ҳамон пири сураткаши моҳирӣ
Ба тасвири ин манзара қодирӣ.

Ки «Дохунда», «Одина» тасвири туст,
Рухи кишвари мо дурахшон дар ӯст.

Ту чун меваҳо додӣ аз санъатат,
Ватан гуфт таҳсини ҳар хизматат,

Туро ҳизби Ленин накӯном кард,
Ҳама иззату ҳурматат том кард.

Манам он ҷавони мусаввир, ки ӯ
Ҳамекард тасвири нағз орзӯ.

Ҳавои нависандагӣ дар сарам,
Ғурури ҷавонӣ «насиҳат»-гарам.

Чу як раҳрави роҳ нодидае
Ғалат рафта будам ба ҳар ҷодае,

Зи мағруриям муддати пеш чанд,
Ба ҷуз худ, касеро накардам писанд.

Навиштам ҳар он чӣ ба фикрам расид
Нагуфтам: чӣ буду чӣ омад падид?

Сухан гар ҳаме рафт дар ҳаққи боғ,
Навиштам ман аз баҳру зовуду роғ.

Пас он назм не, балки мошоба шуд,
Ва з-он баҳрае ҳеҷ касро набуд.

Аё устоди фасоҳатнигор,
Мураббии ин мактаби номдор!

Зи роҳи хатоям раҳондӣ маро,
Ба он орзуям расондӣ маро.

Аз ин бахти хандони худ хуррамам,
Ки гаштам яке аскари боқалам.

Ба даврони Шӯро чунин бахтьёр
Бимон қарнҳо зиндаву пойдор!

Аз ин баъд ҳам дастгирӣ намой,
Маро то налағжад аз ин роҳ пой.

Қасам ҳурмататро, ки з-ин пас дигар
Наорам ғуруру такаббур ба сар.

Шавам з-инженерони рӯҳи башар,
Ки рӯҳи башарро бисозам дигар.

Дар ин обу хоку ҳавои сухан
Зи гулҳои назмам расонам чаман.

Ба зӯри қалам кӯҳи мазмунро
Шикофам дилу сина — сар то ба по.

Ки то кони маънӣ кушоям аз ӯ,
Ватанро тараққӣ фазоям аз ӯ,

Зи тасвири ин давлати бебаҳо
Дурахшон кунам дафтари даҳрро.

*Ноябри с. 1935*

# ОБИ ҲАЁТ[42]

(Достон)

*(Бо ҳамкории С. Айнӣ, М. Турсунзода ва Ҳ. Юсуфӣ навишта шудааст)*

Ба Машриқ дар миёни кӯҳсорон,
Ба сарҳадди Хитою Ҳинду Афғон,
Дар иқлими кӯҳансоли пур аз роз,
Ки таърих аст аз он қиссапардоз,
Дар иқлими азими кӯҳу ҳомун
Зи Ҷайҳун қад кашида то ба Сайҳун;
Дар иқлиме, ки иқлимаш аҷиб аст,
Зи ҳар обу ҳаво онро насиб аст:
Ба як сӯ барфу сармои зимистон,
Ба дигар сӯ баҳору боғу бӯстон.
Дар иқлиме, ки Носир Хисрав аз он
Фурӯзон шуд чу шамъи илму ирфон,
Камол он ҷо суханпардоз гардид,
Ба ширинлаҳҷагӣ мумтоз гардид.
Миёни кӯҳҳои сар бар афлок,
Қ-аз онҳо синаҳои абрҳо чок,
Ҷавоне буд сахтиҳо кашида,
Зи хурдӣ рӯи хурсандӣ надида.
Рухаш аз тобиши хуршеди тобон,
Гирифта сурхии реги биёбон;
Шуда сахт устухонҳояш зи меҳнат,
Агарчи лоғар, аммо кони ғайрат.
Аз он рӯзе, ки модар зода ӯро,
Зи пистон шири меҳнат дода ӯро.
Табиат сохта сангинирода,
Аз ин рӯ номи ӯ Сангин ниҳода.
Агарчи ҳар дам аз дасти замона
Ба сар мехӯрд чандин тозиёна,

Вале мегашт ӯ з-ин зарбаҳо сахт,
Фақат пӯлод дорад инчунин бахт.
Ба ӯ ҷои шукӯҳу давлату мол
Ду бозуи тавоно дода иқбол,
Ки буд он ду ягона такьягоҳаш,
Ба вақти тирабахтиҳо паноҳаш.
Сари кӯҳи баланде хонае дошт,
Чу мурғи кӯҳсорӣ лонае дошт.
Дар он кӯҳи баланди осмонранг,
Намедид ӯ ба ҷуз барфу ба ҷуз санг.
Ба болои сараш ҳар субҳи уммед
Ба ҷои шамс абри тира медид;
Агарчи зеру рӯ нам буд он ҷо,
Зи ҷинси растанӣ кам буд он ҷо,
Вале меруид он ҷо лола ё хор,
Ва ё гул — лек дар ҳар сол як бор.
Пас аз моҳе ҳам он пажмурда мешуд,
Зи боди тунду барф афсурда мешуд.
Зи ҷинси хӯрданӣ кам буд он ҷо,
Фаровон хӯрданӣ ғам буд он ҷо.
Тути хушкида ҷои қанду нон буд,
Вале он ҳам на дар ҳар хонадон буд.
Зи амволи ҷаҳон Сангин бузе дошт,
Хӯрокаш буд аз он ҳам шому ҳам чошт,
Вале он буз намедод он қадар шир,
Ки Сангинро кунад аз шири худ сер.
Чу Сангини ҷафокаш дид бе нон
Набошад зиндагиро ҳеҷ имкон,
Барои нон замину хок даркор,
Ки то гандум ва ё ҷав оварад бор,
Валекин хок чун зар буд камьёб,
Чи хоки тира он ҷо — чи зари ноб.
Ба ҷустуҷӯи хок аз кӯҳ поин
Шуду кӯшид бо як азми сангин.
Ба пуштора зи ҳомун хок бардошт,
Кашид он хокро ҷое, ки мекошт.
Ба чандин раҳ кашидан хок боло,
Замине кард рӯи санг барпо.
Зи ҳомун тухм ҳам бардошт бо худ,
Кунад тайёр нони хеш то худ.

Дар он ҷо кишт қадре гандуму ҷав,
Расиду пухту ғун шуд ҳосили нав.
Худаш аз нон, бузаш аз коҳ шуд сер,
Зи бас буз сер шуд, бисьёр шуд шир.
Ба дуйӯм сол боз овард бисьёр.
Зи ҳомун хок бар болои кӯҳсор.
Замини корамаш шуд боз восеъ,*
Ту гӯӣ, шуд ба Сангин ёр толеъ;
Бузаш зоиду як сар буз ду сар шуд,
Ба ӯ ин кор иқболи дигар шуд;
Ҷаву гандум ҳам оварданд ҳосил,
Зиёд аз он, ки ӯ мехост дар дил.
Ба дил мегуфт: «Бахтам шуд мададгор,
Маро аз ғалла пур хоҳад шуд анбор;
Кунун пур мешавад нондонам аз нон,
Барои коҳ бояд сохт каҳдон;
Зи хӯрдан он чӣ монад гандуму ҷав,
Аз он бояд харам як ҷомаи нав;
Чу каҳ шуд мӯл аз бахти баландам,
Тавон як гавча пеши буз бубандам
Маро рӯ дод ин давлат зи меҳнат,
Тавон гуфтан, ки меҳнат ҳаст давлат»

Чу гандум гашт баъд аз кӯфтан чош,
Аз он шуд муфтхӯрро «чашм чун мош»:
Биёмад чун балои осмонӣ
Ба сӯи хирмани он ногаҳонӣ
Ҷуволе дар бағал арбоби деҳа
Бидид он чоши гандум, гуфт: «Эҳа!
Зи хоку обу боди подшоҳӣ
Худоят дода ҳосил он чӣ хоҳӣ.
Ту мехоҳӣ надода ҳаққи султон,
Кунӣ ин ғалла дар анбор пинҳон?
Аз ин бояд диҳӣ сад санги шоҳӣ
Хироҷи мамлакат хоҳӣ-нахоҳӣ».
Бигуфт ину ба пеши чош бигзошт
Ҷуволи хешу нисфи чош бардошт;
Имом омад, бигуфто: «Деҳ ҳақуллоҳ!
Аз ин чоше, ки дод аз ғайб аллоҳ».

* Восеъ — васеъ.

Гирифт ӯ низ як миқдор гандум,
Ки Сангин кард боз аз ҳаққи худ гум.
Қаландар низ омад «дӯст»-гӯён,
Ба номи «дӯст» «ҳаққи хеш» ҷӯён,
Дигар мироб омад, дорғо [43] низ,
Ки аз он чош бистонанд як чиз;
Рабуд он тӯда қадре, ки тавонист
Ба Сангин монд даҳьяк? На, як аз бист!
Аз ин тороҷ умедаш рафт барбод
Чу коҳе, ки барад аз хирманаш бод.
Ҷаҳон дар чашми ӯ шуд кӯҳи андӯҳ,
Ба хонаш рафт, бар сар бор ин кӯҳ.
Ба мағзи санг буд он хонаи танг,
Дар он ҷо шуд чу оташ дар дили санг,
Ва ё кӯҳи ғаму андӯҳу олом *
Ба зери тахтасанге ёфт ором.
Дар он дам навкаре аз дар даромад,
Ки гӯё як балои дигар омад.
— Чӣ мехоҳӣ? — аз ӯ пурсид Сангин.
— Бузат лозим. Нахез аз хоби ширин!
— Чаро? — Сангин зи ҷои хеш барҷаст,—
Магар девонаӣ, ё дузд, ё маст?
— Амалдоре биёмад аз ҳукумат,
Ба ин буз мекунам, ӯро зиёфат,—
Бигуфту зуд буз аз мех бикшод,
Ба буз часпид Сангин, карда фарьёд;
«Мабар инро, ки қутам шири ин аст,
Мадори зиндагиам як ҳамин аст»
Бино шуд кашмакаш, буз дар миёна,
Ту гӯӣ бузкашӣ шуд рӯи хона...
Дар ин «зан-ту-занам» навкар шуд аз ҳол.
Вале ӯро наёмад буз ба чангол.
Дар охир он ситамгар теғи хунрез,
Кашиду сӯи Сангин кард ангез.
Чу Сангин хам шуду аз теғ ҷон бурд,
Ситамгар ҳам бузашро аз миён бурд.
Кашон мебурд бузро он ситамгар,
Зи пас Сангин занон ду даст бар сар.

* Олом — ҷамъи алам.

Чу навкар аз лаби чар роҳ сар кард,
Ба чустӣ рафту зад ӯрою чар кард.
Бузу навкар ба хам ҳарду ба як он
Ба қаъри нестӣ гаштанд пинҳон,
Зи Сангин он, ки буз бо зӯр мебурд,
Қунун бузро ба худ дар гӯр мебурд.
Ба худ Сангин бигуфто: «Зуд бархез!
«Чу оташ дарзадӣ дар беша, бигрез!»
Ҳамон дам шуд давон чун санги ғелон,
Зи боло зери кӯҳ афтону хезон.
Дар он роҳи дарози пурхаму тоб,
Раҳи пурхавфи кӯҳу чангалу об
На парво аз паланги беша мекард,
На аз кӯҳу дара андеша мекард.
Бад-ин аҳвол чандин ҳафта раҳ гашт,
Расид охир ба наздикии як дашт:
Замине дид бе ҳадду канора,
На хоре дошт, не як сангпора.
Саропо ҳамчу рӯи даст ҳамвор,
Чаву гандум дар он рӯида пурбор,
Ки ҳар як хӯша аз вазнинии худ
Ба мисли хӯшаи ангур хам буд.
Дар ин мазраъ * зи деҳқонон касе чанд
Ба хирман кӯфтан буданд побанд.
Яке бо чашми гирьён дона мебехт,
Ба дон аз ашки худ дурдона мерехт;
Дигар як «майда»-гӯён ҳуп меронд,
Ғазалҳои чигарсӯзанда мехонд:
«Хирмане дорему худ як дон намегирем мо,"
Майдае-майдае,
Дар лаби оби равон лабташна мемирем мо,
Майдае-майдае!
Дар биёбон нола кардам, хирмани гул даргирифт,
Майда-майдае,
Ҳайф, рӯи беғуборам чангу хокистар гирифт,
Майда-майдае!

---

* Мазраъ — киштзор.

Дарди дандон дораму дандон ба дандон
мондаям —
Рози дил дорам, забонам баста ҳайрон
мондаям,
Майда-майдае!
Ҳӯп-ҳӯп-ҳӯп!
Майда-майда кӯб!
Ҳӯп-ҳӯп-ҳӯп!
Майда-майда кӯб!»
Аз ин ҳоли парешон гашта ҳайрон,
Сабаб пурсид Сангини парешон:
«Бародарҳо, аҷаб хушбахт будед!
Ки дорои замини тахт будед!
Худо аз раҳматаш бар киштҳотон
Ато кардаст маҳсули фаровон.
Вале бо ин ҳама гирьён чароед?
Чу толонгаштагон нолон чароед?
Яке деҳқони пири кадхамида
Ҷавобаш дод, оҳе баркашида:
— Бале, ҳосил фаровон мисли об аст
Валекин назди мо, чун як сароб аст.
Дар ин қишлоқи моҳо ҳаст бое
Сафар номаш, худаш чун аждаҳое.
Ҳама махсули моро то ба як дон
Ба коми бетаги худ мекашад он.
Насиби мост аз ин донаву коҳ
Диле пурҳасрату як сина пур оҳ.
Ба мо ин донаҳо доми фиребанд,
Ки побандему менолем аз ин банд.
Дили Сангин, ки буд аз ғусса дар тоб,
Ҷавоби пир шуд дар вай намакоб.
Аз ин ҷо ҳам умедаш канду бигзашт;
Ба сӯи ағбаву талҳо равон гашт,
Ба зери қуллаҳои нукрабардӯш,
Канори пуштаву талҳои гулпӯш,
Бидид ӯ сабзу хуррам марғзоре,
Дарунаш галлаҳои бешуморе,
Зи ҷинси гӯсфандони ҳисорӣ,
Зи говон — хоҳ ширӣ, хоҳ корӣ,

Лақайаспони зӯри сангбуньёд,
Ба сахтӣ оҳану дар чобукӣ бод,
Ба ҳар сӯ барраҳо бо дилнавозӣ
Миёни сабзаҳо дар рақсу бозӣ;
Бузу бузғолаҳо чун дорбозон
Ба рӯи теғаҳои кӯҳ тозон...
Ба чӯбаш такья карда, марди чӯпон
Сари раҳ буд истода ҳаросон.
Ба дилпурсии вай биштофт Сангин:
«Бародарҷон, чаро ҳастӣ ту ғамгин?»
«— Чӣ гӯям?—гуфта чӯпон зад ба сар даст,—
Яке аз барраҳоро гург бурдаст.
Аз ин рӯ хӯҷаин — золим Сафарбой,
Яқин, дар пӯстам каҳ мекунад ҷой...»
Чу з-ин аҳвол Сангин бохабар шуд,
Сари шӯридааш шӯридатар шуд.
Аз ин водии ғам ҳам пой бардошт,
Қадамро ҷониби боғот бигзошт...
Пас аз чанде, ки дар раҳ дид кулфат,
Дучораш гашт боғе мисли ҷаннат:
Васеу дилкушо саҳну фазояш,
Мусаффо чун булӯр обу ҳавояш,
Дарахту полизу токаш саропо
Расонда ҳосилоте мисли халво.
Чу Сангин буд чандинрӯза гушна,
Ҳам аз гармо шуда бисьёр ташна.
Намуд аз боғбони боғ хоҳиш,
К-аз ангураш кунад як сарча бахшиш.
Ба Сангин боғбон гуфт: «Эй бародар!
Аз ин ҷо зудтар рав ҷои дигар,
Набинад хӯҷаини ман Сафарбой,
Ки дасташ сахту бадҷаҳл асту бадрой,
Вагарна аз барои як сар ангур,
Сари мо аз тани мо мекунад дур...»
Дили Сангин шикаст, аз ғусса хун шуд,
Ду чашмаш аз ғазаб, ду коса хун шуд.
Бигуфт аз қаҳр: «Ё раб, авф фармой!
Ба олам хӯҷаин ту ё Сафарбой!..»
Пас, ӯ аз боғу бӯстон ҳам гузар кард,
Гузар бар андӯҳистони дигар кард.

Равона боз шуд чандин шабу рӯз,
Ҷаҳон пур карда аз оҳи ҷаҳонсӯз.

* * *

Дар ин гашту сафар Сангини мискин
Ба ҳар исканҷа мезад ҷони ширин,
Ки бо як кор нони хеш ёбад,
Илоҷи синаи садреш ёбад.
Дар ин раҳ дуртар аз киштзорон
Замине ёфт пеши кӯҳсорон —
Замине буд чун чашми ҳасад танг,
Дили боён барин сахту пур аз санг.
Дар ин ҷо хост деҳқонӣ намояд,
Ки ёбад нони худ з-ин кор шояд.
Ба нӯги бели кунди зангбаста
Замини сахтро мекард хаста;
Ба мағзи хок ҳар санге, ки медид,
Ба нохун карда ханҷолаш ҳамечид,
Ба сад ранҷу машаққат кор мекард,
Заминро мисли каф ҳамвор мекард.
Чунин чанде зи меҳнат сар набардошт,
Ба охир донаи уммеди худ кошт.
Арақҳои ҷабинашро чу борон
Ба рӯи киштааш мекард резон.
Чунон ҳам киштзораш дар амал шуд,
Ки деҳқонеш мардумро масал шуд.
Ба як сӯ сохт як бӯстони гулзор,
Шинонд он ҷо дарахтони самардор.
Аз ин кишту аз ин боғу аз ин гул,
Шукуфташ гулшани уммед гул-гул,
Ҷаҳон гӯё ки дар коми вай омад,
Замони иду айёми вай омад.
Хаёлаш банд шуд дар фикри дигар —
Ба фикри зан, ба фикри хонаву дар:
Бино созад ба худ як ҳавлии хуб;
Зане гирад, ки бошад хуби маҳбуб,
Рухаш монанди маҳ тобанда бошад,
Гапаш ширин, лабаш пурханда бошад,
Чароғи маҳфилашро зинда дорад...
Ҳамеша бахтро фархунда дорад.

Чунин оши ҳавас мепухт дар худ,
Ки кишташ пухту айёми дарав шуд.
Дарав карду ба хирманҷо ғарам кард,
Пас он гаҳ кӯфт онро, бод ҳам кард.
Қунун мехост дар манзил кашонад,
Аз он неъмат ба коми худ чашонад.
Расиданд он замон он ҷо саворон
Ба он даҳшат, ки барқ ояд баҳорон.
Мусаллаҳ — дар камар шамшер баста
Ба каф милтиқ ба сина тир баста.
Шуда чашмонашон чун кӯра дар тоб,
Ба онҳо раҳбар оқсаққолу арбоб.
Ба ин аҳвол Сангин монд ҳайрон:
«Кӣ бошанду чӣ мехоҳанд онон?»
Чу Сангин буд дар ин шубҳаву шак,
Ба ӯ арбоб гуфто: «Ӯй, мардак!
Намедонӣ магар инҳо киҳоянд?
Амини мулку ҳокимҳои моянд!
Дуо кун дар ҳақи инҳову он гоҳ
Адо кун ҳаққи беку ҳокиму шоҳ!»
Валекин дар ҷавоб ӯ монд хомӯш,
Зи тарсу ларз гӯё гашт мадҳуш.
Яке аз он саворон аспи худ ронд
Ба наздикиваю шамшер ҷунбонд.
Бигуфто: «Ин замин бо ин накӯӣ,
Ки аз нармеш хокаш сурма гӯӣ,
Қамаш даҳ ман бубояд ғалла медод,
Ба дуздӣ додаӣ он ғалла бар бод.
Дар ин ҷо нест се ман ғалла мавҷуд,
Чӣ шуд он ҳафт ман ғалла? Бигӯ зуд!
Аз ин ҷо ғалла гар даҳ ман нарӯяд,
Амини мулк фикри хеш гӯяд».
Амин пеш омаду гуфто: «Ба тахмин
Зиёд аз ёздаҳ ман рӯяд аз ин».
Чу ин бишнид сардори саворон,
Ба навкарҳош дод ин гуна фармон:
«Дар ин ҷо ғалла ҳар чӣ ҳаст, гиред!
Ба дуздиаш худашро даст гиред!
Ба зиндонаш баред! Он ҷо бимирад,
Сазои он, ки ҳаққи шоҳ гирад...»

Чу ҳосил рафту Сангин баста шуд даст,
Ба ӯ дар банд бими марг ҳам ҳаст.
Ба сардори саворон гуфт арбоб:
«Ҳамехоҳам диҳам фикре дар ин боб:
Ду ман боқӣ нависедаш ба дафтар,
Диҳад он ғалларо дар соли дигар,
Гузоредаш, ки деҳқонӣ намояд!
Дуои ҷони султонӣ намояд!
Гурезад гар, диҳам ман ғалла ё зар,
Кафили ӯ манам, то соли дигар.
Ба ин «ислоҳ» розӣ гашт сардор,
Аз он ҷо рафт бо аспони пурбор.
Дар он ҷо монд Сангин даст бар сар,
Диле чун кӯра сӯзон, дидае тар.
Намедонист з-он ҷо рафтанашро,
Намедонист ҳам истоданашро,
Агар монад дар он ҷо, чун шавад ҳол?
Равад гар, чун шавад гиранд дунбол?
Бигиранду ба зиндонаш нишонанд?
Дар он ҷо заҳри маргашро чашонанд?..
Ба ночорӣ шуда навмеду музтар,
Ниҳода сар ба зону, даст бар сар,
Фиғон бардошта аз қалби пурдард,
Ба савти номуродӣ нола мекард:
«Сари сарчашма рафтам ман ба вахте,[45]
Ба оби дида биншондам дарахте,
Шамол омад, дарахтам решакан шуд,
Мани мискин надорам ҳеҷ бахте».
«Сари кӯҳи баланд буд хонаи ман,[46]
Фалак тире задай бар шонаи ман,
Фалак тире задай, пайкон надорад,
Ба ҳасрат пур шудай паймонаи ман».
Ба ин абьёт Сангин буд нолон,
Ки шуд дар чашми ӯ марде намоён:
Либоси тозаи бой ба бар дошт,
Қулоҳу саллаи шайхӣ ба сар дошт;

Зи фарбеҳӣ сараш дар тан ниҳон буд,
Саропо гӯшти беустухон буд;
Вале моил шуда рангаш ба зардӣ,
Зи фарбеҳӣ магар ӯ дошт дарде;

На мижгон буд ӯрову на абрӯ,
Сараш буду вале сар буд бе мӯ,
Агарчи риши ӯ кӯтоҳтар буд,
Вале ифлос чун полони хар буд.
Асое буд дар дасташ зи чавбед,
Ба рафтан ғайри риши худ намедид.
Агарчӣ буд солаш кам зи панчоҳ,
Навадсолон барин мерафт ӯ роҳ...
Чу омад пеши Сангин, рост истод,
Саломи меҳрубонона ба ӯ дод.
Чавобаш дод Сангин ҳам ба ҳурмат,
Зи чо бархост, ӯро карда иззат.
Ба Сангин гуфт ӯ: «Эй чони ширин!
Чарой ин қадар ношоду ғамгин?»
Ба ӯ Сангин якояк кард чун арз,
Хирочу ҳабси худ то тӯҳмату қарз.
Дили мардак ба Сангин сӯхт гӯё,
Ба шафқат чашм бар ӯ дӯхт гӯё.
Ба ӯ гуфто, ки: «Эй дилбанд фарзанд,
Дили худро ба ин ғамҳо накун банд!
Падарворат ба ту шафқат намоям,
Гиреҳ аз риштаи корат кушоям.
Дар ин чоҳо, ки пурхавфанд яксар,
Зи баҳри киштукори хеш бигзар!
Биё дар хонаи ман, бош ёрам,
Ба кори киштукорам дастьёрам!
Халосат карда аз он қарздорӣ,
Кунам бар ту дигар ҳар гуна ёрӣ.
Маро Мирзо Карам номида модар,
Карам мавчуд шуд бо ман баробар.
Пас аз ҳач номи ман Ҳочӣ Карам шуд,
Ба олам дар карам номам алам шуд.
Карам кардан ба мардум хислати ман,
Накӯӣ хизмати беминнати ман».
Чу Сангин дид аз ӯ ин меҳрубонӣ,
Зи чашмаш рехт ашки шодмонӣ.
Ба ӯ гуфто ки: «Эй марди накӯкор!
Шудам бар меҳрубониат гирифтор.
Туро як умр хизматгор бошам,
Ба ҳар коре, ки гӯӣ, ёр бошам.

Танам пӯшида бошад, ишкамам сер,
Мададгорӣ намой, гар шавам пир,
Дигар чизе ба ман даркор набвад,
Маро ғайр аз ризоят кор набвад».
Зи Сангин чун шунид ин шарт он мард,
Худоро ном бурду ваъдаҳо кард.
Ба созиш хатм дод ин гуфтугӯро,
Гирифту хонаи худ бурд ӯро...
Ба деҳа як работи пурҳашам буд,
Магар ин ҳавлии Ҳоҷӣ Қарам буд,
Ки Сангинро дар он қӯрғон даровард.
Ба меҳмонхона, чун меҳмон даровард.
«Сумангул!»,— гуфта Ҳоҷӣ кард фарьёд,
Ҷавоби «Хӯш!, Лаббай!»-ро касе дод.
«— Сумангул зуд дастурхон барорад,
Ба меҳмонхона чою нон барорад!»
Баромад духтаре аз хона тозон,
Ба дасташ чойнике буд бо нон.
Ба Сангин гуфт Ҳоҷӣ, ки: «Нигаҳ кун,
Нигаҳ бар рӯи ин абрӯсияҳ кун!
Агарчӣ ӯст духтархонаи ман,
Чу фарзандам бувад дар хонаи ман.
Пас аз даҳ сол ин моҳи ягона,
Туро бахшам, шавӣ домоди хона».
Сари Сангин зи хиҷлат гарчӣ хам шуд,
Нигоҳаш сӯи он духтарча ҳам шуд:
Рухи ӯ дар ҳақиқат буд моҳе,
Дар он маҳ чашму абрӯи сиёҳе..
Яқин донист: ин моҳи ягона
Дар охир мешавад моҳи замона.
Дар ин шак нест, ин худ ошкор аст,
Ки «соли нек пайдо аз баҳор аст» *.
Чӣ иқбол аст ин маҳ баъди даҳ сол,
Барои ӯ шавад як моҳи иқбол,
Гули уммеди вай з-ин ваъда бишкуфт,
Ба Ҳоҷӣ: «Ҳар чӣ хоҳӣ, бандаам» гуфт.
Дар ин дам аз дари Ҳоҷӣ «ба ногоҳ»
Имом омад, даромад бо Аламшоҳ.

* Мазмуни зарбулмасали **халқ.**

Аламшоҳ ин ҳамон арбоби деҳ буд,
Ки кори Сангин, аз вай дар гиреҳ буд.
Ба Сангин чашми ӯ чун «ногаҳ» афтод,
Сухан аз моҷарои рафта бикшод:
Ҳикоят кард як-як банду зиндон,
Ба «ислоҳаш раҳои дидан» аз он.
Пас аз вай кард Ҳоҷӣ ҳам ҳикоят:
Ба Сангин ҳар чиро, ки кард сӯҳбат.
Имом аввал зи қуръону худо гуфт,
Пас он гаҳ дар ҳақи ин моҷаро гуфт,
Ки мебояд навиштан ҳуҷҷат акнун
Дар ин ки Сангин аз Ҳоҷист мадьюн *
— Бале, даркор,— гуфт арбоб,— ҳуҷҷат
Ки кор ораста гардад бо шариат.
Имом он ҷо дар он фурсат, ки мешишт,
Зи Ҳоҷӣ қарзи Сангин чист, бинвишт,
Ки то он қарзу ҳуҷҷат дар миён аст,
Ба Сангин ҳуҷҷати Ҳоҷӣ равон аст:
Ба ӯ фармояд он коре, ки хоҳад,
Кушад Ҳоҷӣ гар ӯро, ӯ накоҳад.
Ба ин тартиб Сангин бо тамомӣ
Ба ҳуҷҷат монд дар доми ғуломӣ.
Шабон-рӯзон ба Ҳоҷӣ кор мекард,
Ба саҳро рафта киштукор мекард.
Ҳамеша буд ӯ дар киштзорон
Чи дар гармо, чи дар сармо, чи борон.
Гаҳе бо барзаговон ҷуфт мебаст,
Заминро гаҳ ба белу теша мехаст;
Гаҳе мекофт заҳкаш, гоҳ ҷӯбор,
Алаф мечид, агар мемонд бекор.
Ба вақти ғунучини гандуму ҷав
Фузун мегашт боз ӯро даводав.
Дарав мекард дар гармои ҷонсӯз
Ба зери офтоби хонумонсӯз.
Дарав мекард рӯзу банд мебаст,
Шабона низ аз меҳнат намераст.
Ба пуштора шабонгаҳ мекашондаш,
Ба хирманҷои дуре мерасондаш...

---

* Мадьюн — қарздор.

Чунин нӯҳ сол хизмат кард Сангин
Ба Ҳоҷӣ, нашнид аз вай ҳарфи ширин,
Ба ӯ не ош медоданду не нон,
Хӯрокаш буд оби сарду талқон;
Либосаш буд сар то по дарида,
На як-ду ҷо дарида — ҷиғда-ҷиғда.
Дар ин нӯҳсола айёми ҷавонӣ
Надид ӯ ҳеҷ рӯи шодмонӣ.
Фақат як шодмонӣ дошт дар дил,
Ки охир мешавад бо ёр восил,
Умеди васли ҷонбахшои дилдор
Ба сахтиҳо ба ӯ мешуд мададгор,
Умеди васли духтархонаи бой
Ягона шодиаш дар хонаи бой.
Сумангул ҳам кунун бар қад расида,
Ба гулзораш насими нав вазида;
Гуле буд ӯ, кунун гулдаста гашта,
Танаш пурра, қадаш барҷаста гашта.
Гули рӯяш зи рағбат об хӯрда,
Сари зулфаш расида, тоб хӯрда,
Шунида буд он гапро зи ҳар ҷой,
Ки мехоҳад ба Сангинаш диҳад бой.
Аз ин гапҳо агарчи шарм медошт,
Ба дил тухми ҳавоӣ ӯ ҳамекошт.
Ба меҳраш чашми худро ишва медод,
Ба ёдаш қадди худро ҷилва медод.
Агарчи чор зан Ҳоҷӣ Қарам дошт,
Ду духтархона, як ҳамшира ҳам дошт,
Сумангул як худаш дар кори хона
Шудӣ машғул рӯзона, шабона,
Сари дегу табақ ӯ кор мекард,
Ба хӯрдан ошу нон тайёр мекард.
Ҳам ӯ медид фикри ҳезуму об,
Ҳам ӯ мекард шустушӯи асбоб,
Ба вақти хоб рахти хоб медод,
Ба мурғон дон, ба говон об медод...
Чунин мекард кор ӯ ҳар шабу рӯз,
Набуд ором ӯро дар шабу рӯз.
Агар сустӣ кунад ногаҳ ба як кор,
Ба пушташ муштҳо мегашт тайёр.

Ба ин сахтӣ агарчи кор мекард,
Табассумҳои маънидор мекард,
Ки охир мешавад восил ба дилдор,
Зи ёдаш меравад сахтии ин кор.
Валекин аз ҳад афзун буд душвор
Ба ҳам вохӯрдани ин ду дилафгор.
Сумангул чун ба сол андак калон шуд,
Ба ҳукми бой дар хона ниҳон шуд,
Набуд фориғ даме Сангин ҳам аз кор,
Ки ояд хона як дам пешаки ёр.
Даме ки орзӯи ёр мекард,
Ба дил ин байтро такрор мекард:
«Сарчашма ҳазору саргаҳи чашма ҳазор,[47]
Ов хӯрда наметавонам аз ҳайбати мор,
Коре бишавад, ки бишканад оҳани кор,
Говон ба чаро раванду ман пешаки ёр».
Дами уммедворӣ — дар даҳӯм сол
Зи Сангину Сумангул гашт иқбол.
Ба уммеди амал Ҳоҷии номард
Сумангулро ба ҳоким пешкаш кард.
Сумангулро надонам хол чун шуд,
Дили Сангин — ҳамин донам, ки хун шуд.
Ба нохун синаи худ чок мекард,
Ба ҳасрат бар сари худ хок мекард.
Саропо чӯғи оташ гашта аз хашм,
На обу хун, шарар мерехт аз чашм.
Ба оҳи хеш сӯзонда ҳаворо,
Ба ҳасрат месуруд ин байтҳоро:
«Дилам решу дилам решу дилам реш,[48]
Надорам толеъ аз бегонаву хеш,
Агар бегонаро бар сар нишонам,
Мисоли мору каждум мезанад неш».
Дигар тоқат набуд ӯро, ки як дам
Дар ин ҷоҳо бимонад бо чунин ғам.
Қаланду белу гову говоҳан
Ба саҳро монда шуд озим ба рафтан.
Равад ҷое дар он бое набошад,
Бимирад, гар чунин ҷое набошад.
Ба вақти рафтан аз он ҷои бедод
Зи дил мекард бо ин байт фарьёд:

«Ба ёрон марҳабо гуфтему рафтем,[49]
Ба ҷону дил дуо гуфтему рафтем.
Ҳамон ёре, ки бо мо дошт улфат,
Нигаҳбонаш худо, гуфтему рафтем».
Вале Сангин аз ин гирдоби пурхун
Наметонист по мондан ба берун:
Ба шаб чун дид Хоҷӣ нест Сангин,
Ба фикри худ гурезаш кард тахмин.
Ба ҳар сӯ навкарони гургмонанд
Фиристод ин, ки «ҳар ҷо ҳаст ёбанд
Бигиранду ба зиндонаш биёранд,
Дар он ҷо то ба вақти марг доранд!»
Чунон карданд навкарҳои ҳоким
Ки хоҳиш карда буд Ҳоҷии золим...
Дар он зиндон, ки буд аз гӯр ҳам танг,
Зи торикеш гӯр аз вай кунад нанг,
Биноящ буд аз як санги яклахт,
Ба сахти аз дили Ҳоҷӣ Қарам сахт.
Дар он ҷо солҳо хобид Сангин,
Фиғон мекард аз ин умри нангин.
Набӯсида лабонаш як лаберо,
Ба роҳат нагзаронда як шаберо,
Гирифта дасти пирӣ аз гулӯяш,
Сафедӣ ҳамла оварда ба мӯяш.
Шуда холӣ чароғи чашмаш аз нур,
Расида пои умраш бар лаби гӯр,
Вале ӯ маҳв гардидан намехост,
Зи олам чашм пӯшидан намехост.
Ҳавои некрӯзӣ дар сараш буд,
Хаёли некбахтӣ ёвараш буд.
Ҳанӯз ӯ дошт савдои Сумангул,
Ниҳад рӯ бар қадамҳои Сумангул.
Намедонист лек ӯ дар чӣ ҳол аст?
Ба хурсандист, ё андар малол аст?
Ғамаш мешуд аз ин ҳар дам гаронтар,
Тавонаш рафта аз тан, нотавонтар,
Хамӯшӣ, ашкрезӣ пеша будаш,
Зи шаб то рӯз кор андеша будаш .
Наметарсид аз мурдан, валекин
Чунин мурдан ба Сангин буд сангин,

Ки бар маргаш касе мотам надорад,
Қасе ӯро ба ёдаш ҳам наорад.
Аз ин андешаҳо мегашт маъюс,
Ба умри рафтааш мехӯрд афсӯс.
Валекин дар ғазаб мешуд зи як сӯ:
Кӣ боис шуд, ба ин бадбахтии у?
Ғазаб мегуфт бар вай: «Хез, бархез!
Барои интиқоми хеш хун рез!»
Вале медошт дасташ нотавонӣ,
Ба вай мегуфт: «Охир, то тавонӣ!
Хусусан ин, ки дар зиндон нишастӣ,
Асирӣ, гар ба қувват ҳар чӣ ҳастӣ!»
Дили ӯ мешуд аз ин орзӯ шод,
Ки гирад интиқом аз аҳли бедод —
Аз он касҳо, ки хунашро макиданд,
Валекин ашки чашмонаш надиданд,
Зи маҳбубаш ҷудо карданд ӯро,
Гирифтори бало карданд ӯро.
Фиристоданд ӯро зинда дар гӯр,
Аз ин гӯр аст хуш сад бор ҳар гӯр.
Чу з-онҳо интиқоми хеш гирад,
Раҳи ҷои дигарро пеш гирад.
Равад ҷое, ки одам шод бошад,
Зи дасти бахти бад озод бошад.
Сумангулро аз он гирдоби мурдор
Кунад озоду бо худ созадаш ёр.
Чунин мебуд Сангинро хаёлот,
Вале ин бахту он бадбахт? — ҳайҳот!
Куҷо акнун ба вай як умри дигар,
Ки гардад орзуҳояш муяссар...
Магар ёбад зи нав умри ҷавонӣ,
Чу умри Хизр умри ҷовидонӣ...
Ба ӯ модаркалонаш як замоне
Сухан мекард з-оби зиндагонӣ,
Ки: «обе ҳаст, номаш Оби Ҳайвон,
Ба нӯшанда диҳад умри абад он.
Нашуд ноил Сикандар, ҳар қадар кофт,
Чу Хизраш ёфт, з-он умри абад ёфт.
На танҳо ёфт умри ҷовидонӣ,
Муяссар шуд ба ӯ ҳам пуртавонӣ.

Ба як лаҳза кунад коре, ки хоҳад,
На аз меҳнат, на аз кулфат накоҳад,
Натарсад не зи гармо, не зи сармо,
Ба ӯ яксон бувад сармою гармо,
Натарсад ӯ зи шоҳони ҷаҳонгир,
Шаҳон нахчири пеши ӯю ӯ шер.
Агар хоҳад фақиронро кунад бой,
Кунад боёни золимро таки пой...»
Ба навмедӣ чу Сангин зор мехуфт,
Ба уммеде фитода боз мегуфт:
«Маро ҳам чашмаи ҳайвон зарур аст.
Агар ёбам варо, ҷон дар ҳузур аст.
Бибояд ёбам оби зиндагонӣ,
Ки нӯшам, бахшадам аз нав ҷавонӣ;
Бинӯшам, бахшадам он қудрату зӯр,
Ки созам зулму бедод аз ҷаҳон дур,
Ҷаҳонро аз ситамгар пок созам,
Ситамгарро саросар хок созам...
Вале ин чашмаи иқболбахшо
Намедонам чӣ ссн ёбам ба дунъё?
Ҳамегӯянд: «Ин сарчашмаи нур
Зи мулки мост чандинсола раҳ дур».
Ҳамегӯянд: «Дар самти шимолӣ
Бибояд раҳ супурдан чанд соле,
Дар он роҳҳо, ки яксар бешазор аст,
Дил аз тасвири он андешазор аст,
Саросар бешаҳояш пур зи шер аст,
Чӣ шераш, рӯбаҳаш ҳам шергир аст;
Дар он раҳ ганҷ ҳасту аждаҳо ҳам,
Дар он раҳ дард мебошад, даво ҳам;
Дар он раҳ ҳаст саҳроҳои пурбарф,
Дар он раҳ ҳаст дарьёҳои бас жарф...*
Пас аз тай кардани ин роҳи ғамхез,
Диёре пешат ояд бимангез —
Диёре рӯзу шаб торик чун шаб,
Чунон шаб, ки на маҳ дорад, на кавкаб...**
Ғалат кардам, на шаб, як зулмати маҳз,
Ба вай шаб ном додан тӯҳмати маҳз.

---

* Жарф — чуқур.
** Кавкаб — ситора.

Дар он зулмат раванда аз таваҳҳум.*
На танҳо роҳ, худро ҳам кунад гум».
Ҳамегӯянд: «Дар он торикистон
Шуда он чашмаи пурнур пинҳон...»
Валекин ман, ки гашта зору пирам,
Ба ин зиндони пурдаҳшат асирам,
Аз ин зиндон чӣ сон ёбам раҳоӣ!
Дар он раҳ, чун кунам зӯрозмоӣ?
Куҷо Хизрат, аз ин бандам раҳонад,
Ба он сарчашмаи ҳайвон расонад,
Ки бар умри абад ноил шавам ман,
Ба мақсадҳои худ восил шавам ман?..»
Дар ин авҳом ** Сангин гашт саргум,
Ки дунъё шуд чу баҳри пурталотум.
Талотум чӣ? Ҷаҳон зеру забар шуд,
Талотум гӯиё дар хушку тар шуд.
Талотум хест аз ғарби шимолӣ,
Намонд аз вай ҷанубу ғарб холӣ.
Зи Нева ин талотум кӯс бинвохт,
Садои хеш то Омуя андохт.
Ғалат шуд — не садои кӯс буд ин,
Қиёми пролетори рус буд ин!
Талотум — зарбае бар ҷабр буд ин!
Революцияи Октябрь буд ин!
Революцияи Октябри аъзам
Ба як зарба ситамро дод барҳам.
Шикасту сӯхт ҳар ҷо буд зиндон,
Зи зиндонҳо намуд озод асирон.
Садои ин талотум то ба зиндон
Расид, овард Сангинро ба исьён.
Зи ҷо ӯ мисли шери маст барҷаст,
Дари зиндон ба як-ду зарба бишкаст,
Баромад, наъра зад гуфт: «Эй асирон!
Ба по хезед бар зидди амирон!
Ба по хезед аз наздику аз дур,
Ба зидди миру беку бою судхӯр!..
Ба по хезеду дар майдон дароед,
Куҷое, ки равам, аз пуштам оед».

---

* Таваҳҳум — тарсу воҳима.

** Авҳом — фикру хаёлҳо.

Аз ин даъват ба по бархост мардум,
Ба Сангин ёр шуд дар ин талотум.
Чу Сангин аз халоиқ дид ёрӣ,
Хурӯш овард чун сели баҳорӣ.
Ба байни оташи пайкор даррафт,
Ба зери байрақи сурхи зафар рафт.
Чӣ байрақ? — Пролетари руси аъзам,
Варо медошт дар ин ҷанг маҳкам.
Ҳамоно бо бародарҳош Сангин
Ҳуҷум овард дар дуньёи нангин:
Ба досу сангу калтак ҷанг карданд,
Ба душман рӯи дуньё танг карданд.
Амиронро зи олам пеш карданд,
Ҷаҳонро молу мулки хеш карданд.
Валекин душмани бадкин ба тезӣ
Нагашт аз роҳи хунихалкрезӣ,
Ба ҳар кунҷу канори Тоҷикистон
Халоиқро басе мекард толон.
Зи як сӯ тохт Иброҳими ғаддор,
Зи дигар сӯ Фузайли гургкирдор.
Валекин лашкари сурхи музаффар
Ба халқи ранҷбар гардид ёвар.
Музаффар гашт Сангин — халқи тоҷик
Чу нури шамс бар дуньёи торик.
Тамоман душманонро кард нобуд,
Раҳи озодию иқбол бикшуд.
Замину обу майдон з-они вай шуд,
Тамоми бешаву кон з-они вай шуд.
Хаёлоташ ҳақиқат гашт яксар,
Тамоми орзуҳояш муяссар,
Агарчи нукраосо буд мӯяш,
Тилосон сурх шуд аз шавқ рӯяш,
Зи нав Сангин сангинустухон шуд,
Ба сурат пиру дар маънӣ ҷавон шуд.
Ба меҳнат даст доду гуфт бар ӯ:
«Кунун мову туву ин дасту бозӯ!»
Дар ин ҳангом ногаҳ дид Сангин
Сумангулро, ки меомад ба тамкин.
Агарчи буд ӯ мисли худаш, пир,
Қадам мемонд дар майдон чу як шер —

Қадам мемонд дар майдони меҳнат
Ба ҳам бо духтарони пурҷасорат.
Сумангул дид Сангинрову бишнохт:
— Туӣ — ин? Зинда! — гӯён сӯи ӯ тохт.
Ба мӯҳои сафед ин чолу кампир
Намуданд ба ҳам чун шаккару шир.
Зи мардум бар фалак печид яксар
Садои: «Зинда бод Октябри Акбар!».

* * *

Халоиқ меҳнати озод сар кард,
Дар ин майдон зафар андар зафар кард.
Дар аввал мурда буд ӯ, зинда гардид,
Ба маънӣ зиндаи поянда гардид;
Кунун донист, ки он чашмаи нур —
Ба оби зиндагӣ гардида машҳур
Набуда ғайри хуршеди коммунизм,
Ба ҷуз сарчашмаи нури ленинизм.
Вале зулмоти зулми подшоҳӣ
Нигаҳ медошт вайро дар сиёҳӣ.
Даме, ки шуълаи Октябри аъзам
Ҷаҳони тирагиро дод барҳам,
Дар оташ пардаи зулмотро сӯхт,
Рухи меҳри ҳақиқатро барафрӯхт.
Тилисми чашмаи оби бақоро
Шикасту кард онро ошкоро.

*5 ноябри с. 1939*

# БАРОИ ВАТАН[50]

(Мактуби ҷанговарони тоҷик ба халқи тоҷик)

Ин мактуб дар моҳи апрели соли 1942 дар митинги ҷанговарон, командирон ва коркунони сиёсии қисми ҳарбии рафиқон Тополев ва Пӯлодов бо як овоз қабул карда шуда буд.

Назмкунандагони мактуб шоирон:

*А. Деҳотӣ ва М. Турсунзода*

Мавсими гармо буду меҳнат ба авҷ,
Ғайрати мо ҷӯшзанон мисли мавҷ.

Хоки Ватан — ғарбу шимолу ҷануб
Ҳосили чун нуқраю зар дода хуб:

Хӯшаи гандум ва ҷави Украин
Мавҷзанон оби Днепраш барин;

Бӯи хуши лимуи кафкозиён
Роҳати дил мешуду ороми ҷон;

Пахтаи тоҷик гул оварда бор —
Мисли арӯсони чаман дар баҳор;

Аз дил Боку зада фаввораҳо
Нафт — сияҳхуни саноати мо;

Бурда сар аз шахтаи Донбасс ба моҳ
Хирмани ангишт — тилои сиёҳ;

Ҳар дараву шаҳру деҳи ин диёр
Маскани шодӣ буду майдони кор...

* * *

Душмани молу ватану ҷони мо
Чашми ҳасад дӯхт ба даврони мо.

Гитлер аз ин роҳати мо доғ шуд,
Зоғи ало дар ҳаваси боғ шуд.

Субҳдаме буду ҳаво беғубор,
Боди саҳар аз нафасаш файзбор.

Хуфта дар оғӯши фароғат ҳаёт,
Сокиту ором ҳама коинот.

Гоҳ дар ин хомӯшии дилписанд
Нағмаи мурғони чаман буд баланд;

Гаҳ зи каноре ба назар нопадид
Ғулғули поезди равон мерасид...

Тохт ба ногоҳ зи хоку ҳаво
Мӯру малахвор қӯшуни бало:

Гитлери чун аждари бедодгар,
Бар Ватани мо бидаровард сар!

Ин хабари шумасар ногаҳон
Ғулғула андохт ба рӯи ҷаҳон.

Аз лаби Дарьёи Яхин то Қрим,
Дар ҳама шаҳру деҳи мулки азим

Саҳнаи меҳнат шуда майдони ҷанг,
Халқи Ватан хест чу мардони ҷанг:

Хест Суворов барин авлоди рус,
Мисли Щорс украину белорус;

Хест чу Афтандили [51] шероначанг
Ҳар грузин зидди фашисти паланг;

Теғ кашид арманӣ аз қаҳру кин
Лашкари Довуди Сасунӣ [52] барин!

Хест қазоқ аз ғазаби ҷӯшзан
Бо ғазали Ҷамбули оташсухан;

Туркман асбоби зафар соз кард,
Аспи чу оҳу ба такутоз кард;

Қишвари ӯзбек корвон-корвон
Кард йигитҳои ҳузарбаш равон;

Дар раҳи озодии мулки азиз
Мардуми тоҷик камар баст низ;

Ин ҳама шерони Ватан рӯзу шаб,
Ҷон ба кафу хун зада ҷӯш аз ғазаб.

Миллати бисьёру каси бешумор,
Лек ҳама якдилаю якшиор,

Баҳри Ватан сина сипар кардаанд,
Синасипар пеши хатар кардаанд.

Хоки Ватан хислати дигар гирифт,
Зери қадамҳои адӯ даргирифт.

Дашти Белорус надорад кунун
Оби равоне ба ҷуз аз наҳри хун.

Бурд фурӯ оби Днепр чун наҳанг
Гитлериён бештар аз регу санг.

Хонаи Пётр — шаҳри кабири Ленин
Мекашад аз дил нафаси оташин.

Гашт баланд аз ҳама дил як калом
То ба фалак шӯълазанон;
Интиқом!

Баҳри ҳама бегунахон интиқом!
Куштаю қурбоншудагон интиқом!

Баҳри Ватан, баҳри зафар интиқом!
Баҳри халосии башар интиқом!

Омада Гитлер, ки ба шамшеру тир
Халқи советро бинамояд асир,

Пар биканад мурғи ғазалхони бахт,
Тира кунад чеҳраи тобони бахт,

Ҳусну тароват барад аз боғи мо,
Тоза кунад пештара доғи мо.

Дуздсифат нон барад аз хони мо,
Аз сари ҷӯ оби фаровони мо,

Банд кунад дар гулӯ овози мо,
Нағмаи фатҳу зафари сози мо,

Ҳам самари меҳнати моро барад,
Ҳам худи моро бифурӯшад, харад.

Нияти Гитлер, ки хаёл асту хоб,
Беҳ, ки чунин хоб бигӯяд, ба об!

Банда нагардем ба кас ҳеҷ гоҳ,
Чоҳкан афтода шавад зери чоҳ!

Он, ки ба мо дастдарозӣ кунад,
Бо сараш, албатта, ки бозӣ кунад.

Мардуми мо — мардуми кор асту ҷанг,
Ҷанггурезӣ ба вай ор асту нанг.

Аз аҷалу марг надорад ҳазар,
Хам накунад мижжа ба пеши хатар.

Душман агар боди зимистон бувад,
Мардуми мо оташи сӯзон бувад,

Душман агар пар зада боло равад,
Мардуми мо бози шикорӣ шавад.

Абри сиёҳест агарчи адӯ,
Мардуми мо барқ бувад зидди ӯ.

* * *

Мардуми тоҷик, ту дар ҳар замон
Ибрати мардон будию фотеҳон.

Номаи таърихи дурахшони ту
Пурзафар аст аз шарафу шони ту:

Лашкари Искандари овозадор
Гашта буд аз зарбаи ту бемадор.

Қард ниҳон Қоваи номуспок
Қаллаи Заҳҳоки ситамгар ба хок.

Тохт араб мисли вабо сӯи мо,
Сохт зи хуни дили мо ҷӯи мо.

Ибни Муқаннаъ,[53] ки дажам буду мард,
Пеши асорат сари худ хам накард.

Лашкаре аз ҷомасафедон кашид,
Зидди араб байрақи исьён кашид.

Ӯрдуи Чингизи ҷаҳонсӯз низ
Тохт ба ин мулки чу модар азиз,

Манҷанику * тиру камону каманд
Беадад овард ба фарқи Хуҷанд.

Кушт басе хурду калон бегуноҳ,
Қард зи дуди алам олам сиёҳ

Лек далерони Тирози Ҷаҳон **
Банда нагаштанд ба чингизиён.

Қалъаи шаҳр аз тани худ сохтанд,
Ҷон бисиҭонидаю ҷон бохтанд.

Гарчи дар ин саҳнаи хун бешарик
Монд фақат як худи Темурмалик[54],

Пеши чунин сели хатар дил набохт,
Якка ба сад душмани хунрез тохт.

Зулми амирон, ки ҳудудаш набуд,
Қосаи сабри фуқаро пур намуд.

Восеи[55] батрак, писари Балҷувон,
Сар шуду сарбоз, ба пиру ҷавон,

---

* Манҷаник — як навъ аслиҳаи чӯбини ҷангии қадим аст, ки ба воситаи он сангҳои калон парронда, девору дарвозаҳои қалъаи душманро хароб мекарданд.

** Дар замонҳои қадим шаҳри Хуҷандро ба сабаби зебоияш Тирози Ҷаҳон, яъне зинати ҷаҳон ҳам меномиданд.

Шӯъла ба дилҳои фақирон фиканд,
Ларза ба танҳои амирон фиканд.

Оташи шӯриш ба ҷафогар кушод,
Кушта шуд, аммо ба ҷафо тан надод.

Мо, писарони ту ҳам,
эй халқи мо,
Халқи баҳодурнасаби Шарқи мо!

Ҷангу ҷадал чун падарон мекунем,
Номи туро зикри ҷаҳон мекунем.

Пеши Ватан мо, ки қасам хӯрдаем,
Ин сухандонро ба забон бурдаем:

Мо, ки нисарҳои туем, эй Ватан,
Ҳозири ҳар рои туем, эй Ватан!

Ҳифзи ту мардона ба охир барем,
Гар талабӣ ҷон ту, зи ҷон бигзарем!

З-обу ҳавои ту, ки мо рустаем,
Риштаи ҷонро ба ту пайвастаем.

Меҳри ту чун ишқи дили модарист,
Машъали рахшандаи ҷанговарист.

Ҳар яки моро ту ба гаҳвораат
Тарбия кардӣ чу ҷигарпораат.

Тарбия кардӣ туву одам шудем,
Одами хушбахт ба олам шудем.

Нури саодат чу барафрӯхтӣ,
Хандаю шавқу тараб омӯхтӣ.

Нест ба кас бе ту нишони ҳаёт,
Бе ту набошад ба халоиқ нишот.

Бе ту касе хоҳад агар зиндагӣ,
Мебарадаш умр ба шармандагӣ.

Ҳар дараю кӯҳи ту маъвои мост,
Чашмаю наҳри ту таносои мост.

Зинати боғи туву бӯстони ту,
Сабзу кабудии дарахтони ту,

Киштаи ту, ғаллаи ту, дони ту,
Меваи ширини фаровони ту,

Деҳаи ту, шаҳри ту, гулзори ту,
Моҳи ту, хуршеди пуранвори ту

Ҳар яки моро ба балоғат расонд,
То ба баландии саодат расонд.

Ҳифзи туро аз дилу ҷон хостем,
Дар раҳи ин ҳифз саф оростем.

Ҷӯраи мо милтиқу шамшер шуд,
Улфату ҳамсӯҳбати мо тир шуд.

Тӯпи советӣ, ки чу оташфишон
Бод кунад хоку ғили душманон,

Аслиҳаи сафшикани мо шудаст,
Додари оҳанбадани мо шудаст.

Мерганӣ санъати дилчаспи мо,
Чобукию шердилӣ касби мо,

Чор Қароев, ки ба ҳам додаранд,
Чор ҷигарпораи як модаранд,

Риштаи пайванд гирифта ба каф,
Дар равуоянд чу моку ба саф.

Чашми уқобонаи Олломурод
Дар фани разведка ба вай раҳ кушод.

Душмани маккортар аз рӯбаҳон
Пеши чунин дида намонад ниҳон.

Бар сафи мо з-ин писарони ҷасур
Кишвари мо доду диҳад бешумур.

Рӯзи ба майдонравӣ наздик шуд,
Фурсати санҷидани тоҷик шуд.

Эй падару модари дилсӯзи мо!
Хоҳари мо, додари фирӯзи мо!

Мо ба ҳама ваъда вафо мекунем,
Хизмати худ хуб адо мекунем.

Як шуда бо халқи зафарманди рус,
Халқи зафарманду хатарбанди рус,

Гитлери захминшударо сар занем!
Дасти вай аз рӯи ҷаҳон барканем!

Тарс зи мо дур чу бегона аст,
Дӯсти мо ҷанги далерона аст.

Мард ҳамон аст, ки вақти масоф
Ваъдаи худро нанамояд хилоф.

Ҳар кӣ дар ин ҷанг бигардад ақиб,
Дон, ки ба ҷаррӣ равад он сарнишеб.

Дар сафи пӯлодии ҷанговарон
Ҷо набувад ҳеҷ ба тарсончакон.

Ҳар кӣ чу буздил шуду безарда шуд,
Номи вай аз қайд баровbooарда шуд.

Рад кунад ин гуна писарро падар,
Ҳеҷ касе ҳам нашиносад дигар.

Бешарафу ҳурмату беобрӯ
Гум шавад аз доираи гуфтугӯ!

Ҳар кӣ ҷасур аст, Ватан ҷои ӯст,
Шаъну шараф ошиқи шайдои ӯст.

Рӯҳи тавоною бузурги Ленин
Парварад он шахс, ки бошад матин.

Шарти бузургӣ, ки далерӣ бувад,
Душмани қаттоли асирӣ бувад.

Ҳар кӣ далер аст, нагардад ғулом,
Зиндаю озод бимонад мудом.

Гастелло [56],
Таня [57],
магар мурдаанд?
Бист ва ҳам ҳашт нафар мурдаанд? *

Не, ҳамагӣ зиндаю поядаанд,
Зиндаи имрӯзаю ояндаанд.

Мардии онҳо, ки назире надошт,
Дар дили мо мӯҳри далерӣ гузошт.

Зррае нодода ба душман амон,
Пок намоем Ватанро аз он.

То ки чу Неъмат Қаробоев, замон
Ном диҳад мо ҳамаро:
Қаҳрамон!

* * *

Такьягаҳи мо — падарон, модарон!
Гавҳараки дидаи мо — хоҳарон!

Ҳаст фронти дигари ҷанги мо —
Соҳаи меҳнат, ки қӯшунаш шумо.

Дода Ватан ҳар якатонро ба даст
Қулфу калиди ҳама сарват, ки ҳаст,

Нефту ангишту зару тӯтиё,
Мазраи зархезу пур аз ганҷҳо...

* Ишора ба 28 нафар панфиловчиёни қаҳрамон.

Қуввати худ, ғайрати худ, ғун кунед...
Меҳнати шоистаи афзун кунед!

Белу каланде, ки шумо мезанед,
Гӯри фашистони лаин меканед.

Пахтаи чун нуқра фаровон диҳед,
Зарба ба буньёди фашистон диҳед!

Асп рафиқи раҳи ҷанговар аст,
Дар дами ҷонбозии ӯ ёвар аст.

Аспи даванди лақай парваред,
Лашкари Сурх «асп!» бигӯяд,
бoriginal

Водию кӯҳу дараву даштро
Пур кунед аз ғаллаву аз раммаҳо,

Мову шумо дар сафи як лашкарем,
Ҳар ду ҳимоятгари як кишварем.

Байрақи ленинӣ, ҳамеша ба сар,
Меҳри ватан дар дили мо шӯълавар.

Пеш — сӯи фатҳу зафар меравем!
Баҳри халосии башар меравем!

То ки шавад рӯи ҷаҳон — обу хок
Аз маразӣ Гитлери мурдор пок!

# ГУФТОРИ ДӮСТӢ[58]

Аз адибони тоҷик ба адибони Украин

*(Бо ҳамроҳии М. Аминзода, Б. Раҳимзода, М. Фарҳат ва А. Шукӯҳӣ навишта шудааст)*

«Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон».

Мерасанд аз қаъри даҳ асри тамом
Ин суханҳо бо садои бардавом.

Ин садои он хирадманди закист —
Пешвои назми тоҷик Рӯдакист.

Бо ҳамин мазмун ашъори Тарас
Мерасад дар ҳар нафас бар гӯши кас.

Халқи моро дӯстию иттифоқ
Аз қадим аст орзӯю иштиёқ,

Бахти худ меҷуст аз сулҳу салоҳ,
Дӯстиро мешумурд ӯ такьягоҳ.

Кардаанд ин байтҳоро тоҷикон
Зинати тоқу равоқи ҳар макон:

«Ҳар кӣ дар ин ҷо дарояд, хотири ӯ шод бод,
Манзили мо аз қудуми дӯстон обод бод!»

Шуд мунаввар аз қудуми дӯстон кошонаам,
Хона фонус асту меҳмон шамъу ман парвонаам!»

Лек даврон буд бар акси мурод,
Дӯстӣ кам, душманӣ беҳад зиёд.

Дину сарват фитна меангехтанд,
Эй басо хуне, ки ноҳақ рехтанд!

Гуфта инро «кофир», онро — «баднажод»,
Обу оташвор гардонда тазод,

Халқҳоро ҷанг меандохтанд,
Қинаро ойини худ месохтанд.

Рӯзи мо — шаб, субҳи мо чун шом буд,
Халқи мо саргаштаю гумном буд.

Оби софи чашмасорони равон
Буд рамзи дидаи бечорагон.

Қомати тоҷик хам буд аз ҷафо,
Буд гӯё кӯҳҳо бар дӯши мо.

Лолаҳо ҳар сол гӯё дар назар
Сурх мегаштанд аз хуни ҷигар.

Хушк мешуд кишти мо аз ташнагӣ,
Ҷон ба лаб буд аз балои гушнагӣ.

Инқилоби ленинӣ чун барқ зад,
Шӯъла бар ғарбу шимолу шарқ зад.

Октябрь овард бори аввалин
Дӯстии асл дар ин сарзамин;

Халқҳоро кард бо ҳам иттифоқ,
Қанд бехи кини миллию нифоқ.

Халқи тоҷик чун бародар, чун рафиқ
Бо бародарҳои худ шуд ҳамтарик.

Халқу миллатҳо, чу насли як падар,
Аз гиребоне баровардем сар.

* * *

Дасти Ленин карда буд буньёди он,
Қалъаи уммед шуд ин хонадон.

Аз қадимайём мебошад аён
Инчунин ҳикмат миёни шарқиён:

«Дӯст машмор он, ки дар неъмат занад 59
Лофи ёрию бародархондагӣ,

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳолию дармондагӣ!»

Дӯстони мо, ки ҷоноҷон буданд,
Рӯзи сахтӣ дастгири мо шуданд.

Сарвари ин хонадони дӯстон
Халқи руси аъзаму қудратнишон.

Бо самимият ба рӯи мо кушод
Пур зи меҳр оғӯши чун Волга кушод.

Дар раҳи иқбол моро пеш бурд,
Дар ҷадалҳо ҷон хариду ҷон супурд.

Маҳви душманро аз ӯ омӯхтем,
Хонаи зулму ҷаҳолат сӯхтем.

Ёвари мо шуд дар ин раҳ инчунин
Қаҳрамон авлоди халқи украин.

Ҳам ба ҳарбу зарбу ҷонбозии мо,
Ҳам ба дуньёдигарсозии мо,

Ду баҳодур омада паҳлуи мо
Қувва бахшиданд бар бозуи мо.

Ҳамраҳи дилсӯз гаштанду шафиқ
Чун бародар, дӯст, ҷанговар, рафиқ.

* * *

Марҳабо, эй дӯстони ҳамқалам,
Дар раҳи мақсуди олӣ ҳамқадам!

Хайра мақдам, нури дида, тоҷи сар,
Хонаи мо бо шумо пурнуртар.

Васли ёрон дида равшан мекунад,
Рафтуомад хона гулшан мекунад.

Чун дили пурмеҳр бошад дар миён,
Роҳ наздик аст байни ину он.

Дар чунин айёми пурфайзу шукӯҳ,
Сарвати халқ аст ҳар ҷо кӯҳ-кӯҳ.

Украина пур зи гандумзорҳост,
Тоҷикистон мулки тиллокорҳост.

Украина кони тиллои сиёҳ,
Тоҷикистон шаҳдрезу шаҳдгоҳ.

Аз чароғони Днепри нурбахш,
Медурахшад мавҷҳои рӯди Вахш.

Украина бо тракторҳои худ
Мушкили деҳқони тоҷикро кушуд.

Аз Львов дар кӯчаҳои мо машин
Мешитобад оҳуи кӯҳӣ барин.

Пахтаи мо корвон бо карвон
Сӯи фабрикҳоятон бошад равон.

Шоҳии тоҷик чӣ зебо, дилнишин,
Зеби қадди духтарони украин.

* * *

Марҳабо, эй дӯстони ҳамқалам,
Дар раҳи мақсуди олӣ ҳамқадам!

Дар чунин айёми пур аз мӯъҷизот
Рафтуомад сар бишуд бар коинот.

Осмон бо он сарафрозии худ
Қард назди қудратн мо сар фуруд.

Медиҳад ҳар рӯзи пеш аз Анҷуман[60]
Шӯҳрати нав, фатҳи нав бахри Ватан.

Партия дастури нав иншо намуд,
Давраи нав дар ҳаёти мо кушуд,

Даврае, ки манзили мақсудамон
Гашт равшантар ба чашми мо аён.

Панҷаи қудратнишони коргар
Мегудозад хуб фӯлоди зафар.

Ҳиммати нав марди деҳқон мекунад,
Ҳосили саҳро фаровон мекунад.

Партия аз махзани ақлу хирад
Фикри тоза, қувваи нав медиҳад.

Набзи ҳар як соату ҳар рӯзи мо
Медиҳад бар гӯши таърих ин садо:

Офтоби орзӯҳои башар
Мешавад дар рӯи олам ҷилвагар.

Коммунизм — субҳи пурнури саид
Мешавад бар пеши чашми мо падид.

Қарда бояд хомаи худ тезтар
Пешсаф бошем дар мавҷи зафар.

Қарда ҳурмат дод моёнро Ватан
Номи ҷангӣ-тӯпҳои дурзан!

Лоиқи ин ном будан — ифтихор,
Лоиқи он ном бояд кард кор.

* * *

Дӯстон, будед чанде меҳмон,
Дар диёри файзбори тоҷикон.

Сар ба сар дидед бо чашмони худ,
Қи ба истиқболатон истода буд:

Пойтахти мулки тоҷик аз навид,
Зебу зинат ёфта чун рӯзи ид.

Бо либоси сабз водии Ҳисор:
— Мархабо!— мегуфт бикшода канор.

Оби софи ҷӯйҳо бозикунон,
Ҳар куҷо ҳамроҳатон мешуд равон.

Бо табассум пахтаи водии Вахш
Аз ҳусули меҳнати мо муждабахш.

ГЭС-и Норак бо хурӯши корҳош
Мешавам, мегуфт, фардо нурпош.

Боғҳои Ленинобод, Исфара
Меваҳошон ғарқ, пухта яксара.

Ҳар куҷо баҳри тамошо рӯ ниҳӣ,
Ноку шафтолую лимӯю биҳӣ...

Ҳар якеро лаззату бӯи дигар,
Ҳар якеро ранги дилҷӯи дигар!

Бо тавозӯъ хам шуда шохи анор,
Ҳар аноре сурх чун рухсори ёр.

Ҳар сари ангур дар пеши назар
Ҷилвагар чун кӯзаи пур аз шакар.

Нури ГЭС-и «Дӯстии халкҳо»
Меҳри тобон буд бар роҳи шумо.

«Баҳри Тоҷик» мавҷ мезад беқарор,
Чун дили ушшоқ рӯзи васли ёр.

Қуллаҳои саркаши Помир ҳам,
Сар ба таъзими шумо карданд хам.

* * *

Дӯстон, хуш омадеду хуш равед,
Муждабар аз мо ба халқи худ шавед.

Бар ҳама аз мо саломи шӯълабор,
Гарм ҳамчун офтоби ин диёр!

Хайр, ёрон, бар шумо роҳи сафед,
То мулоқоти дигар, то боздид!

Хай живе, эй Украина, зинда бош!
Бар муроди дӯстон поянда бош!

*Октябри соли 1961*

# ШЕЪРҲОИ ҲАҶВӢ
# ВА ҲАЗЛҲОИ РАФИҚОНА

## НОЛАИ ЯК ПИЁНИСТКА-КОРГУРЕЗ ДАР ПЕШИ ДӮКОНИ «УЗБЕКСЕЛЬПРОМ» [61]

Салом, эй пири майхона, рафиқи ғамгусори ман,
Худои ҳарду олам, Мустафо ҳам чорьёри ман.

Давай қирқинчисидан бир пиёла нӯш этай дарров
Ки ҳамчун кӯра оташ мезанад қалби фигори ман.

Ба ҷои шири модар бердилар аз шиша шири сурх,
Намебошад аз ин рӯ рӯзу шаб вино хумори ман.

Агар дарьёи май бошад, маро бигзорӣ андар он,
Чу моҳиён шино созам — бувад ин ихтиёри ман.

Надорам кори дигар ғайри нӯшидан, аё пирам,
Вафосиз дуньёда «нӯшидану мурдан» шиори ман.

Ба ҳар як омадурафтам савоби ҳаҷкунӣ гирам,
Дӯконат каъбаву масҷиду меҳробу мазори ман.

Надорам мазҳабу шаръе ба ғайр аз шаръу дини май,
Туӣ раззоқаму пайғамбари ҳоҷатбарори ман.

Ба ҷои чою нону ош бошад коньяку вино,
Қабоби пешин, оши шомию нони наҳори ман.

Менга совсем не надо боғу ҳавлӣ, шалтаю балтай,
Дӯконинг бӯсогоси кулбаи ман, ҳам диёри ман.

На ман аз зарбдоронам, на парвои плон дорам,
На кори бошараф дорам, ки бошад ифтихори ман.

Бас аст ин афтаритетам, ки ҳар ҷо муттасил бошад
Ҳазорон шишаи рангин йӯлимда интизори ман.

Қишу ёзу баҳорингни намедонам қачон бӯлғай,
Қадом вақте ки май ичсам, ӯшал дам навбаҳори
ман.

Қачон ки ичмадим, шул дамда ӯлди деб гумон
айланг,
Туролмас бе май андар ҷисм ҷони беқарори ман.

Ҷавоб аз зарбдор:
Туву ҳамчун ту садҳо нобакоронро чу хору хас,
Бисӯзонад шарори кори путки зарбдори ман.

Намон ҳаргиз қадам бар коргоҳи шӯравӣ з-ин пас,
Куҷо бошад дигар ҷое туро андар қатори ман!

*Соли 1930*

## БА ТУХМИ ЛАШКАРИ ГИТЛЕР ҚИРОН ОМАД! ҚИРОН ОМАД!

### I. Зимистон

Даме ки лашкари Гитлер
Ба сӯи Москва метохт,
Вай аз мағрурию мастӣ
Ба олам чор меандохт...
Қӯшуни Сурхи мо он гаҳ.
Чунон ҳам торумораш сохт,
Ки он: «Дод аз зимистон, дод»! —
Гӯён дар фиғон омад.

Ба тухми лашкари Гитлер
Қирон омад! Қирон омад!

### II. Баҳор

Пас, уммед аз баҳорон кард,
Лекин ҳосилаш ғам шуд,
Сипоҳаш мисли барфу ях
Дамодам об шуд — кам шуд;
Шикасту торумори нав
Ба Гитлер дар Тунис зам шуд,
Ки вай: «Дод аз баҳорон, дод!» —
Гӯён дар фиғон омад,

Ба тухми лашкари Гитлер
Қирон омад! Қирон омад!

### III. Тобистон

«Ба тобистон зафар аз мост»! —
Гуфту тохт боз имсол,
«Паланги» беадад дар пеш,
Гурги беҳад аз дунбол...
Вале ин дафъа бар Гитлер
Зад оташ Белград, Орёл,
Ки: «Дод аз дӯзахистон, дод»!—
Гӯён дар фиғон омад,

Ба тухми лашкари Гитлер
Қирон омад! Қирон омад!

### IV. Тирамоҳ — хазон

Ҳамин ки тирамоҳ омад,
Ба душман тиратар шуд рӯз.
Задему мезанем аз нав
Паёпай зарбаи ҷонсӯз,
Фриц аз марг мерезад
Ба монанди хазон имрӯз,
Ки вай: «Дод аз хазон ҳам дод! ..» —
Гӯён дар фиғон омад,

Ба тухми лашкари Гитлер
Қирон омад! Қирон омад!

*Сентябри с. 1943*

## «ХАС КАМУ ҶАҲОН ПОК»

Дар шаҳри Берлин ногаҳон
Як поезд омад дав-давон,
Истод бо сад карру фар
Ҳуштаккашон, гуррасзанон...
Пайваста чун турна қатор
Аз дум ба дум наввад вагон
Ҳар як вагон дарбаста буд,—
Занбар барин қулфе ба он.
Ҳангомаҷӯён тохтанд
Ҳарсасзанон, шодикунон.
Аз рӯи тахмин ҳар касе
Мекард фикри худ баён:
— «Овард бар мо тӯҳфаҳо
Аз Россия ин корвон.
Ҷанговаронмон кардаанд
Савғо ба соли нав равон.
Албатта, ин состав пур аст
Аз тухму чою қанду нон.
Эй, кошкӣ кам-кам расад
Бар мо барои кӯдакон...»
— «Пӯшокворӣ будагист:
Шоҳию моҳуту катон,
Зеро ки мулки русҳо
Бой аз чунин моли гарон...»

— Не, сабзавот... ё меваҷот:
Сабзию шалғам ё лимон».
— «Винои Қавказ бошад-а...
Эҳ, мазза мешуд, ҷӯраҷон!
Коньяк агар бошад, дигар
Бар мо чӣ лозим ин ҷаҳон?..»

Хуллас, ки бо ин гуфтугӯ
Буданд мардум шодмон.
Рафтанд лабҳо пушти гӯш,
Шорид ҳам оби даҳон...
Пайдо шуданд аз ким-куҷо
Як даста гестапочиён.
Ронданд мардумро ба дур
Аз вокзалу атрофи он.
Чун тақку тук бикшода шуд
Наввад вагон дар як замон:
Аз солдати сармозада
Пур — лаб ба лаб буд ҳар
вагон...
Поҳои баъзе аз варам
Чун кундаҳои нокафон.
Ҳамранги боимҷон шуда
Бинии баъзе «ориён».
Баъзе саропо чун тулум —
На калла дорад, на миён...
Дудаш баромад аз чигар
Ҳар кас, ки дид инро аён.
Мардум ҳуҷум овард пеш
Бо ғулғулу доду фиғон.
Ҳангомаҷӯён ҳам пакар —
Бар об афтид латташон...
Ҷуз ин надорад тӯҳфае
Гитлер ба халқи Олмон [62].
Ёлка дар он ҷо — чӯби дор
«Бобои Барфин» — қотилон.
Дар хоки Гитлер соли нав
Аз марги нав дорад нишон.
Аз зарбаи Урдуи Сурх
Омад фашистоиро кирон.

Зуд аст, оташ мерасад
Бар хирмани гитлерчиён,
Он гоҳ мегӯем мо:
— «Хас кам, ҷаҳон шуд пок аз он!»

*Декабри с. 1941*

## ҚОИЛ МАН

*(Суруд ба оҳанги авнавкорнакардаи композитор Дарбеҳ Ямоқович Ремонтӣ)*

Тамошобини арросӣ, ба арроси ту қоил ман!
Фалакро гӯшкар кардӣ, ба қийғоси ту қоил ман!
Ба фарьёди даҳони лаб ба лаб носи ту қоил ман!
Магар васвосие ҳастӣ, ба васвоси ту қоил ман!
Ба васвоси ту қоил ман,
Тасаддуқ, эй гулӯдаррон!

Ягон раққоса ё ҳофиз ба рӯи саҳна по монад,
Намебинӣ чӣ мерақсад, намефаҳмӣ чӣ мехонад,
Ҳаёҳу мекунӣ он гуна, ки залро бикӯчонад...
Чӣ уллоси шағолона? Ба уллоси ту қоил ман!
Ба гурроси ту қоил ман,
Тасаддуқ, эй азоби чон!

Театр мактаб аст, ин чо чаро ту маст меоӣ?
Ду шиша дар ду киса, истакон дар даст меоӣ?
Зи ахлоқу адаб то кай баҳоят паст меоӣ?
Қарорат нест дар як чо, ба ҳаллоси ту қоил ман!
Ба ҳаллоси ту қоил ман,
Ба ту бузғолаҳо ҳайрон!

Ба зоҳир кардани таъсири дил уллос лозим нест!
Ҷазои гӯшҳо чирроси чун алмос лозим нест!
Ба санъат ё ба аҳли он чунин ихлос лозим нест!
Гар ихлосат чунин бошад, ба ихлоси ту қоил ман!
Ба чирроси ту қоил ман,
Тасаддуқ, эй чигарбирьён!

*Сентябри с. 1953*

## ЯК КАЛЛАЮ ДУ ХЕЛ РӮЙ

— Чист як каллаю ду рухсора:
Дар табассум яке, дигар хашмин?

— Қаллаю рӯи порахӯр аст ин:
Шод аз пора, турш бе пора.

*Соли 1954*

## БАҲСИ САБЗАК ВА ЗАРДАК

Пойтахти кишвари тоҷик сабзу хуррам аст,
Дар канораш сад хиёбон ҷо шуда пай дар ҳам аст,
Аз дарахтон соябоне бар сари ҳар одам аст,
Сояаш дар форамӣ гӯё ба дарде марҳам аст!
Лекин — «аммо» дорад ин гап, ҷӯра, қилуқол пурс!
Андак аз баъзе дарахтон «ранг бину ҳол пурс!»

Мегузаштам аз миёни шаҳр дар гармои сахт,
Мешунидам аз ду ҷониб баҳси байни ду дарахт:
— Ҳой, Зардак,— гуфт Сабзак,— кай шудӣ
баргаштабахт?
Аз чӣ шуд баргат хазону навдаҳоят ҳам карахт?*
Моҳи июньро ғалат ноябрь донистӣ, магар?
Ё гирифторӣ ба дарди зардпарма ё дигар?..

Гарчи аз ин таънаҳо авзои Зардак шуд дигар,
Лек хашмашро фурӯ бурду ҷавобаш кард сар:
— Таънаат беҳуда аст, эй хешам, эй ҷону ҷигар!
Ман наям аз модарандар ** ё ту аз дигар падар,
Ҷумла аз як хонадон ҳастем. Дар ин шак набуд,
Номамон ҳам, мисли ҳозир, Сабзаку Зардак набуд!

---

* Дар баъзе кӯчаҳои Душанбе аз чӣ сабаб бошад, ки фақат ба ҷӯйҳои ду канори роҳи калон об сар дода мешаваду ҷӯйҳои миёна тамоми тобистон хушк мемонанд ва дар натиҷа барги дарахтони қаторҳои миёна зуд пажмурда мешавад.

** Модарандар — моиндар, модари ӯгай.



*А. Деҳотӣ дар фронти Ленинград, соли 1942*

Гап дар ин, ки ту мудом аз ҷӯйи ҳастӣ баҳраёб,
Аз ҳамин рӯ қадкашию шоху баргат ҳам батоб,
Лек ман бечораро мироб маҳрум кард аз об,
Ҷӯн қоқам обро ҳатто намебинад ба хоб,
З-ин сабаб ҳарчанд дар як кӯчаему як замин,
Ту чунон пуравҷию ман нимҷон ҳастам чунин...

Ҳарфи Зардакро дар ин ҷояш яке Сабзак бурид,
Гуфт: «Нодонию ношуд, бас кун ин гуфтушунид!
Хоксорӣ карда мондӣ дар миёна нопадид,
Дар сари раҳ ист, мисли ман, ба ҷои чашмдид,
Пеши сардорони комхоз сархаму манзур шав,
Баъд, ҳар қадре ки хоҳӣ, об хӯр, масрур шав!

Оре, оре, баъзе аз сардорҳои бекарам
Бетамаллукро намебахшанд оби муфт ҳам!

*Июли с. 1959*

## ЧОРПО ВА ДУПО

*(Ҳикояи воқеӣ)*

Як хари бесоҳиб аз раҳ мегузашт,
Навниҳолеро бидиду шод гашт:

«Шохҳояш пасту сархам будаанд,
Боби хӯрдан — сабзу хуррам будаанд...»

Ин бигуфту кард фавран фук баланд,
Нӯги шохе бар даҳан бигрифту канд.

Марди масте ҳам аз он раҳ мегузашт,
Аз харии он харак дар қаҳр гашт.

Як ниҳоли дигаре чун банди даст
Дид дар наздикашу қарсӣ шикаст,

Қалтаке бозарба кард аз чӯби тар,
Говзӯрӣ то кунад бар қасди хар.

Бо ғазаб ғун карда зӯри дастҳош,
Он чуноне зад, ки шал шуд дуга пош.

Нест аз он чорпо чандон зарар,
Лекин аз ин гуна дупо... Алҳазар!

*Декабри с. 1960*

## ҲАЗЛҲОИ РАФИҚОНА

**Мирзо Турсунзода**

Якта пояш дар ҷанубу якта пояш дар шимол,
Ғаҳ ба Машриқ, гаҳ ба Мағриб мекушояд парру бол.
Мисли мурғи сулҳ ҳар сӯ мепарад ҷавлон зада,
«Икки дуньё бир қадамдир энди Мирзо олдида».

**Ҷалол Икромӣ**

*(Муаллифи пьесаи «Духтари ноком», ки варианти якӯмаш «Ситораи хомӯш» номида мешуд)*

Напурсидам дигар меҳри «Ситора», мондаам хомӯш,
«Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо»;[63]
Барои «Духтари ноком» [64] дар баҳри сухан ғарқам,
«Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо!»
Ба ҳар пьеса зи ҳар шоир ғазал кӯчонданам одат,
Наметиранд аз ман ҳақ на Ҳофизҳо, на Бедилҳо!

**Раҳим Ҷалил**

*(Муаллифи романи «Шӯроб»)*

Чу Фарҳоди ошиқ шуда кӯҳкан,
Талошам ба кӯҳсори Шӯроб ман,
Кушоям ба эъҷози нӯки қалам,
Аз ин кони ангишт кони сухан!

## ХУД БА ХУД

Нимшоир, нимносир, ниммуҳаррир, ниммудир,
Аз театр пьеса, очерк аз газета қарздор.
Бо китоби дарс банд ӯ, радио, вақташ магир!
Панҷааш даҳта, ба вай кофӣ фақат даҳ хел кор!

*Январи с. 1951*

## БА ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

*(Ба муносибати панҷоҳсолагии таваллудаш)*

Ба шодии ту шарикам, ки дасти зиндагиат
Битофт панҷаи панҷоҳ бо накӯномӣ.

Набера дорию бобо шудастӣ, аммо ҳеҷ
Мадеҳ тан ба кӯҳансолиат, макун хомӣ!

Тақал макун ба раҳи ишқ бо баҳонаи сол,
Ки ишқ нест қимори чатоқу ғирромӣ.

Ба ёди «Духтари ноком» талхком машав,
Зи духтарони замон пурс тарзи хушкомӣ.

Ба шӯълаи қаламат «Тори анкабӯтон» [65] сӯз.
Ки нури субҳ кунад маҳви зулмати шомӣ.

Ба сад дароию мо дар зиёфатат бошем,
Дуои дӯст шунав, ё Ҷалоли Икромӣ!

*Сентябри с. 1959*

## БОҚИНОМА[66]

*(На бар вазни «Соқинома»)*

Имрӯз — иди Боқӣ,
Пур кун пиёла, соқӣ!
Ним-аср то ба ин тӯй
Кардем ҳалкқоқӣ.

Бин: навқалам ҷавонон
Дар гирди ӯ ғазалхон.
Панҷоҳсола устод
Чун кабк шуд хиромон!

Боқӣ даме ки ракснд —
Миён қапиду гардид,
«Ё тавба!» гуфт он, ки дид.
Гӯё ки кӯҳ ларзид!

Боқӣ қалам меронад,
Тухми сухан мемонад.
Худ лек душмани тухм,
Чаро? — Худаш медонад!

Ёфуч[67] ҷои боб аст,
Боқӣ аз он қимоб аст,
Пурсед агар: — Сабаб чист?
— «Хӯш-е» — ӯро ҷавоб аст.

Ҳой, духтари айнакдор,[68]
Боқӣ омад, шав ҳушьёр!
Гир айнаки сабзатро —
Боқӣ ба чашмат хушдор!

Аз дасти Боқии мо
Дил бурд як дилоро...
«Дардо, ки рози пинҳон,
Хоҳад шуд ошкоро!»*

Боқӣ ба сеҳр усто,
Соҳириаш ҳувайдо.
Ҳар кас, ки шубҳа дорад,
Бинад «Чинори гӯё».[69]

Боқӣ ба ханда кӯшад,
Сад қаҳқаҳа хурӯшад,
Сомеъ шавад шикампеч,
Деги фараҳ бичӯшад.

Умраш дароз бошад,
Гарданфароз бошад
Ҳар кас, ки мисли Боқӣ
Мардумнавоз бошад!

* Ин ду мисраъ аз они Ҳофиз аст.

## БА ШОИР СУҲАЙЛӢ ҶАВҲАРИЗОДА

*(Ба муносибати 60-солагии рӯзи таваллудаш)*

Табрик мекунам, ки зада шастро башаст,
Ҳафтодро гирифтаӣ акнун нишон ба тир!

Чил сол боз хомаат овоз медиҳад
Аз сатрҳои дафтару девон қитир-қитир...

Бухгалтерон гаранги ҳисоби китоби ту,
Эй гашта дар шумораи абьёт миллионер!

Гиранд ибрат аз ту ҷавонони навқалам
Пуркорию баҳавсалагию қимир-қимир.

Дар ишқ булбулию ба авҷи суханварӣ
Мисли хурӯсчӯҷаи лочин шикоргир!

Исмат баланд ҳасту муносиб, вале ба ҷисм
Аз Боқии Раҳим каме гӯшт қарз гир!

Тӯёнаест ин ду-се мисраъ, қабул дор
Аз порае хамири сифотат ҳамин фатир!

Аз боғи назм хирмани гул ҷамъ кардаӣ,
Худ ҳам шукуф мисоли гулон! Қанд зан! Намир!

*Июни с. 1960*

# ШЕЪРҲО БАРОИ БАЧАГОН[70]

## ҶАВОБ БА ОТАШДИҲАНДАГОНИ ҶАНГ [71]

*(Декламация)*

Ҳар лаҳзаву ҳар соат
Душман шуда бетоқат
Дар талвосаи мурдан,
Дар фурсати ҷон кандан.
Бесабр шудаст ҳамчун:
Саги девона,
Гурги гурусна,
Маст аст ва ё маҷнун?..
Бефоида дар ҳар сӯ
Андар паи нафсаш ӯ:
Меравад,
Медавад,
Мепӯяд,
Меҷӯяд:
Хуну сайд — шикор...

Ё худ чун:
Моҳии беоб,
Мори сарбурида,
Мурғи парканда,
Ба сар печутоб
Метапад,
Мезанад,
Меҷаҳад,
Вале чӣ суду чӣ кор?..
Эй тӯдаи ғоратгар!
Эй дастаи иғвогар!

Эй зумраи бевичдон!
Берахмтар аз ҳайвон.
Мехоҳӣ, ки боз акнун
Бо ҳилаю сад найранг,
Бо фитнаю шӯру ҷанг
Дуньё бикунӣ пурхун?..

На, аммо,
Эй беор!
Маккор!
Нобакор!..
Он чиз, ки мехоҳӣ,
Мебинӣ, магар дар хоб,
«Хобат раву гӯ бар об»,
Дигар чӣ умедворӣ?

Вале, эй гург,
Эй рӯбоҳи ҳилагар!
Бидон, бишнав, бингар!
Ин мамлакат, ин кишвар,
Ин фаълаву ин деҳқон,
Ин сарзамин, ин майдон.
Ин мазраи боровар
Бар қавми ту, эй душман,
Аз худ надиҳад роҳе,
Ин аст ба ту огоҳӣ,
Хомӯш! Умедат кан!
Мо ҷанг намехоҳем,
Гар ту кунӣ бо мо ҷанг,
Ҷангем ба зидди ҷанг,
Мо ҳозиру тайёрем!

Байроқи Ленин бар мост!
Бозуи матин бар мост!
Меҳнаткаши дуньё низ
Ҳамфикру муин бар мост!

*28 июли с. 1931*

## ДАР РОҲИ ПАХТАЗОРҲО [72]

I

Дар киштзору майдон
Ғунчаи пахта чандон
Шукуфтаасту хандон
Мисли гули гулистон.

II

Домани дашту саҳро
Сап-сафед аз пахтаҳо,
Шудаст аҷаб хушнамо,
Тозаю соф ин замон.

III

Аз оғӯши пахтазор
Бо суръати зарбдор
Пахтаро чида бисьёр
Тӯдаи зарбдорон.

IV

Эй бачағони қишлоқ!
Нагашта яккаву тоқ,
Мо ҳам шавем иттифоқ,
Биёетон, рафиқон!

V

Мо зодаи меҳнатем,
Далеру боғайратем,

Равему пахта чинем
Ҳамроҳи колхозчиён!

VI

Пахтаро чинем тамом,
Кӯшида ҳар субҳу шом,
То намонад як гром,
Дар зери барфу борон.

VII

Фабрикаҳои шӯро
Аз пахтаи худи мо
Таъмин шавад саропо
Бе миннати дигарон...

*Соли 1931*

## ИДИ ЯКУМИ МАЙ

Имрӯз кӯча пуродам,
Одамҳо шоду хуррам,
Саф-саф равонанд онҳо
Монанди оби дарьё.

Хурду калон хандонанд,
Бо ҳам таронахонанд.
Байраққою шиорҳо —
Суп-сурх чун лолазорҳо:

Якӯми Май расидаст,
Имрӯз, рафиқон, ид аст!

Мо ҳам барвақт бархостем,
Дар мактаб саф оростем.
Галстукҳоро овехта,
Нағораҳо навохта,
Рафтем хонда тарона,
Сӯи майдон шодона.

## ҚАРЗИ ВИҶДОН [73]

*(Муроҷиат ба бачагони мактабӣ ва ба пионерони ҷавон.)*

Дар вақти шоҳу аҳли дин
Як бой буд дар деҳи мо,
Тобеъ ба ӯ буд ҳама ҷо —
Аз боғ то обу замин.

Мехӯрд монанди шабуш
Хуни тани меҳнаткашон,
Ҳаргиз намедиданд аз он
Бечорагон як рӯзи хуш.

Пеши раҳи ин муттаҳам
Мешуд ба арзи муддао
Сарҳои садҳо бенаво
Чун шохи маҷнунбед хам.

Дар як худаш буд чор зан,
Ҳаммеш ҷавону нозанин,
Ҳаммеш ниҳолу гул барин,
Аммо гули дур аз чаман...

Доим димоғаш чоқ буд,
Аз ғам набуд ӯро хабар,
Кӯтоҳи гап гӯям агар,
Хушбахти он қишлоқ буд.

Дар камбағал, бечораҳо
Аз давлаташ медод ӯ

Қарзи калони як ба ду*
Бо пулу чою молу дон.

З-он қарздорон қарзро
Дар муддати худ ҳеч кас
Дода наметонисту пас
Мешуд миёншон мочаро.

Чанчоли бою камбағал
Мерафт то қозикалон
Қозӣ барои «сулҳ»-и он
Мекард бар қуръон амал.

Ҳар қарздори бенаво
Мешуд ба он бои хабис
Ятиму ҳаммолу саис
Бо ҳукми қуръони худо.

Эй, бачаҳои даври нав,
Гулҳои боғи бехазон,
Эй насли синфи қаҳрамон
Насли далеру пешрав!

Ҳастед соҳиб ин замон
Бар шашьяки рӯи чаҳон,
Озодатон чун модарон
Мепарварад давронамон.

Дар мост хуррам зиндагӣ,
Бар рӯи мо як зарра ҳам
Набвад асар аз дарду ғам,
Гул мекунад осудагӣ.

Лекин дар ин даври накӯ
Мо шонру румончиҳо
Дорем карзе аз шумо,
Ҳастем аз ин вачҳ сурхрӯ.

Ин қарз-қарзи бой не,
Ин карзи молу чой не.

---

* Қарзи як ба ду — ҳамин ки дар замони гузашта бой як сӯм қарз диҳад, ду сӯм карда мегирифт.

Фарқи миёни ину он
Ҳаст аз замин то осмон.

Ин қарз дар даврони мо
Як қарзи виҷдонӣ бувад,
Як қарзи инсонӣ бувад,
Масъули он виҷдони мо.

Виҷдони одам дар ҷаҳон
Аълотар аст аз ҳамма чиз
Виҷдон бузург асту азиз
Дар назди мо аз молу ҷон!

Акнун диҳед, э ҷӯраҳо,
Дигар каме фурсат ба мо
То пас диҳем ин қарзро
Аз майнаю аз қалбҳо.

*26 марти с. 1936*

## ЭЙ БУЛБУЛАКОНИ БОҒИ ДОНИШ!

Эй булбулакони боғи дониш,
Шодона таронаҳо муборак!
Боз омадааст фасли хониш,
Таҳсили нави шумо муборак!

Мактаб ҳама ҷо канор бикшод
Он гуна, ки модаре ба фарзанд,
То ин ки шумо зи хотири шод,
Чун ҷон ба танаш шавед пайванд,

Чашми падаронаи муаллим
Дар роҳи шумо ҳамеша чор аст,
То бахшадатон самар зи таълим,
Ӯ худ чу дарахти мевадор аст.

Кӯшед, ки дар самои олам
Монандаи офтоб бошед,
То бар сари наслҳои одам
Аз фазлу камол нур пошед!

Дарвозаи илму ҷаҳду кӯшиш
Бар рӯи шумо кушодатар бод!
Аз табъи шумо зуҳури дониш
Бар рӯи Ватан зиёдтар бод!

*31 августи с. 1940*

## ТАБРИКИ СОЛИ НАВ

I

Дар хоки бепоёни мо,
Шаҳру деҳу майдони мо,
Имрӯз дар ҳар хонадон
Бобои Барфин меҳмон.
Вай чеҳрахандон, сап-сафед,
Чун бахти авлоди совет;
Пир асту аммо дилҷавон,
Хушчақчаку ширинзабон.
Бобо ба ҳар хона равад,
Он хона хуррам мешавад.
Аз соли нав — соли зафар
Ӯ мерасонад хушхабар:
— Авлоди хушбахти Ватан,
Гулҳои хандони чаман,
Ин дам муборак соли нав,
Бахти наву иқболи нав!

II

Ин ёлка ҳам монанди мо
Сарсабзу хуррам доимо.
Имрӯз бор овардааст:
Себу анор овардааст,
Дар гирду пешаш шинетон,
Аз меваҳояш чинетон,
Аз байни шоху баргҳо
Милтасзанон тобад ба мо,

Равшан чароғакҳои он
Монандаи Ҳафтдодарон,
Эй, бачаҳо — духтар, писар!
Гирем дасти якдигар,
Хонему раққосӣ кунем,
Чун барраҳо бозӣ кунем,
Бобо ҳам аз шодии худ
Ҳамроҳамон хонад суруд:
— Авлоди хушбахти Ватан,
Гулҳои хандони чаман,
Бодо муборак соли нав,
Бахти наву иқболи нав!

III

Дар пешвози соли нав,
Чӯра, ба ман ҳамроҳ шав.
Имшаб ба меҳмонӣ биё,
Шинем пеши радио,
То аз Кремль орад хабар,
Аз қалъаи бахти башар:
— Авлоди хушбахти Ватан,
Гулҳои хандони чаман,
Бодо муборак соли нав,
Бахти наву иқболи нав!

*Декабри с. 1941*

## ВАТАНИ МО ШУД АЗ ДИГАР ОЗОД

Як саҳаргоҳи фасли тобистон,
Дар дами хоби роҳати бачагон,
Ҷанг сар карда зидди давлати мо
Дод Гитлер ба лашкараш фармон.
Вай фиристод зидди мо лашкар,
Лашкари бешумори ғоратгар.

Хост моро кунад ғулому асир,
Зада бар дасту поямон занҷир.
Ҳар касеро, ки тобеаш нашавад,
Ҳар касеро, ки зидди ӯ кӯшад,
Хост аз гарданаш ба дор кашад,
Тирборон кунад, кушад, сӯзад.

Хост Гитлер, ки мо гадо бошем,
Гушнаву хаста, бенаво бошем,
Рӯи шодӣ надида дар дуньё,
Ба ғаму ғусса мубтало бошем.
Немисӣ гапзанему як-умрӣ
Аз забони худӣ ҷудо бошем.

Хост душман, ки мо, пионерон,
Хор бошему зори парчаи нон,
На суруде ба дилхушӣ хонем,
На бубандем галстукҳомон;

На фароғат кунем дар лагерь,
На тамошо ба боғу кӯҳистон...

Лекин аз ҳар канори хоки Ватан
Хест халқи совет, чи марду чи зан.

Ҷумлаи миллати диёри азим
Гашта як ҷо чу як дилу як тан,
Дар замину дар осмон, дар об
Марг боронд бар сари душман.

Гитлеру нақшаҳош рафт ба бод,
Ватани мо шуд аз дигар озод.

*Январи с. 1946*

## БУНАФША

Миёни сабзаву себарга, дар лаби ҷӯбор,
Баромадааст бунафша — ба пешвози баҳор.

Бунафш рангашу баргаш нафис, поя —маҳин.
Сараш хам аст ба монанди одами шармин.

Биё, равему тамошо кунем, пичӣ чинем,
Қашем бӯи хушаш, ранги дилкашаш бинем!

## БАҲОР

Ханда кард офтобу шӯъла бирехт,
Абр гӯё ки қаҳр карду гурехт.
Об шуд барфи водию саҳро,
Мебарояд буғ аз замин ба ҳаво.

Мевазад, мерасад шамолаки нарм,
Аз ниҳолон гирифта бӯсаи гарм.
Ҳур-ҳури форами шамоли баҳор
Кард аз хоб хокро бедор.

Сӯи боғоти киштзор нигар,
Зиндагешон гирифт ранги дигар:
Ҳар чӣ ором буд — ба ҷӯш омад,
Ҳар чӣ хомӯш — дар хурӯш омад.
Ҳама дар киштукор мекӯшад,
Ҳама ҷо — кор,
Кор меҷӯшад!

*Марти с. 1948*

## ЛАШКАРИ СОВЕТӢ

Падарон мекунанд меҳнату кор,
Модарон — рӯзу шаб ба мо ғамхор.
То ки беофате калон бишавем,
Хонда боақлу кордон бишавем.
Раҳ надода ба ҳеҷ як душман,
Мекунад посбонии туву ман —

Қаҳрамон Лашкари Советии мо,
Дар ҳама кишвари советии мо!

Дар ҳаво дорад беадад самолёт,
Дар замин — танку тӯп, ҳам пулемёт
Киштию кемаҳои ҷангии он
Занад аз об оташи сӯзон.
Мухтасар, дар замину обу ҳаво
Нагузорад раҳе ба душманҳо

Қаҳрамон Лашкари Советии мо,
Ғолиби кишвари советии мо!

*Феврали с. 1948*

## БАРРАЧАИ МАН

О, баррачеки масти ман,
Биё давон: дукур-дукур.
Ҷаву алаф ба дасти ман,
Биёву хӯр: кумур-кумур.
Наой, медиҳам ба гов,
Ки мехӯрад: фашур-фушур.
Агар ба об ташнаӣ,
Ба ҷӯй дав: тапар-тупур.
Шикамчаат, ки сер шуд,
Ба ракс о: гусур-гусур.
Ба кишту гул даҳан занӣ,
Бузак барин шатар-шутур,
Шунида мон, ки мезанам,
Ба химчаҳо: тасар-тусур.

*Маи с. 1948*

## КИТОБ МЕХОНЕМ!

Мешавем ошно-
Салом, китоб!
Маслиҳатчии мо ту дар ҳар боб.
Дар ҷаҳон бошад он чӣ илму ҳунар,
Ҳамаашро гирифтаӣ дар бар.
Мо туро субҳу шом мехонем,
То ки ҳар илму ҳар ҳунар донем.
Баъд аз ин мисли ҷӯраи ҷонӣ,
Ҳеҷ аз мо ҷудо намемонӣ!

## ФАСЛИ ХУШУ ИДИ ХУШ

*(Суруди баҳорӣ)*

Мавсими сармо гузашт,
Фасли баҳорон расид,
Боди мулоим вазид,
Сабзаи нармак дамид.

Лола баромад ба кӯҳ
Сурх чу байрақчаҳо,
Рафта тамошо кунем,
Сайркунон, баччаҳо!

Дар дараю даштҳо
Баррачаҳо мечаранд,
Дар чаману боғҳо
Булбулакон мепаранд.

Нукра барин оби соф
Гашт ба ҷӯҳо равон —
Ҷониби ҳар киштзор
Мавҷзанон, дав-давон.

Пахтаи нав сабз шуд,
Хуррам аз он пахтазор,
Гашта ниҳолаш дубарг,
Шод дили пахтакор.

Дар чунин айёми нағз
Иди Якӯми Май аст!

Фасли хушу иди хуш —
Шодии пай дар пай аст.

Мо ба намоиш равем,
Хонда суруди зафар:
«Якӯми Май зинда бод,
Ид ба ҳар ранҷбар!»

*Апрели с. 1948*

## ТРАКТОР ОМАД

Шамоли навбаҳор омад,
Ба колхоз вақти кор омад
Ана, омад трактор ҳам,
Тракторчӣ-амак хуррам,
Суруди шӯх мехонад,
Замини кишт меронад.
Трактор роҳати ҷон аст,
Ба вай ҳар кор осон аст.

Амакҷони тракторчӣ,
Маро ҳамроҳ гирӣ-чӣ?
Пичӣ дар пеши руль шинам,
Ту гардонию ман бинам.
Шавам ман дастьёри ту,
Диҳам ёрӣ ба кори ту.

## ШОГИРДИ ЛЕНИН МЕШАВЕМ!

*(Тарона)*

Мо насли хушбахти замон,
Фарзанди халқи қаҳрамон,
Бо байрақи Ленин мудом
Ҳастем озоду амон.
Доно шуда бо илму фан
Дар хизмати халқу Ватан
Бо роҳи Ленин меравем,
Шогирди Ленин мешавем!

* * *

Ояндаи рахшони мо
Тобанда бар чашмони мо,
Хоҳад, ки ҳар касбу ҳунар
Донад дили ҷӯшони мо.
Соҳиб шуда бар илму фан,
Дар хизмати халқу Ватан
Бо роҳи Ленин меравем,
Шогирди Ленин мешавем!

*Соли 1948*



*А. Деҳотӣ дар пленуми Иттифоқи*



*Нависандагони Тоҷикистон, соли 1948*

## БИНОКОРӢ

Он ҷо ки кӯл, ботлоқ буд,
Он ҷо ки дашти қоқ буд,

Акнун ҳама обод шуд,
Фабрикаю завод шуд.

Он майдон ҳам, ки ҳолӣ
Ҷои хушк асту холӣ,

Пур аз бино мешавад,
Клуб, кино мешавад.

Дар шаҳру деҳ, дар кӯҳсор
Тоза-тоза, бешумор —

Иморатҳо месозем,
Бисьёр зебо месозем.

*Соли 1949*

## ФИРӮЗАҶОН ХОБИДААСТ

*(Ғамхории модар)*

Мошони шӯхи беқарор,
Бас частухезу дор-дор!
Акнун ту ҳам ором шав,
«Мав-мав» нагӯ бисьёр, рав:
Фирӯзаҷон хобидааст!

Хайбар, саги ҳушьёри ман,
Ин хел баланд аккас назан!
Рав, давр зан атрофро,
Ғавғо накун дар пеши мо:
Фирӯзаҷон хобидааст!

Ту ҳам, шамоли сахту зӯр,
Рав бар биёбонҳои дур,
Аз ҷои беодам гузар,
Ғуррас назан дар пушти дар:
Фирӯзаҷон хобидааст!

*Соли 1952*

## ТЕЗГӮЯК

1

Содиқ шодӣ кард
Соҳиб шӯхӣ.

2

Шаст сада шинондем,
Сӣ шафтолу.

3

Шохи сада серсоя.

## ПОСБОНИ САРҲАД

*(Мазмун аз русӣ)*

Ҳушьёр асту зирак аст
Дар ҳар вақту дар ҳар он,
Гирифта милтиқ дар даст,
Истодааст посбон.
Бо ҷону дил мебошад,
СССР-ро нигаҳбон,
Ҷангиданро нахоҳем
Ҳаргиз мо, пиру ҷавон.
Аммо дар ҳифзи Ватан
Якдил ҳастему якҷон.
Рӯ орад душман агар,
Аз мо наёбад амон!

## ПЕШВОЗГИРӢ ДАР ВОКЗАЛ

Имрӯз дар вокзал будем,
Як камтарак маътал шудем,
Поезд омад дав-давон,
Фашшасзанон, ҳуштаккашон.
Дидам вагонҳои катор,
Мардум дар онҳо — бешумор.
Поезд истодан замон
Пеш аз дигарҳо аз вагон
По монд дар берун дадом.
Ман дидаму гуфтам: «Салом!»
Сонӣ дадому модарам,
Ҳам ман ва Зебо-хоҳарам
Гашта ба мошина савор,
Рафтем ба хона ҳар чаҳор,
Аз Москва омад дадом,
Таҳсили худ карда тамом,
Бисьёр аҷиб бозичаҳо
Овард аз он ҷо ба мо.

* * *

Ман ҳам калонтар, ки шудам,
То Москва рафта, худам,
Бисьёр тамошо мекунам,
Ҳар гуна савғо мехарам...

*Соли 1948*

## КОРВОНИ АҶОИБ

I. Савол:

Меравад корвон қатор-қатор,
Хурд-хурд асту беадад бисьёр.

Мекашад ҳар кучо, ки хоҳад рох:
Дар замин, бар дарахт, дар таги чоҳ,

Мекашад роҳ бар сари кӯҳсор,
Меравад рост бар дару девор.

Субҳ то шом мекашонад бор,
Шаб ки шуд, мекунад ба хона қарор.

Чист ин корвон, ки нест дар он
На шутур, на аробаву на вагон?

Чист ин корвони ҳарҷогард,
Ки ба роҳаш на чанг ҳасту на гард?

II. Ҷавоб:

Ҳаст ин корвони мӯрчаҳо,
Ки ба чаққонианд дар равуо.

Ба ҷуз инҳо зи олами ҳашарот,
Чист бо интизом дар ҳаракот

Ҷасади хурду ин қадар ғайрат
Ҳамаро кардааст дар ҳайрат.

— Борашон чист?
Ҳар чӣ: ғаллаву дон,
Резаи қанду гӯшт, резаи нон...

Аз баҳор аст то ба вақти хазон
Қори ҳар мӯрча: кашон-кашон.

Дар зимистон ба хона ҷой шавад,
То баҳори дигар ба хоб равад.

*Июли с. 1948*

## МОДАРИ МЕҲРУБОНИ МАН

*(Тарона)*

1

Ҳар саҳарӣ чу офтоб,
Аз ҳама пештар зи хоб
Чашм кушода сӯи ман,
Мекунад инчунин хитоб:
«Рӯз шудаст, Азизҷон,
Хез, зи мактабат намон!»
Бо дили шоди пур-умед
Мекунадам ба раҳ равон

Модари меҳрубони ман!
Роҳати ҷисму ҷони ман!

2

Тоза либос дар барам,
Дилкашу гарм бистарам.
Соф мисоли оина
Беғаму ғусса хотирам.
Меҳру навозишат чӣ хуш!
Хандаю хоҳишат чӣ хуш!
Гар, ки ягон хато кунам,
Ранҷишу коҳишат чӣ хуш!

Модари меҳрубони ман!
Роҳати ҷисму ҷони ман!

Чун пионери пешрав —
Насли нави ҷаҳони нав,
Аз дили поки ленинӣ
Қавли вафо диҳам, шунав:
Ҳар нафаси ҳаёти ман
Холӣ мабод аз илму фан!
То ки шавӣ ту сарбаланд,
То ки шавад ризо Ватан —

Модари меҳрубони ман!
Қуввати ҷисму ҷони ман!

*Апрели с. 1955*

## ЧИСТОНҲО

Аҷаб як шиша, ки дорад ду ранг об,
Надорад вай ба гармию хунук тоб:
Кунад ях ҳам зи сармои зимистон,
Ҳам аз гармии оташҳои сӯзон.

*(Тухми мурғ)*

* * *

Миёни «а» ва «р» се ҳарфи дигар
Бимонӣ, меҳӯрӣ ду меваи тар.

*(Ангур ва анҷир)*

* * *

Ҳаст як паҳлавони ғулғуланок,
Оҳанинҷисму оҳанинпӯшок,
Асп нею ба тохтан чаққон,
Гов нею замин меронад,
Чист номаш?
Канӣ, кӣ медонад?

*(Трактор)*

* * *

Аспе дорам беозор,
Хушсурату хушрафтор,
Монда намешавад ҳеч,
Доим ба гаштан тайёр,
Хӯрокаш обу бензин,
Поҳош бошанд аз резин.

*(Автомобиль)*

## РАҲМАТ БА САРҲАДЧӢ-АКО!

Сутуни раҳ-раҳе. Бар лавҳаи рӯш
Навишта: «СССР». Ин сарҳади мо!
Шабу рӯз аст сарҳадчӣ ба паҳлӯш,
Наметарсад вай аз сармову гармо.

Шаби торику сард. Оғӯши кӯҳсор,
Табиат чим. Ҳама дар хоби ором,
Фақат сарҳадчию дарьёст бедор,
Якӯмин — дам, дуйӯм — бесаранҷом...

Шаби гармои тобистон. Сарҳад,
Ниҳоят гарму дим мағзи қамишзор.
Ҷаҳон аз хоби ширин аст сармаст,
Фақат сарҳадчию «Қазбек» бедор.

Ба ҳар ҷое, ки сарҳадчӣ нишинад,
Сагаш «Қазбек» ҳам он ҷост ҳамроҳ.
Агар вайрон кунад қонуни сарҳад,
Халосӣ нест душманро аз инҳо!

Дар ин айём иди аскарон аст,
Ба онҳо аз касони дуру наздик.
Салому раҳмату савғо равон аст,
Ватан ҳам мекунад ин ид табрик.

Биё, ҷӯра ду кас як хат нависем:
«Барои посбонӣ, қаҳрамонӣ
Ба ҳифзи кишвари сулҳу амонӣ
Ба сарҳадчӣ-ако раҳмат!» нависем.

*Феврали с. 1961*

# ШЕЪРҲОИ ҲАҶВӢ БАРОИ БАЧАГОН

## ТАЛАБА Ё РАНГУБОРЧӢ?

Ранг кардӣ даҳону бинии худ,
Дасту рӯ, кисаю барат рангин.

Мухтасар, пой то сарат рангин:
Зарду сабзу бунафшу сурху кабуд.

Портфелат ба кифтат овезон,
Медавию сиёҳиат резон.

Ҳар китобат ало-було аз ранг.
Дафтарат низ рӯсиёҳ аз ранг.

Гӯй, чӯра, худат киию чиӣ?..
Талаба ё ки ранггуборчиӣ?..

*Соли 1948*

## ҲУШАШ ДАР КИМ-КУЧОҲО...

Даҳонаш во мисоли чашмҳояш,
Надорад пахта ҳам дар мағзи ду гӯш
Ба дидан қобилак, дар синф хомӯш,
Вале аз дарс доим «2» баҳояш.
Чаро?
Чунки худаш дар синфу аммо
Ҳушаш пар мезанад дар ким-кучоҳо...

*Соли 1952*

## ҲАСАНИ ХӮРҶИНКИСА

Ҳасан дорад ду киса мисли хӯрҷин,
Дар он ду палла хӯрҷин ҳаст ҳар чиз:
Қалиду меху симу тахтача, низ
Буҷул, ғалтак, калова, чарм, резин...
Вале як чизи даркорӣ дар он нест,
Касе донад агар, гӯяд, ки он чист?

**Хорпуштак:**

Ба фикри ман, дар он хӯрҷини пурбор
(На хӯрҷин, балки ду дӯлоб анбор),
Миёни ранг бар ранг он ҳама «мол»
Ҳасан бо худ надорад даструмол.
Бинобар ин, агар вайро бубинӣ —
Ҳамеша остинаш пеши бинӣ...

*Соли 1952*

## ҶОН ШИРИН Ё ВЕЛОСИПЕД?

Ба автобус часпида
Велосипед медавонд,
— «Эҳ, кайфу роҳат ин-да!»
Гӯён хандида мемонд.

Рӯзе вақти чунин «кайф»
Аҳмад парида афтод.
(Бинии ӯ пачақ шуд,
Велосипед маҷақ шуд...)
Сар хуншору мезад дод:
«Велосипедам шуд ҳайф!»

Велосипед ҳеҷ гап не,
Аз ҳама қимат — одам,
Ин хел кайфи бемаънӣ
Дорад хатар бар ҷон ҳам!

*Соли 1952.*

## БА ТАҚЛИДЧИИ МАЙМУН

Аз дарси физкультура
«Қасал» гӯён халосӣ,
Лекин дар кӯчаю раҳ
Ту чун бузак — ҳаллосӣ.

Дар боғ агар по монӣ,
Ту аз бузак ҳам афзун,
Аз шох ба шох парронӣ —
Тақлидчӣ ба маймун.

Гуфтам накун, нашнидӣ,
Охир чӣ шуд?
Худ дидӣ...

*Соли 1952*

## МУРҒАКИ ШИЛШИЛЛАПО

*(Тарона барои бачагони синни томактабӣ)*

I

Мурғаки шилшиллапо,
Эҳ, ту чӣ хел хушнамо!
Тохта куҷо меравӣ,
Ҷӯҷаякот аз қафо?
«Чу-чу»-кунон медаванд,
Гушна магар ҷӯҷаҳо?
Арзану курмак диҳам,
Биё, биё, пеши мо!

Ту-ту-ту-ту, биҳ, биҳ, биҳ!
Чу-чу-чу-чу, биҳ, биҳ, биҳ!

II

Ҷӯҷаҳои хурдакак,
Хурданду тезгардакак.
Куртаҳотон сап-сафед,
Нӯлчаҳотон зардакак,
Почаҳотон топ-тоза,
Белою бегардакак
Дона хӯреду шавед
Фарбеҳу бедардакак.

Ту-ту-ту-ту, биҳ, биҳ, биҳ!
Чу-чу-чу-чу, биҳ, биҳ, биҳ!

*17 декабри с. 1956*

# ТАРҶИМАҲО

*Ҷ. Г. БАЙРОН*

## ТУ РОҲИ ҲАЁТРО ТАЙ КАРДӢ*

Кардӣ раҳи ҳаёт тай, эй қаҳрамон, тамом,
Акнун ба даҳр мешавад овозаат аён —
Ҳам дар сурудҳои муқаддас ватан мудом
Хоҳад шуд он бузургию номи ту ҷовидон,
Он мардият, ки ин ватан озод кардааст!

То он замон ки халқи ту зиндаст дар ҷаҳон.
Вай оҷиз аст аз он, ки фаромӯш кунад туро!
Қурбон шудию лек бишуд хуни ту равон
На дар замин, балки ба рагҳои хуни мо.
Бояд, ки қаҳрамонии ту корҳо кунад —
Бар қалби мо шуҷоати пурзӯр ҷо кунад!

Гар номи ту барем ба ҳар ҷангу ҳар набард,
Хоҳад фитод ларза ба аъзои душманон!
Хоҳанд ёди марги далеронаи ту кард
Дар хонишу таронаи худ духтаронамон.
Аммо зи чашми мо наравад ашк, чунки он
Таҳқир кардан аст ба ёди диловарон.

*(Тарҷима аз русӣ).*

---

* Ин шеър, ки аз цикли шеърҳои «Ҳавоҳои яҳудӣ» мебошад, ба ягон шахси маълум бахшида нашудааст ва ба ҳар қаҳрамони дар роҳи озодии ватан қурбон шудагӣ дахлдор аст.

*И. А. КРЫЛОВ*

## БАРГҲО ВА РЕШАҲО

Рӯзе аз рӯзҳои тобистон,
Баргҳо руи дашт соякунон,
Бо садои мулоиму форам
Ба насими сабо шуда ҳамдам,
Сабзию хуррамӣ аён карданд,
Васфи худро чунин баён карданд,
Ки: «Магар нест ин ҳақиқату рост,
Ки ҳама ҳусни дашт — ҳастии мост?
Дорад аз мо дарахт ин зинат,
Ин шукӯҳу салобату азамат
Мо набошем, вай чӣ мешуд?
Ҳо,—
Пас, дуруст аст худситоии мо,
Мо магар он наем ин, ки паноҳ
Медиҳем аз ҳарорату гармо
Ҳам ба чӯпону ҳам мусофири роҳ?
Мо магар на чунон фусункорем,
Ки ба ин ҳусну сурати зебо
Подабондухтарон ба ракс орем?
Булбулон мекунанд шому саҳар
Пеши мо нағмаҳои ҷонпарвар;
Худи ту низ, эй насими сабо,
Натавонӣ ҷудо шудан аз мо!»
Ногаҳон як садо зи тахти замин
Бо ҳалимӣ ҷавоб дод чунин:

— «Мо ҳам он қадр хизмате дорем,
Ки ба таҳсини кас сазоворем».
Баргҳо оташин аз ин гуфтор —
Гашта гуфтанд:
«Кист ин беор?
Ин чӣ бешармӣ?
Кистед шумо?
Аз чӣ густох гаштаед ба мо?
«Мо ҳамонем» —
гуфта он овоз
Дод бар баргҳо ҷавобе боз,
Ки: «Ба заҳмат зи тахти тираи хок
Мерасонем баҳратон хӯрок.
Решаҳои дарахт мо;
Аз мост —
Дар шумо ин қадар, ки нашъунамост.
Худнамоӣ кунед, пас, ин дам,
Лек донед фарқи моро ҳам,
Ки ба ҳар як баҳор аз дигар
Мерасад баргҳои нав,
аммо
Решаҳо хушку шах шаванд агар,—
На дарахте бимонаду на шумо».

## САЪВА ВА КАФТАР

Шуд Саъвае ба ҳалқаи доми бало асир,
Бечора метапид ҳаросону парзанон,
Вайро намуда масхара як Кафтари ҷавон
Мегуфт: «Айб нест магар ин, ки дастгир
Гаштӣ ба рӯзи равшан,
Эй кӯри беҳаё!
Ҳаргиз фирефтан натавонад касе маро,
Ман зомини ҳамин суханам бо ҳама асос».
Инро бигуфту Кафтари беғам ба як нафас
Худ ҳам ба дом гашт гирифтор,
Ана халос!
Дигар наханд, Кафтари зебо, ба ҳоли кас!

## ХУРӮС ВА ДУРДОНА

Ҳурӯсе аз даруни поруву хок
Яке дурдона пайдо карду гуфто:

Чӣ лозим аз барои аҳли дуньё
Чунин беҳуда як чизи ҷилонок?

Азизаш кардан оё аҳмақӣ не?
Ба ман як дона ҷав — сад бор аз ин беҳ,

Ки ҷав, гарчанд чун дур нест рахшон,
Хӯроки серӣ асту қуввати ҷон.

Ҳамеша ҳукми ҷоҳилҳо чунин асту чунин будаст,
Ки ҳар як чизи нофаҳмидагешон — пучу беҳудаст.

## БИЕБОНӢ ВА ХИРС

Кори хубе — дар зарурат хизмати кас кардан аст,
Лек на ҳар кас тавонад хизмат овардан ба ҷо.
Ҳар киро аз сӯҳбати аҳмақ нигаҳ дорад худо!
Аҳмақи хизматкунанда бадтар аз ҳар душман аст!

Як замон дар як канори дурдаст
Зиндагонӣ дошт марде якка-бехешу табор;
Гарчи таърифи ҳаёти ҳар биёбон бешумор,
Лек танҳо зиндагӣ кардан на кори ҳар кас аст,
Чунки дар шодию ғам бо мардумон будан наку
Пеши ман васфи биёбон мекунанд:
Эҳ, чӣ зебо марғзораш, бешаҳои хушнамош?
Сабзаҳои мисли бахмал, ҷӯйҳову теппаҳош?
— «Ин ҳама хуб асту хуш — бегуфтугӯ.
Лек аз беҳамдамӣ кас меравад дар ғам фурӯ.
Инак он марди Биёбонӣ чунин
Шуд зи танҳоеш дилгиру ҳазин.
Аз паи ҳамсояҷӯӣ рафт сӯи бешазор,
То ки гардад бо ягон кас ошно.
Ғайри гургу хирсҳо дар бешаҳо
Одамӣ дигар ба кӣ ояд дучор?
Дар ҳақиқат ҳам Биёбонӣ ба як Хирси калон
Шуд дучору нонлоч аз сар гирифта телпакаш,
Кард таъзиме ба он ҳамсояи бас меҳрубон,
Дод ҳамсоя ба дасташ панҷаи пурпашмакаш,
Ҳар ду гап-гап карда гаштанд ошно бо яклигар,

Баъд бо ҳам ҷӯраҳои ҷон шуданд,
Баъд ҳеҷ аз ҳам ҷудо натвон шуданд,
Мухтасар гаштанд ҳар ду ҳамдами шому саҳар
Гуфтугӯҳошон чӣ буду аз кӣ буд,
Ё матал гуфтанд ё ҳазле, магар,
Ҳам чӣ сон мерафт сӯҳбатшон,—
дигар
Ин ҷиҳатҳо ҳеҷ маълумам нашуд.
Дар Биёбонӣ набуд шавқе ба гап,
Мишка* бошад,— аз азал хомӯшу хап;
Пас, нашуд аз сирри онҳо ҳеҷ шахсе бохабар
Бо вуҷуди ин Биёбонӣ ба ғоят буд шод,
Ки худо бар вай чунин як дӯст дод.
Ҳар куҷо бо Мишка буду бе вай ороме надошт,
Дар забонаш ғайри номи Мишкаҷон номе надошт.

* * *

Дӯстон карданд рӯзе сайру гаште ихтиёр
Айни гармӣ дар дарахтистону андар марғзор,
Ҳам ба водиҳову ҳам бар кӯҳсор.
Одамӣ, азбаски аз ҳар хирс камқувваттар аст,
Он Биёбонии мо аз Мишкаи худ пештар
Монда гашту суст гашташ пову даст,
Пас, ақиб мондан гирифт аз дӯст ҳар дам бештар,
Мишка ҳоли дӯст диду гуфт дилсӯзикунон:
«Додарам, биншину ороме биёб,
Ҳар қадар хоҳад дилат, ёзида хоб,
Ман шавам наздат дар ин ҳангоми роҳат посбон!
Гапдаро буд он Биёбонӣ, ба вай чизе нагуфт,
Дар ҳамон соат биёзиду бихуфт,
Лек Мишка посбоне буд, он ҷо — серкор,
Чунки дид ӯ; як магас биншаст бар бинии дӯст,
Вай ба рӯи дӯст даст афшонд,
Аммо он магас
Хест аз бинию бар пешонияш биншаст пас,
Мишка даст афшонду вайро боз ронд,
Он магас бо якравӣ, ки одати бетарки ӯст,

---

* Дар афсонаҳои русӣ хирсро ба тариқи навозиш Мишка (аз Миша) меноманд. *(Тарҷимон)*.

Хест бар бинии ёри Мишка биншаст аз дигар,
Шиштухезаш ин чунин соат ба соат шуд батар.
Мишка ҳарфе нагуфту ногаҳон
Дар миёни панҷаҳо бигрифт як санги калон,
Бар сари ду по нишаста даммакак,
Дар дили худ гуфт: «Андак сабр кун ту, тирмизак!»
Вай бадиққат поида истод, пас,
То ки бар пешонии он дӯсташ шинад магас.
Баъд бо зӯри тамом он сангро бар фарқи дӯст
Ончунон зад, ки сарашро бар замин яксон кунонд,
Ҷӯраҷони Мишка он ҷо солхо хобида монд.

## ГУРГ ВА ТУРНА

Гуршначашмиҳои гургон ҳаст бар ҳар кас аён:
Гург дар вақти хӯрокаш доимо
Гӯштҳоро мехӯрад бо устухон,
З-ин сабаб шуд яктаи онҳо гирифтори бало,
Яъне як Гург устухон хӯрда қариб ҷон канда буд;
На маҷоли оҳу воҳаш буд, на лаб мекард боз,
Андаке монд ин, ки бо он ғам кунад поҳо дароз.
Иттифоқо, Турнае дар он қарибӣ дида шуд,
Гург вайро бо ишорат алда карда ҷеғ зад,
То наҷоташ бахшад аз ин дарди бад.
Турна ҳам нӯли дарозашро ба кому ҳалқи Гург
То таги гардан фурӯ бурду ба сад ранҷи бузург
Устухонро карда берун, хост ҳаққи хизматаш.
— «Ҳаққи хизмат? Ҳазлбозӣ мекунӣ бо ман
магар?» —
Дӯғ зад даррандаи маккор бо ин даҳшаташ,—
Бас набуд оё, ки ин нӯлу сари нозеби худ
Аз гулӯи ман раҳондӣ безиёну безарар?
«Зинда мондӣ — шукр кун, ҷӯра, бирав!
Баъд аз ин хушьёр шав, дар чашми ман пайдо нашав!»

## ДЕҲҚОН ВА МОР

Яке Море сӯи Деҳқон ҳазида омаду гуфто:
«Биё, ҳамсоя! Бо ҳам дӯстона зиндагӣ созем,
Набояд баъд аз ин ту аз ману ман аз ту бигрезем,
Худат дидӣ: дигаргун гаштаам акнун зи сар то по,
Ҳамин фасли баҳор ин пӯстам ҳам нав шуду дигар».
Вале Деҳқон накард ин гуфтаҳои морро бовар.
        Табар бар каф гирифта марди Деҳқон
Бигуфто: «Пӯстат гарчи дигар шуд,
        Дилат ҳаст ончунон, ки пеш аз ин буд».
Чунон зад пас, ки шуд ҳамсоя беҷон!

Агар як гум кунӣ дар назди мардум эътимоди худ,
Дигар ҳар дам ба ҳар ранге дароӣ ҳам — надорад суд,
        Аз ин корат халосӣ нест, зинҳор,
        Шавад қисмат туро ҳам қисмати Мор.

## ДАРАХТЗОР ВА ОТАШ

Дӯстатро хубтар санҷида, сонӣ дӯст шав;
Гар ғараз рӯ дар ниқоби дӯстӣ пинҳон кунад,
Вай ба роҳат бегумон чоҳи ҳалокат меканад.
То ки равшантар бифаҳмӣ ин ҳақиқатро зи нав,
Гӯши ҳушат деҳ, бародар, ин масал аз ман шунав

Рӯзе зи рӯзҳои зимистони қаҳратун
Метофт Оташе ба таги як Дарахтзор
(Пас, монда буд, зи раҳгузарон вай, аз афти кор);
То рафт паст мешуду хомӯштар кунун,
Ҳезум намонд дигару Оташ қариб мурд,
Маргаш бидиду рӯ ба дарахтони беша бурд,
Гуфт: «Эй Дарахтзори азизам, бигӯ ба ман:
Бахтат чаро бад асту сиёҳ аст ин қадар?
Луч мондаӣ, надорӣ чаро ҳеҷ баргу бар?
Ях мекунӣ дар ин хунукӣ бо чунин бадан!»
— «Аз баҳри он, ки,— гуфт ба Оташ Дарахтзор,—
Дар зери барф монда зимистон, то баҳор
— «Беҳуда гап!» — гуфт ба вай Оташ аз дигар
Дар гап давом карда,— «Биё баъд аз ин ба ман
Шав дӯст, то ки ёр шавам, ёриат диҳам!
Додар ба офтобаму дар мавсими хунук
Кам нест ҳеҷ мӯъҷизаву қудратам аз ӯ;
Таърифи Оташ аз ҳама гулхонаҳо биҷӯ,
К-он ҷо ба рӯзҳои зимистони сахт ҳам
Бишкуфта мепазанд гулу мева дам ба дам,

Таҳсинкунон барои чунин кору қудратам,
Гарчанд васфи худ накунам пеши дигарон,
Таърифи хеш дӯст надорам зи ҳеҷ боб,
Аммо наям ба зӯрии худ кам зи офтоб,
Вай гарчи нурпош ба ҳар гӯшаи ҷаҳон,
Лекин ба назди барф чунин аст нотавон!
Бингар ба ман, ки барф чӣ сон об мекунам?
Хоҳӣ, ки сабз гардӣ дар айёми сард ҳам
Онгуна, ки будӣ ту ба гармову навбаҳор,
Оташ гирифт ҷой ба худ аз Дарахтзор.
Инак, даргирифту ба як дам баланд шуд,
Месӯхт ҳар чӣ буд: чи навда, чи шохсор,
Печиду шуд фаворазанон то ба абр дуд.
Охир дарахтзор аз он Оташи шадид
Якбора сӯхт сар ба сару гашт нопадид.
Он ҷо ки буд ба раҳгузарон сояаш паноҳ,
Монданд кундаҳои бадансӯхта — сиёҳ.
Ин ҷо макун тааҷҷубу инро мадон зи бахт:
Охир чӣ гуна дӯст шаванд оташу дарахт?

*Н. А. НЕКРАСОВ*

# РОҲИ ОҲАН*

*(Ба бачагон бахшида мешавад)*

Ваня (дар либоси аробакашӣ)
Дада, ин роҳро кӣ сохтааст?
Падараш (дар танаш пальтои астарсурх)
Граф Петр Андреевич Клейнмихич, ҷонакам.

*(Гуфтугӯ дар вагон).*

I

Пуршаън тирамоҳ! Аҷаб дилкушо ҳаво,
Ҳар ҷисми хаста гирад аз он қувват аз дигар;
Яххои тозаву тунуки ҷӯю наҳрҳо
Монанди қанди ҳал шудаистода дар назар;

Нарм аст назди беша чу бистар, дар он фазо
Кас метавонад аз ҳама осуда хоб кард! —
Он ҷо ҳанӯз ношуда пажмурда баргҳо,
Хобида чун гилем, тару тозаанду зард.

Пуршаън тирамоҳ! Чӣ сон мавсими хушест:
Шабҳош сард, равшану ором рӯзҳо...
Чизе ба зебу ҳусни табиат хилоф нест,
Ботлоқу кунда низ базебанду хушнамо.

Дар зери шӯълаҳои дурахшони моҳтоб
Ҳар ҷо азиз Русь ба чашм аст ҷилвагар...
Бо рельси чӯянӣ ба сафар мекунам шитоб,
Дар баҳри фикрҳои худам гашта ғӯтавар...

II

Эй меҳрубонпадар, ба чӣ медорияш нигоҳ —
Бо сеҳру ҳила Ваняи ҳуш-ақлро чунин?
Рухсат бидеҳ ба ман, ки ба зери шуои моҳ
Бидҳам нишон ҳақиқати рупӯшро ба ин

* Ин шеър бо ҳамроҳии М. Турсунзода тарҷима карда шудааст.

Ин кор пур-азоб буду зӯр, Ванячон,—
Очиз буд аз адои чунин кор як нафар!
Шоҳест беадолату бераҳм дар чаҳон,
Номаш гуруснагию худаш ҳокими башар.

Сардори лашкар аст, аз ӯ киштиҳо равон,
Мардум аз ӯ ба ҳар тарафе тӯда мешавад,
Бофандагону сангтарошон асири он,
Дар киштукор ӯ паи омоч меравад.

Аз ӯ шудаст халқ равона ба ин сафар,
Дар пурхатар мубориза бисьёр мардумон
Аз баҳри зинда кардани ин дашти бесамар,
Ин чо ба дасти хеш бикананд гӯрашон.

Роҳест рост: танг бари хокрезаҳош,
Ҳай рельс ҳасту кӯпруку симчӯбҳо дар он,
Лек устухони рус ду паҳлӯш хӯрда пош...
Эҳ, онҳо чӣ қадр! Ту медонӣ, Ванячон?

Ногаҳ шунида гашт нидоҳои ваҳмбахш,
Покӯбию шақарраси дандон баланд, ҳон!
Яхбаста шишаҳои вагон соя кард пахш...
Он чой чист? Валвалаи зинда-мурдагон!

Он гоҳ, аз ду паҳлуи раҳ медаванду гоҳ
Бигзашта медаванд зи поезд пеш-пеш.
Оё ту ин суруд шунидӣ?.. «Ба зери моҳ
Бар мо хушаст дидани маҳсули ранчи хеш!

Аз гарму сард хаста шудему гиристем
Дар хонаҳои зери замин бо қади дуто,
Бо гушнагӣ мубориза бурдему зистем,
Гаштем заҳкашидаву бар цинга* мубтало.

Ғорат зи дасти золими саркорҳо шудем,
Сардор зад ҳамеша, фақирӣ фишор дод...
Тоқаткунандагони чунин зулмҳо будем,
Мо, бандагони ранчбару меҳнатинажод!

---

* **Цинга** — дардест, ки дар милкҳои дандон рӯй дода мумкин аст инсонро ба ҳалокат расонад.

Ёрон! Шумо зи меҳнати мо баҳра мебаред,
Пӯсидан аст қисмати мо лек зери хок...
Оё ҳанӯз некии мо ёд оваред,
Ё ки зи лавҳи хотиратон кардаед пок?..»

Ту аз суруди мудҳиши онҳо ҳаросу бим
Ҳаргиз макун, рафиқи ту ҳастанду мужиканд
Гардида ғун зи ҳар тарафи давлати азим,
Аз Окаву зи Волгаву Волхов омаданд.

Тарсида рӯйпӯшият айб асту написанд,
Охир ту хурд нестӣ!... Мебинӣ ошкор
Дар пеши ту белоруси мӯзарди қадбаланд
Ларзонситодааст, зи тabларза бемадор:

Лабҳош бехун асту шуда халта пилкҳош,
Дастони лоғараш пури захм асту хастааст,
Доим дар об буда, варам карда ҳарду пош,
Ифлос гашта мӯи сараш шӯра бастааст.

Бар сина пахш карда басе бели оҳанин
Умре намуд саъю чадал, пушт карда хам...
Диққат намой хуб ба ӯ, Ванячон, бубин:
Ӯ нони хеш ёфт ба сад ранҷи пур-алам!

Вай қомати хамидаи худро ҳанӯз ҳам
Боло накарда боз хамӯшонаву карахт
Бо бели дамшикастаи пурзанг дам ба дам
Беихтиёр мезанад ӯ он замини сахт!

Ин одати ба меҳнати бошаъну ифтихор
Мову ту ҳам, хуш аст, намоем касб агар...
Бар қадри ранҷи халқ рас, ӯро азиз дор,
Омӯз эҳтироми мужикони ранчбар.

Хавфе макаш зи қисмати ин кишвари азиз...
Дидаст халқи рус басе ранҷи пур-азоб
Тоқат ба ҳар машаққати ин роҳ карду низ —
Орад ба ҳар қазо, ки фиристад худой, тоб!

Бар ҳар чӣ сабр карда ба худ мекушояд он
Бо синаи фароху мусаффо раҳи наҷот.
Афсӯс, нестем на ту, на ман он замон —
Дар он замони хуррамию нозанин ҳаёт.

III

Дар ин дақиқа ҳуштаки зӯре шунида шуд,
Ғоиб шуд аз назар галаи зинда-мурдагон!
Ваня бигуфт ин, ки: «Падар, ман ба хоби худ
Дидам гурӯҳи панҷҳазории мужикон,

Қ-аз ирқу аз қабилаи руси азим буданд,
Пайдо шуданд ногоҳ— гуфт ӯ ба ман: Ана,
Онҳо бинокунандаи ин роҳи оҳананд!.. »
Чун ин сухан шунид,
Генерал шуд ба қаҳ-қаҳа!

— Дар Вотикон* будам ба қарибӣ, дар он сафар
Гаштам ду шаб ба сайри Қолизею** инчунин
Дидам ба шаҳри Вена азиз Стефан,***
магар —
Эҷод карда халқ, ба фикрат тамоми ин?

— Бахшед завқу хандаи густохии маро,
Аз мантиқ аст дур каме гуфтаҳоятон,
Ё ки Аполлон Белведерский**** пурбаҳо
Бадтар зи деги нокпазӣ шуд бароятон?

— Бинед халқатон тала-толон намуда он —
Он термҳо*****, ки мӯъҷизаи дасти санъат аст!

---

* Вотикон — Қасри папаи Рим.

** Қолизей — номи цирки калон дар Рими қадим.

*** Стефани муқаддас — номи ибодатхонаи Вена, ки ёдгори гаронбаҳои архитектураи асрҳои миёна мебошад.

**** Аполлон Белведерский — номи ҳайкали худои юнонӣ Аполлон, ки худои офтоб ва ҳомии санъат ҳисоб мешуд.

***** Термҳо — хонаҳои ҷамоатӣ дар Рими императорӣ, ки ҳаммомҳо, ҷойҳои сайру гашт, ҷойҳои тарбияи бадан, мусоҳиба ва ғайра доштанд.

— «Мегӯям ин сухан ба шумо не, ба Ваняҷон...»
Лек генерал ба зудӣ раҳи эътироз баст:

— Славянин, англо-саксону немисҳо
Эҷодгар наянд, бал онҳо харобкор,
Онҳо гурӯҳи ваҳшии бадмаст! «Беҳ, ки мо
Машғули Ваняҷон шавем, онро дигар гузор.

Донед, ки зи манзараи маргу ғуссаҳо
Дар қалби бачча ваҳм фикандан бувад гуноҳ.
Акнун беҳ аст ин, ба Ваня диҳед нишон
Як роҳи пур зи нур...»

IV

Нишон медиҳам ба ҷон

Бишнав азизи ман: ҳамаи заҳмати ашад
Охир шудасту — немис кунун рельс мекашад,
Гаштанд мурдагон ҳама дар зери хок ҷо,
Дар кулбаҳои хокии заҳ-дардмандҳо;

Хорида пушти гардани худ халқи мардикор...
Ҷамъ омаданд дар таги контора:
онҳо
Буданд ҳар кадом зи пудратчӣ * қарздор,
Мерафт ҳаққи меҳнаташон муфт бар ҳаво!

Саркор менавишт ба дафтар, ки коргар
Ҳаммомпулӣ гирифт ва ё хаста гуфта буд;
Пурсад, ки «мӯзди меҳнати ман соф шуд магар?»
Гирад ҷавоби талх, ки: «Рав, рав! тамом шуд...»

Аллофи мӯҳтарам, ба танаш чакмани кабуд —
Пудратчии кулӯлаву суп-сурх мис барин
Аз роҳи навкашида басавлат равона шуд,
То бигзаронад аз назараш роҳи оҳанин.

Бо эҳтиром халқ ба у роҳ медиҳад...
Аллоф пок карда араққҳои рӯшро

* Пудратчӣ — кӯтарагир, шахсе, ки чизеро кӯтара кирo мекунад, ё сохтмонеро кӯтара баҳо карда мегирад.

Паҳлу ба як тараф, гапи сарбаста мезанад:
«Бигзор, хӯш... офарин, эй марди корҳо...

Акнун паноҳатон ба худо, хонатон равед!
(Гиред вақти гап заданам шапкаҳо зи сар!) —
Як бочка пур вино бидиҳам шодмон шавед,
Ҳам қарзи боқимондаатон мекунам гузар!..»

Гуфто касе баланд «ура». Дигарон ба он
Гаштанд бардавому муҳиббона ҳамсадо...
Ғелонда бочкарову ғазалхон десятникон
Меомаданд, коргарон ҷумла аз қафо.

Халқ асп бар ароба қатӣ мекунад, ба ӯ —
Аллоф — бо садои «ура» мешавад равон.
Тасвири як намуди аз ин беҳтару накӯ
Мушкил будааст-а, генерал?..

## МАКТАББАЧА

— Қанӣ гард, охир, аз барои худо!
Осмон, кочзори пастак, рег —
Эҳ, чӣ дилгиру мушкил ин раҳи мо...
Шав савор охир, эй писарчаи нек!

Пойҳоят лучу танат чиркин,
Ҳамчунин пора-пора куртаи ту...
Ту макун шарм! Ҳеч гап не ин!
Раҳи некони бошараф раҳи ту.

Ман ба чилдат китоб мебинам,
Пас, ба хондан равонаӣ ин дам...
Падарат сарф кардааст ба ту
Он чӣ пул доштаст, фаҳмидам,

Тангаеро, ки ҳадья кард ба ту
Зани муншӣ,
Набуд аз худи он,
«Чойпулӣ» гуфта дода буд ба ӯ
Зани савдогаре гузаштаравон,

Ту яке з-он қарориён ё не,
Ки шудастанд, гӯиё озод?*
Ҳеч гап нест ин,
Ба роҳи мурод
Бош нотарс дарнамемонӣ!

* Қарориён — хизматгорони даргоҳи помещикҳо.

Зуд аз мактабат ту медонӣ,
Ки аз Архангельск деҳқоне
Шуд ба саъи худу ба ҳукми худо
Фозилу номдори бе ҳамто*

Нест холӣ зи раҳмдил дунъё,
Москва мебарад касе бо худ,
Ки ба дорулфунун бигирӣ ҷо —
Пас, бидон, хоби ту ҳақиқат шуд!

Ба ту он ҷо кушода роҳ калон
Шердил бошу кор кун ба ватан...
Ана, з-ин рӯст, эй Россияи ман,
Ишқи ту дар дилам чунин ҷӯшон.

Қобил аст он табиат, он иқлим,
Зинда он мулк, ки зи мардуми худ.
Бирасонад-биёварад ба вуҷуд
Инқадар одамони неку азим,—

Одамони наҷиб, ирода-сахт,—
Дӯстдорони сидқию абадӣ,
Байни як тӯда кундфаҳму карахт
Мардуми пуртакаббуру бодӣ!**

---

* Дар ин ҷо шоир М. В. Ломоносовро ба назар дорад, ки то Москва пиёдаю савора омада, таҳсили илм карда, олими ҷаҳоншумул гардидааст.

** Ин шеър бо ҳамроҳии Қосим Осимӣ тарҷима карда шудааст.

*Т. Г. ШЕВЧЕНКО*

## ХАЙР, ЭЙ ҚӮСАРАЛ!*

Бодбон шуд кушодаю боло,
Ҷаста аз рӯи мавҷҳои кабуд,
Аз қамишзорҳои Сирдарьё
Баргузаштанд бо қаикчаи худ.
Хайр, эй Қӯсарал — ғариб диёр,
Солҳо ту ба ман шудӣ сирдон,
Аз ғами лаънатӣ шудам афгор.
Раҳмат, эй дӯст! Меравам, хуш мон!
Бин, ки мардум шуд аз ту ҳам воқиф,
Ким-чиҳо мекунад ба ҳаққи ту ҳам.
Хайр, эй дӯст, мекунам таъриф,
Ман ба таҳқири ту наомадаам,
Меравам худ ба мулкҳои дигар,
Ҳасрати кӯҳнаам рафиқи сафар.

* Т. Г. Шевченко дар соли 1847 аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ ба Қӯсарал ном ҷои Қазоқистон бадарға карда мешавад. Вай дар рӯзҳои бадарғагиаш дар биёбонҳои Осиёи Миёна бисьёр шеърҳои сӯзу гудознок менависад. Яке аз онҳо шеъри дар боло дарҷ шудагӣ аст, ки ҳангоми аз Қӯсарал ба ҷои дигар фиристода шуданаш навиштааст.

*МУҚИМӢ*

## ЭЙ ПАРӢ!

Ақлу ҳушам бурдӣ аз сар, эй парӣ, девона ман!
Як илоҷе кун, нагардам байни халқ афсона ман!

З-он даме, ки дур аз васлат шудам, то ин замон,
Ҳамдами ёди тую аз хобухӯр бегона ман.

Тоқати заҳри фироқат нест дигар лаҳзае,
Қош, нӯшам аз маи васлат яке паймона ман!

Дарду сӯзу оҳу ашкамро қиёс аз шамъ кун,
Дар ғамат шаб то саҳар сӯзанда бо парвона ман!

Бо сиёҳии ду чашму хомаи мижгони худ
Рози дил бинвиштамат маъюсу муштоқона ман.

Мисли захми морхӯрда метапам бо печутоб,
Сабру ороме надорам бе рухат, ҷонона, ман!

Соқиё, пурмай намо аз лутфи худ ҷоми маям,
То кунам дар ҳар қадам сад лағжиши мастона ман.

Гар зи Ҳинду Марв оям, обрӯ меёфтам,
Айбам ин аст, эй Муқимӣ, мардуми Фарғона ман!

*С. МАРШАҚ*

## ДУ ЧАРОҒ

*Чароғи карасинӣ ба электрикӣ гуфт:*

Ман хеле сода ҳастам,
Хубу озода ҳастам.
Аз як дона гӯгирдчӯб
Дармегирам зуду хуб.
Лекин шумо нозукро.
Даргирондан мумкин нест.
Шумо, худ чароғ нестед.
Балки фиребгар ҳастед.

*Чароғи электрикӣ ба чароғи карасинӣ ҷавоб дод:*

Шумо бисьёр тарсончак,
Аз ҳар шамол ларзончак.
Шишатон аз дуд тира
Рӯшноетон ҳам хира.
Ман, ки ин хел тобонам,
Хеши барқи рахшонам:
Бе карасин месӯзам,
Дар равшанӣ чун рӯзам,
Станцияам доим
Ток мефиристад бо сим
Ҳар кас калидам тобад,
Хуб рӯшноӣ меёбад.

*С. МИХАЛКОВ.*

## ФИЛИ СУРАТКАШ

Фили сураткаш яке сурат кашиду пеш аз он,
Ки намояд лавҳаашро то намоишгаҳ равон,
Чанд тан аз дӯстонашро ба дидан ҷеғ зад,
То бигӯянд ин, ки сурат хуб омад ё ки бад?
Каллаи сураткаши мо банд буд бо фикри он,
Ки чиҳо мегуфта бошад он гурӯҳи меҳмон?
Бе тараҳҳум мекушояд-мӣ ба танқидам даҳон?
Бар заминам мезанад? Ё мебарорад осмон?

Омаданд суратшиносон. Фил суратро кушод
Чанд тан дар дуртар, чанде ба наздик истод.
«Лавҳа бад не! Лек...— эрод аввал аз Тимсоҳ хест,
— Аз барои чӣ дар ин тасвир наҳри Нил нест?»
— «Нестии Нил чандон айб не! — гуфто Тюлень
— Лекин аз баҳри чӣ не ях ҳасту не барфе дар ин?»
Кӯрмуш ҳайрон шуду гуфт: «Ҳой, мардум, истетон!
Ҳаст як чизи муҳимтар аз яху аз Нилатон!
Обчакорӣ мондааст аз чашми сураткаш ниҳон»
Хирс хирр-хирр карду гуфто: «Дӯстон,
Манзара хуб омадасту дилситон!
Лек медонед, ин ҷо чист кам?
Мева кам?
Лозим ба мо ҷалғӯза ҳам!».

* * *

Фил розӣ шуд ба ин таклифҳо,
Рангҳоро монд пешаш ҷо ба ҷо.

Рӯи лавҳа мӯқалам меронд боз,
То намояд дӯстонро сарфароз,
Ях кашиду барфу дигар «мулҳақот»*
Нилу ҷалғӯза, замини сабзавот,
Ҳам асалро, эҳтиётан, кард зам!
Рафту суратбинӣ ояд хирс ҳам...
Гашт сурат пурраю беқолу қил,
Дӯстонро боз даъват кард фил.
Омада диданду миш-миш гуфтугӯ
Байнашон мерафт: «Ин мошоба-ку!»

Дӯстам, чун Фили сураткаш машав:
Маслиҳат бишнав, вале бо ҳуш шунав!
То ба даст орӣ дили ёрон тамом,
Худ зарар бинӣ зи корат, вассалом!

---

* Мулҳақот — чизҳои иловагӣ, масалан, бобҳое ки ба охири китоб ҳамроҳ мекунанд.

ни амрикоӣ Д.Истон ва Деннис чаҳор давраи дигарро хоси марҳилаи иҷтимоикунонии кӯдакон медонанд: 1) политизатсия – мутобиқшавӣ ба муҳити сиёсӣ; 2) персонализатсия – вақте ки одамони обрӯманд ва номдори ҷомеа ба шахсияти кӯдак таъсиррасонӣ менамоянд ва диққати ӯро ба худ ҷалб мекунанд; 3) идеализатсия – кӯдак шахсиятҳои манфӣ ва мусбатро аз ҳам ҷудо намуда, ба дӯст доштан ва нафрат пайдо кардан нисбат ба падидаҳои сиёсӣ ва шахсиятҳои сиёсӣ оғоз менамояд; 4) институтсионализатсия – кӯдакон аз доираи фардгароӣ берун омада, бо арзишҳои марказии системаи сиёсӣ худро мутобиқ мегардонанд[1].

Дар марҳилаи дуюми иҷтимоикунонии сиёсӣ инсон тасаввуроти сиёсӣ ва афзалиятҳои фардиро дар худ ташаккул медиҳад. Дар ин марҳила инсон кӯшиши иҷро намудани ҳама гуна фаъолият, аз ҷумла фаъолиятҳои сиёсиро менамояд. Маҳз дар ҳамин марҳила донишҳои сиёсии инсон дар зери таъсири муҳит ва тағйироти мавҷуда қарор гирифта, амиқу дақиқ мегарданд.

Дар марҳилаи охир даст кашидани инсон аз фаъолияти сиёсӣ оғоз гардида, ба тағйирот ва ислоҳот муносибати танқидӣ зоҳир менамояд.

*Институтҳои иҷтимоикунонии сиёсӣ.* Дар ҳар як навъи системаи сиёсӣ институтҳои махсусе амал менамоянд, ки онҳо ба ташаккули инсони ҷавобгӯи стандартҳои давлатӣ ва баланд бардоштани маданияти сиёсии ӯ машғуланд. Фаъолияти институтҳои мазкур дар раванди иҷтимоикунонии сиёсӣ зоҳир мегарданд. Яке аз чунин институтҳо оила ба шумор меравад. Оила маконе мебошад, ки кӯдаконро бо ҷаҳони беруна шинос менамояд ва робитаҳои аввалини ӯро бо сиёсат ва ҳаёти сиёсии ҷомеа мепайвандад. Сиёсатшиносони Ғарб оиларо маконе муаррифӣ менамоянд, ки дар он маданияти сиёсӣ аз як насл ба насли дигар интиқол меёбад. Оила имкон медиҳад, ки аъзои он аз як қатор таъсирҳои беруна эмин нигоҳ дошта шаванд. Аммо дар баъзе мавридҳо характери консервативӣ доштани таъсири оилавӣ низ ба мушоҳида мерасад. Баъзан меъёрҳои рафторе, ки оилаҳо ба аъзои худ пешкаш менамоянд, метавонанд бо тағйироти ҳаёти ҷамъиятӣ мувофиқат накунанд.

Яке аз воситаҳои дигари амалишавии иҷтимоикунонии сиёсӣ мактаб ва донишгоҳҳо ба шумор мераванд. Муассисаҳои мазкур ба воситаи таълим, тарбия ва алоқаҳои расмӣ ба раванди иҷтимоикунонии шахс таъсири амиқ мерасонанд. Хусуси-

---

[1] Шварценберг Р.Ж. Политическая социология. – Ч.1. –М., 1992. –С.160.

Он, к-аз ӯ безор буд, акнун бихондаш меҳмон;
Бо касон хушгап шуду гапҳош одӣ-беғурур,
Боз омад ӯ ба оила, ҳаёташ боҳузур...
Пас чӣ гӯям?
Ибрат аст ин баҳри баъзе одамон!

дошт, ки агар таъсири воситаҳои иҷтимоикунонӣ бо ҳамдигар мувофиқат намоянд, пас устувории системаи сиёсӣ ва сулҳу субот таъмин мегардад. Агар баръакс, ба шаҳрвандон иттилооти нодуруст ва шубҳаовар пешниҳод гардад, дар ҷомеа мухолифатҳо, буҳронҳо, низоъҳо ва бархӯрдҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Чунин ҳолат дар шароити муосир хеле зиёд ба мушоҳида расида истодаанд. Як зумра воситаҳои ахбори оммаи зархарид ва пайравону фаъолони ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ бо мақсади игвоангезӣ дар миёни табақаҳои гуногуни ҷомеа иттилооти ифротию иғвобарангезро паҳн намуда, як гурӯҳ одамонро барои вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва гурӯҳи дигари онҳоро барои даст задан ба ҷиноят водор менамоянд.

Ҳамин тариқ, маданияти сиёсӣ, шуури сиёсӣ ва иҷтимоикунонии сиёсӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, якдигарро пурраю мукаммал мегардонанд. Зеро аз як ҷониб, маданияти сиёсӣ омили муҳимми иҷтимоикунонии шахс ба шумор рафта, дар навбати худ иҷтимоикунонӣ воситаи асосии баланд бардоштани сатҳу сифати маданияти сиёсии ҷомеа ба шумор меравад.

## УКРАИНА

Борҳо дар ҷанги сахту беамон,
Украина, хуни покат шуд равон.
Лек сол аз сол гаштӣ баркамол,
Партия дод аз ҳақиқат парру бол.

Он чӣ дар мо неъмат асту сарват аст,
Он чӣ шаъни меҳнат асту санъат аст,
Боғ дар кӯҳ, бахри хуша дар адир
Партия додасту Октябри кабир.

Сарҳадотат муттаҳид бо дӯстон,
Дашту водиҳот хуррам бустон,
Гулбасар, гулпӯш гардида, ба ҳам
Мезанӣ бо хоҳарони худ қадам;

Меравӣ бо хонадони бахтьёр
Сӯи он дурӣ, ки кардемаш шиор,
Халқҳо он ҷо равон, чун наҳрҳо,
Дасти Ильич аст он сӯ раҳнамо!

*Соли 1957*

гардад ва дар амал татбиқ намудани арзишҳо ва мақсадҳои сиёсӣ танҳо ба хотири нигоҳ доштани ҳокимият амалӣ карда мешавад. Таҳлили амалияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки ВАО-и замони Шӯравӣ системаи патерналистӣ, ВАО-и амрикоӣ системаи тиҷоратӣ ва ВАО-и Британиёи Кабир системаи омехта мебошад. Масалан, дар Британиёи Кабир ВАО-и чопӣ характери тиҷоратӣ дошта, радио ва телевизион хусусиятҳои патерналистиро доро мебошанд.

Навъи чоруми системаи ВАО ба таври назариявӣ демократӣ муаррифӣ мегардад, аммо дар амалияи ҷамъиятӣ ҳанӯз он дар шакли мукаммал вуҷуд надорад. Таҳлили назарияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки дар шароити мавҷудияти ВАО-и демократӣ онҳо ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мегарданд: давлатӣ ва ғайридавлатӣ. ВАО-и давлатӣ барои ҳимояи манфиатҳои гурӯҳи ҳукмрон ва пайравони онҳо ва ВАО-и ғайридавлатӣ барои ҳимояи манфиатҳои иҷтимоию сиёсии гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ фаъолият менамоянд. ВАО-и ғайридавлатӣ, дар навбати худ, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: оппозитсионӣ ва мустақил. ВАО-и оппозитсионӣ одатан аз ҷониби мухолифини сиёсӣ ташаккул дода шуда, бо мақсади бештар намудани пайравон ва ҳаммаслакони худ ба танқиди ҳукумат ва мақомоти давлатӣ машғул мегарданд. ВАО-и мустақил ба ҳеҷ яке аз неруҳои сиёсӣ тааллуқ надошта, барои паҳн намудани арзишҳои сиёсии пешқадам хизмат мерасонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари ВАО-и мустақил аз ҷониби созмонҳо ва давлатҳои хориҷӣ маблағгузорӣ шуда, манфиатҳои онҳоро ифода менамоянд. Андешаҳои песимистии сиёсатшиноси шинохтаи ИМА Герберт Алтшулл нисбат ба ВАО-и демократӣ исботи гуфтаҳои болост. Ӯ вазъияти васоити ахбори оммаи амрикоиро таҳлил намуда, ду қонунияти асосиро ташаккул додааст:

– мазмун ва мундариҷаи иттилооте, ки ВАО паҳн менамояд, ифодакунандаи сиёсати гурӯҳе мебошад, ки онҳоро маблағгузорӣ намудааст;

– газетаҳо, маҷаллаҳо, радио ва телевизионҳо ҳеҷ гоҳ мустақил набуданд ва нестанд, ҳарчанд иқтидореро соҳибанд, ки метавонанд ба сифати неруи мустақил бароммад намоянд. Дар ҳама гуна шароит ВАО гумоштаи онҳое мебошад, ки дар дасти худ ҳокимияти сиёсӣ ва иқтисодиро нигоҳ медоранд.

Васоити ахбори омма ҳамчун системаи иттилоотӣ аз зерсистемаҳои мухталиф иборат мебошад. Айни замон чаҳор зерсистемаи васоити ахбори оммаро аз ҳам фарқ менамоянд: матбуот, радио, телевизион ва Интернет. Ҳар яке аз ин зерсистемаҳо до-

*Нозим ҲИКМАТ*

## МАКТУБ АЗ ЗИНДОН

Шодам аз он, ки фикру хаёлам, азизи ман,
Дар ҷустани умед ба сӯи ту медавад:
Шодам аз он. ки гӯши дил аз гӯшаи ватан
Савту суруди рӯҳиябахши ту бишнавад.
Савту сурудҳои дилафрӯзи беназир...
Лекин фақат умед намудан кифоя нест,
То кай хамӯш монда диҳам гӯш бар суруд?
Мехоҳам ин, ки наъра кашам бо суруди худ!

* * *

Шавҳарат бастаи зиндон, писарат бемор аст;
Қади мавзуну тавонои ту гаштаст дуто.
Сари ту монда шуд аз фикру ғаму кулфатҳо,
Ки ба дастони ситамдидаат акнун бор аст,
Қисматат қисмати хоси ҳамаи Туркия аст.
Лек ин аст яқинам, ки аз ин рӯзи сиёҳ
Мулкам озоду амон мешаваду бахташ ёр.
Писарат гашта сиҳат, шавҳарат аз маҳбаси тор
Мераҳад солиму дар хонаи чашмони ту боз
Медурахшад абадӣ нури табассум он гоҳ,
Қисматат қисмати хоси ҳамаи Туркия аст.

*Соли 1948*

*Илова*

# ШЕЪРҲОИ ПАРОКАНДАИ ДАВРАИ АВВАЛИ ЭҶОДИЁТИ ШОИР

## АЗ ИСПОР (АМОЧ) — БА ТРАКТОР

### Достонча

Буд дар сарзамини дур аз шаҳр,
«Мирвафо» ном марди деҳқоне,
Некхулқу ҳалими хандоне.
Андарон сарзамини дур аз шаҳр,
Ранҷ мебурду донае мекошт.

Худашу як зану ду фарзандаш,
Ҳосили ранҷи хеш мехӯрданд,
Миннат аз дигарон намебурданд,

Ногаҳон босмачии ғоратгар,
Ҳар куҷо рӯ намуду манзил кард,
Зиндагиро ба халқ мушкил кард.

Босмачиён тамом бигрифтанд
Ғаллаву молҳои деҳқонон,
Гашт озуқа ҳар куҷо толон.

Ҳама аз баҳри кори худ сарсон,
Шуда аз хонумони хеш ҷудо,
Рӯзашон буд ҳамчу шоми азо...

То дурахшид меҳри шӯрой,
Шод шуд зулмдидагони деҳот,
Камбағалро расид вақти наҷот.

Аскари сурх ҳомии Шӯро,
Тани яғмогарон ба хок афканд,
Бехи буньёди зулмро барканд.

Дар заминҳо гузашт ислоҳот,
Раст батрак зи оҳу нолаю вой,
Безаминҳо шуданд соҳиби ҷой.

Пахтакорӣ ривоҷ пайдо кард,
Шуд ба по «Иттифоқи ҷуфтгарон»,
Гашт кам-кам деҳот ободон.

Ҷои испори «доқиюнусӣ»*
Шуд трактор ба дашт наъразанон,
Ҳосили кишт гашт даҳчандон.

Мирвафо, ки зи дасти босмачиён,
Гашта буд аз замину гов ҷудо,
Шуд ба артели «Ҷуфтрон» аъзо.

Мухтасар... з-ин муваффақияти нав,
Чорьяккору батраку деҳқон,
Шуда дилшоду хурраму хандон,

Ба камоли фараҳ ҳамегӯянд:
Бод поянда доим Шӯро!
Нест бод аз миёни мо доро!..

*Самарқанд, 14 ноябри с. 1929*

---

* «Доқиюнусӣ» — таъбири халқӣ аст, ки ба чизҳои тамоман кӯҳнашуда кор фармуда мешавад. *(Д).*

## БА КОЛХОЗ ОЕД!

*(Ба ҳавои суруди ӯзбекии «Ишчи-деҳқонлар, ӯйғон-ӯйғон!..»)*

I

Чанде рафиқон, ҳар ҷо парешон,
Бероҳа рафтем, ҳарза давидем,
Аз худсариҳо кулфат кашидем
В-аз яккакорӣ суде надидем,

Батраку деҳқон, ба колхоз оед!
Синфи кулакро парешон созед!

II

Субҳи саодат гашта намоён,
Меҳри адолат шуд партавафшон,
Бар рӯи батрак, бар фарқ деҳқон,
Нури садоқат тобида рахшон:

Батраку деҳқон, ба колхоз оед!
Синфи кулакро парешон созед!

III

Зулми судхӯрон моро фано кард,
Макри кулакон аз ҳам ҷудо кард,
«Ваъзи» муллоён, бингар чиҳо кард? —
Сайду асири доми бало кард:

Батраку деҳқон, ба колхоз оед!
Синфи кулакро парешон созед!

IV

Дасти пурқувват, бозуи заҳмат,
Мошин меронад бо саъю ғайрат,
Байроқи нусрат, оҳанги меҳнат,
Дар ларзиш орад дуньёи сарват:

Батраку деҳқон, ба колхоз оед!
Синфи кулакро парешон созед!

V

Фабрику зовуд, шаҳру шарокат,
Бо мо бубаста аҳду рафоқат,
Доим фиристад мошину олат,
Ҳӯроку пӯшок, моли саноат:

Батраку деҳқон, ба колхоз оед!
Синфи кулакро парешон созед!

VI

Эй зоғи сармо, сармо макун ёд,
Дар ҳаҷри сармо бас акнун фарьёд,
Фасли баҳорон саҳроро обод
Созему созем дуньёи озод:

Батраку деҳқон, ба колхоз оед!
Синфи кулакро парешон созед!

*4 июни с. 1930*

## ШИОРИ СУРХ

«Бар зидди муштзӯр барем корзори сурх!»
Қувват гирифт то ба миён ин шиори сурх.

Бояд бурид решаи душман зи колхоз
Бо доси зореу табари мардикори сурх

Дирӯз буд сайд ба доми ситамгарон,
Имрӯз зулмдида ситонад ниқори сурх!

Берун кунем тирадилонро зи байни хеш
Мо, деҳқони камбағалу пахтакори сурх!

Аз баҳри паст кардани ин оташи ҳуҷум
Резад кулок қатраи ашки қатори сурх.

Аммо, ин оташест — намирад ба оби чашм,
Сӯзад ниқоби фитнаи ҳар ҳилакори «сурх!»

Фасли сиёҳу шикваи зоғи сияҳ намонд,
Бишнав суруди булбули сурхи баҳори сурх!

Як сӯст гулшане, ки ба ҳоли хазон шуда
Бишкуфтааст сӯи дигар марғзори сурх.

Дар боғи зиндагонии нав — нав расидааст
Аз шохи навниҳоли коллектив сумори сурх.

Рӯзе шавад, ки тӯдаи меҳнат ба ҳам шуда,
 Обод созад олам аз ин рӯзгори сурх.

Барҳам занем муштзӯронро ба ҳоли синф
Ҳаргиз нагашта з-ин раҳу қавлу қарори сурх!

*Тошканд, 29 сентябри с. 1930*

## РОҲИ ТУ БОЗАФАР

*(Ба хотираи Ленин)*

Эй доҳии ҳақиқии муздуру коргар,
Ҳодии покмаслаки деҳқону ранҷбар!
Он дам, ки буд зулм ба сад кибру карру фар,
Биншаста тахти ҷабру ғазаб ҳукмрони даҳр,

Дасти ситам ғулӯи фақирон фишор кард,
Сарват, ки калла-пояи қаср устувор кард,
Теғи ҷафо ба фарқи ҷафокаш қарор кард,
Як тан ба хун ғарқу сареро ба дор кард...

Ту раҳбарӣ намудӣ, бапо гашт инқилоб,
Рахшид чун ба рӯи ситамдида офтоб,
Озод гашт духтару зан берун аз ҳиҷоб,
Шуд тахти бахту салтанати мустабид хароб.

Моро расид аз тарафат аввалин хитоб:
Хонед, бихонед, бихонед ҳама китоб
Мо ҷумла илм хонда зи ҳар банду фаслу боб,
Ғолиб ба ҳар фронту ба ҳар ҷабҳа комьёб.

Он дам, ки фавт кардӣ, ай устоди некном!
Афтида душманони ту бо сад хаёли хом,
Гуфтанд: «Мурд Ленину шуд фирқааш тамом,
Накнад кунун ҳукумати шӯро дигар давом...»

Уммеди душманони ту шуд пуч сар ба сар,
Бесуду ҳамчу хобу хаёлот беасар,

Боғи ту хуррам аст, ниҳоли ту босамар,
Роҳи ту барқарору, шиори ту бозафар.

Иҷро намуд фирқаи ту ҳар шиори ту,
Худ гарчи мурдаию вале зинда кори ту!

*Январи с. 1931*

## МУЖДА БА АСИРАГОНИ ШАРҚИ АСИР

*(Ба муносибати юбилеи 6-солагии газетаи деворин «Духтари Шарқ»)**

Шунав ту, духтари машриқ! Садои «Духтари Шарқ»,
Ҳамерасад ба ту ин дам навои «Духтари Шарқ»,
Ба ҳар асира расон муждаҳои озодӣ,
Зи сатрҳои базебу сафои «Духтари Шарқ»,

Ки хоҳарони ситамкаш зи ғам раҳо оед
Ба саҳни зиндагии нав қадам бупартоед!
Ҳиҷоби ғофилиятро канеду дарронед,
Ниқоби ҷоҳилиятро зи рӯй бардоред!

Ҳиҷобу ҷаҳлу хурофоту дину оинро
Ба оташу, алави интиқом андозед.
Раҳи фалокати ҷаҳлу, хурофаро бандед,
Дари саодати таҳқиқу илм бикшоед!

Ба даври «Духтари Шарқ» ой, ҷамъи духтари Шарқ!
Ки баҳри духтари Шарқ аст шамъи «Духтари Шарқ!»
Бигӯй: «Зиндаву поянда бод «Духтари Шарқ!»
Ба ёрмандии ин зиндабод духтари Шарқ.

*21 апрели с. 1931*

---

* «Духтари Шарқ»— газетаи деворин духтарони тоҷик аст, ки дар Самарқанд аз соли 1925 сар карда бароварда шуда, дар 24 моҳи маи соли 1931 тӯи шашсолагии тантананокаш гузаронида шуд. Хидматҳое, ки ин газета дар соҳаи аз занон ва духтарон тайёр кардани кадрҳои матбуот нишон додааст, хеле бузург мебошад. *(П. Д.)*.

## ДУ ТАРАФ — ДУ ДУНЬЁ

Ин тараф навбаҳору обод аст,
Духтару марду зан ҳама шод аст,
Меҳнати ин ҷо, ки ҳуру озод аст!

Ҳама дилшоду хурраму масрур,
Ҷумла ворастаанду аз ғам дур.

Он тараф торик асту барбод аст,
Зан чу сайд аст, дин сайёд аст,
Ҷои шафқат ҷафою бедод аст:

Ҳукмфармост сарвати манфур,
Ҳаст маҳкум меҳнату муздур.

Ин тараф духтарони боғайрат,
Бо умеди қавию бо ҳиммат,
Андар оғӯши роҳати меҳнат:

Даст бо қувват асту тан пурзӯр
Гунаҳо сурху чеҳраҳо пурнур.

Он тараф духту зан на чун инсон,
Балки беқадру бадтар аз ҳайвон,
Он ҷаҳон аст баҳри зан зиндон.

Ранг чун заъфарону тан ранҷур,
Гӯиё зинда хуфта андар гӯр...

Модароне, ки сайду мазлумед!
Хоҳароне, ки ҷабр мебинед!
Он ситам доимӣ напиндоред:

Он асирӣ ахир наҷот орад,
Шоми торик субҳ ҳам дорад.

Дасти шафқат зи ҷониби шӯро
Баҳри ёрӣ дароз шуд ба шумо,
То ки гардед аз шиканҷ раҳо!

Шавад, албатта, оқибат рӯзе
Ба шумо ҳам насиб фирӯзӣ,

Сигнали иди март аз ин ҷо
Бубарад муждаҳои мо он ҷо...

*Самарқанд, марти с. 1931*

## «ҲАҚИҚАТИ» ҶАВОН — ҲАҚИҚАТИ ПРОЛЕТАРӢ

*(Тақдим ба юбилеи 8-солагии органи Комитети Марказии ПК(б) Ӯзбекистон газетаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон»)*

Ба соли бисту чорӯмин *
Даме ки амри ҷаҳлу дин
Ҳанӯз буд ҳукмрон
Дар ин диёру сарзамин,
Зуҳур ёфт дар ҷаҳон
Зи бонги хели ранҷбар ** —

*Ҳамин «Ҳақиқати» ҷавон — ҳақиқати пролетар.*

Зи тангдастҳо басе
Кашида чанд ноқисӣ,
Ба тоҷикию форсӣ
Чу меваҳои наврасе
Зи октябрь тӯҳфасон
Расид баҳри коргар —

*Ҳамин «Ҳақиқати» ҷавон — ҳақиқати пролетар.*

Чу меҳри илму фан дамонд,
Шиои маърифат фишонд,
Ба торикии ҷаҳлу дин
Миёни халқ раҳ намонд.
Ба хонумони динчиён
Фиганд оташу шарар —

*Ҳамин «Ҳақиқати» ҷавон — ҳақиқати пролетар.*

---

* Мақсад аз «Бисту чорӯмин» соли 1924-ӯм аст.
** Ишора ба шумораҳои давраи ташкилии «Овози тоҷик» — «Овози тоҷики камбағал».

Зи роҳи фирқаи Ленин,
Шиору ваҳдати матин
Зи пеш рафт: СССР
Зи ҳоли хориҷ инчунин
Расонадаш ба ҳар замон.
Ба ома муждаю хабар —

*Ҳамин «Ҳақиқати» ҷавон — ҳақиқати пролетар.*

Ҳаёти синфи коргар
Мусаффарии пролетар
Мудом дар саҳифааш,
Ба пеши чашм ҷилвагар
Ба фаъла, колхозчиён
Диҳад зи боғи фан самар —

*Ҳамин «Ҳақиқати» ҷавон — ҳақиқати пролетар.*

Ҳар он чӣ дарҷ мекунад,
Ба ранҷбар мадад кунад,
Вале ба синаи адӯ
Чу тири мӯҳлике занад
Аз ин надида душманон
Ба ғайри зарбаю зарар —

*Аз ин «Ҳақиқати» ҷавон — ҳақиқати пролетар.*

Кунун зи соли ҳаштӯмин,
Қадам ниҳад ба нӯҳӯмин,
Зи дӯстон ба хидматаш.
Шунида нек офарин,
Чӣ хуш расида иди он
Ба рӯзи иди ранҷбар —

*Иди «Ҳақиқати» ҷавон — ҳақиқати пролетар.*

Қаламзанони хушқалам,
Қӯшуни оҳанинқадам
Зи мавҷҳои социализм
Зананд нав-ба нав рақам.
Зи хомаи равонашон
Сафо диҳанд сар ба сар

*Ба ин «Ҳақиқати» ҷавон — ҳақиқати пролетар.*

*Фарғона, октябри с. 1932*

## ҚАДАМ БА СОЛИ ШОНЗДАҲ

Мужда бодо, дӯстон, Октябрь шонздаҳсола шуд,
Шаҳру деҳ пур аз ливои сурху ҳамчун лола шуд,
Қори душманҳои мо аз нав фиғону нола шуд,
Ашки хунолудашон резон мисоли жола шуд.

Мо хурофоту асоратро таги по кардаем,
Зоҳиду миру шаҳонро дар замин ҷо кардаем,
Тарки беилмию дину зикри олло кардаем,
Қоргар-меҳнаткашонро ҳуру доно кардаем.

Панҷ соли аввалин пур кардаем андар чаҳор,
Бо суботи большевикӣ маҳкам истода ба кор.
Суръати бемисли олӣ, пешрафти зарбдор
Душмани моро кунад аз кардаи худ шармсор.

Дар ҷаҳон мисли электр шиддати суръат ба мост,
Фаҳму идроки васеи донишу санъат ба мост,
Тӯдаи заҳматкашону рағбати меҳнат ба мост
Байрақи Ленин — силоҳи фотеҳу нусрат ба мост.

Буржуо дида тараққиёти моро ҳола шуд,
Чашмашон беҷо чу чашми мурдаи гӯсола шуд,
Қори душманҳои мо оҳу фиғону нола шуд,
Мужда бодо, дӯстон, Октябрь шонздаҳсола шуд.

*Ноябри с. 1932*

## БАРОИ СОҲИБӢ КАРДАНИ ТЕХНИКА!

*(Ба политехникачиёни ҷавон бахшида мешавад)*

Дар он бинои бузурги дуошьёни баланд
Зи комсомолу пионеру хели шогирдон,
Чи духтару писари хурду наврасанду ҷавон,
Шуда гурӯҳ-гурӯҳ бо муаллими худ чанд;
Ягона маслакашону зи миллати бисьёр —
Яҳуду
ӯзбаку
точику
армany
тотор...
Ситода бар сари сандон гурӯҳе аз онҳо,
Ба назди кӯраи оташ ба даст путки гарон,
Зананд оҳану пӯлоди сахтро чандон
Ки то кунанд аз ӯ олате ба худ пайдо;
Агарчи хурд, вале ҷумла қаҳрамону ҷасур
Далеру
боҳушу
чолоку
чобуку
пурзӯр...
Гурӯҳи дуввӯмӣ бо касбу корҳои дигар
Электрику бинокорию дуредгарӣ,
Либосдӯзию рассомию плонгирӣ,
Хулоса: бо ҳама мошину корҳо яксар
Шинос гашта ба уммеду эътиқоди зиёд,

Башавқу
ғайрату
саъю
субот,
хурраму шод...
Бубин! Пионери Ленин! Бубин, ки духтари Шарк,
Чӣ сон ба меҳру садоқат ба назди мошинаҳо,
Ҳар он чӣ хондаи худ дар амал кунад иҷро,
Зи ҷӯшиши хуни саъяш ҷаҳида ҳамчун барқ,
Ки то зи техника созад ҳаёти худ фирӯз;
Ҳамеша
ҳар даму
ҳар соату
дақиқаву
рӯз...
Бародарони азиз, хоҳарони хуш-идрок,
Шумо ки толибаю комсомолу кашшофед,
Шумо, ки боиси иқболи синфи ранҷбаред,
Ба ҳиммату ҳавасу боз ҳам ба нияти пок
Намонда, хонда намоед соҳибию зи хеш:
Ҳар илму
техникаю
фанну
санъату
дониш!..
Ту комсомоли бавиҷдон! Бидон, ки то пас аз ин
Дигар ба давлати хориҷиён на муҳтоҷем,
На мошину на трактор аз онҳо нахарем,
Ба нафъи буржуи дунъё намедиҳем як тин,
Кунем дар СССР он чӣ мебарем ба кор:
Ба дасту
қуввату
зовуду
моли худ,
тайёр!..
Ба ҷост суръати токи* электрикмисол,
Ба мулки худ даҳ ҳазорон гиганти нав созем,
Заводу фабрикаю корхонаҳои азим,

* Ток — ҷараёни электрикӣ.

Зиёд мешавад ҳар лаҳза, ҳар маҳу ҳар сол,
Вирубовай * самолёт, комбайну автомобиль,
Трактору
          паровозу
                    флоту
                         дережабль...
Зи зӯри мошинаю бозувони пуркувват
Кунем пора замини зарангу синаи кӯҳ,
Шикофта бурун орем он чӣ ҳаст, аз ӯ,
Барои равнаки кори саноату давлат
Тиллою нукраю ангиштсангу ҳар маъдан:
Симобу
          қалъагию
                    нефту
                         чӯяну
                              оҳан...
Яқин, ки нури электрик ҷаҳони меҳнатро,
Чу офтоби ҷаҳонтоб мекунад равшан,
Ки яъне партави илму зиёи донишу фан
Диҳад ба зиндагии тоза зинату оро,
Ба зӯри техника мақсуди худ кунем иҷро,
Чи дар замину
          самою
                    чи андар
                         обу
                              ҳаво...
Кушода чашми таҳайюр назар кунад душман,
Зарарасони саноат чу Рамзину думи он,
Ки то чӣ гуна зи меҳнаткашони коргарон,
Расондаему расондем комилу амалан,
Зи илми Марксу Ленин мусаллаҳу солим,
Муҳандису
          технику
                    муҳаррирү
                         олим!..

*26 феврали с. 1932, Самарқанд*

---

* Вирубовай — мошинаест, ки заминро шикаста ангишт мебарорад. *Д.*

* * *

Дил бастаӣ ту, эй санами тоҷик, аст,
Чашмам нигарони раҳаки фабрик аст.
Лампочкаи сесадсивечӣ месӯзам,
Бе рӯи ту боз хонаам торик аст.

* * *

Рафтӣ ба курорт, ман ба ёдат бошам,
Гаҳ-гоҳ қарини дили шодат бошам,
Як лутф накардӣ, ки ақаллан ба сафар
Ман дар купеи международат бошам!

* * *

Эй лочини пӯлод, ба ман бингарӣ чӣ?
Аз шаҳри Душанбе сӯи Қавказ парӣ чӣ?
Эй айропланчӣ, ба ту як гап дорам,
Як бор мана пешакӣ дилбар барӣ чӣ?

* * *

Ҷонам ба лабам расид аз раҳпоӣ,
Эй ёри дурӯғчӣ, ту кай меоӣ?
Чашмам ба сӯи айроплан метобад,
Шояд, ки аз он бо парашют партоӣ.

*Душанбе, июли с. 1939*

## ТАВЗЕҲОТ

[1] *Таронаи колхозчиён* — ин шеър аслан аз даҳ банд иборат буда, дар маҷмӯаи «Меваи Октябрь» (Самарқанд, 1934, саҳ. 62) низ даҳ банд чоп шудааст. Дар маҷмӯаҳои минбаъдааш муаллиф аз он интихобан панҷ банд гирифтааст ва онро низ таҳрир кардааст.

[2] *Имомалӣ Бӯронов* — яке аз дӯстдорон ва иштирокчиёни фаъоли матбуоти советӣ. Соли 1882 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст. Вай дар ҳаракатҳои инқилобии соли 1905 дар Россия ва дар мубориза ба муқобили босмачиён дар Осиёи Миёна иштирок кардааст. Аз соли 1920 дар матбуот, аз ҷумла рӯзномаи «Овози тоҷик» бо имзои «Шафқат» хабар ва мақолаҳо навишта, хиёнат ва ҷиноятҳои душманони синфиро фош мекард. 26-уми моҳи маи соли 1930 вафот кардааст.

Ин шеър аввалин бор дар журнали «Роҳбари дониш», 1930, № 6, саҳ. 6 чоп шуда, муаллиф онро ба ягон маҷмӯаи дигари худ дохил накардааст.

[3] *Ба шарафи таълими умумии маҷбурӣ* — дар пайравии шеъри Абулқосим Лоҳутӣ, ки матлааш ин аст:

«Ҷонам фидои ранҷбари инқилоб кун,
Бо путку дос кохи ситамро хароб кун»,

навишта шудааст.

[4] *Абдуқодир Исмоилов* — артисти халқии РСС Ӯзбекистон (1880—1951). Ин шеър дар маҷмӯаи «Таронаҳои меҳнат» (Самарқанд, 1934) бо номи «Ба фармонбари дил» чоп шудааст.

[5] *Қоонӣ* — шоири форс, тахминан дар солҳои 1808 таваллуд ёфта, соли 1853 вафот кардааст.

[6] *«Дил дар сари микрофон»* — ба муносибати анҷумани якӯми ҷавонзанони Тоҷикистон, ки 12 ноябри соли 1935 дар Душанбе барпо гардида буд, навишта шудааст.

Ин шеър аввалин бор дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон», 1935, 7 ноябрь чоп шуда, дар ягон маҷмӯаи дигар дохил нашудааст.

[7] *«Мамлакати мо»* — ба пионердухтар Мамлакат Наҳангова бахшида шудааст, ки соли 1935 барои дар пахтачинӣ фаъолияти ибратбахши хуб нишон доданаш бо ордени Ленин мукофотонида шуда буд. Мамлакат Наҳангова ҳоло дар институти педагогии ба номи Т Г. Шевченко ш. Душанбе муаллимаи забони англисӣ мебошад.

[8] *Ифтихори мо* — дар ин ҷо бо каме ихтисор чоп мешавад.
Ин шеър охирин маротиба соли 1949 таҳти унвони «Номаи бахт» дар «Асарҳои мунтахаб»-и А. Деҳотӣ чоп шуда буд.

[9] *Табрик ба комсомоли кишвари тоҷик* — ба муносибати даҳсолагии комсомоли Тоҷикистон навишта шудааст. Аввалин бор дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» (1940, 30 ноябрь) чоп шуда, ба Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Неъмат Қаробоев бахшида шудааст.

[10] *Неъмат* — Неъмат Қаробоев, ки дар соли 1940 дар ҷанги муқобили финҳои сафед ба гирифтани номи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ сазовор гардида буд. Ӯ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок шудааст.

[11] *Рукнобод* — мавзеъест дар Шероз, ки бо обу ҳавои хуши худ машҳур аст ва Ҳофиз онро таъриф кардааст.

[12] *Иброҳим* — Иброҳимбек, яке аз саркардагони босмачиён.

[13] *Фузайл* — Фузайл Махсум, яке аз саркардагони ҳаракати босмачиён.

[14] *Маҳмуд* — Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (999—1030), ки пас аз сарнагун шудани ҳукумати Сомониён, Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро ба ӯ пешкаш карда буд. Султон Маҳмуд на фақат ба қадри чунин асари оламшумул нарасид, балки Фирдавсиро таҳқир кард ва ранҷонд.

[15] *Ҳанифа* — Ҳанифа Мавлонова, артисткаи халқии РСС Тоҷикистон.

[16] *Ҳалима* — Ҳалима Носирова, артисткаи халқии СССР.

[17] *Тамара* — Тамарахоним, артисткаи халқии СССР.

[18] *Ашӯра* — Ашӯра Носирова, артисткаи халқии РСС Тоҷикистон.

[19] *Муқимӣ* — Муҳаммад Аминхӯҷа Муқимӣ, шоири демократи ӯзбек (1850—1903).

[20] *Шоири маҳбус* — шоири намоёни Покистон, муборизи роҳи сулҳу амният, Лауреати мукофоти байналхалқии ба номи

В. И. Ленин, Файз Аҳмади Файз мебошад, ки аз тарафи ҳукуматдорони Покистон соли 1954 ба ҳабс гирифта шуда буд. Файз Аҳмади Файз моҳи октябри соли 1958 ба Душанбе омада, дар ҷашни 1100-солагии Рӯдакӣ иштирок карда буд. Он гоҳ Деҳотӣ бо ӯ мулоқот кардааст.

Ин шеър дар журнали «Шарқи Сурх», 1955, № 3 бо номи «Ба Файз Аҳмади Файз» чоп шудааст.

21 *«Шуҳрати диёри тоҷикон»*— пас аз сафар ба Япония навишта шудааст. Деҳотӣ соли 1957 дар ҳайати намояндагони комитети советии ҳамкории халқҳои Осиё ба Япония рафта буд.

22 *Саломи дӯстӣ ба мардуми афғон* — ба муносибати сафари Афғонистон навишта шудааст. 20 августи соли 1958 муаллиф бо як гурӯҳ артистони тоҷик ба Афғонистон рафта буд. Артисти халқии РСС Тоҷикистон Абдусалом Раҳимов вохӯрии аввалинро ба тамошобинони афғон бо ҳамин шеър кушод.

23 *«Рафиқи мо — бизим юлдош»*— ба классики бузурги Озарбойҷон Фузулӣ (1498—1556) бахшида шудааст.

24 *Ҳакими Ганҷавӣ* — Низомии Ганҷавӣ, шоири бузурги Озарбойҷон (1141—1203).

25 Ин байти Мирзо Абдулқодири Бедил (1644—1721) аз ғазалест, ки бо матлаи зерин сар мешавад:

> Як-ду дам ҳангомаи ташвиши меҳру кина буд,
> Ҳар чӣ дидам, меҳмони хонаи оина буд.

26 *«Нишони меҳнати шоиста»*— Ба муносибати аз чоп баромадани шумораи 10000-ӯми газетаи «Тоҷикистони Советӣ» ва бо Указн Президиуми Совети Олии СССР бо ордени Байраҳи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудани он гуфта шудааст.

27 *Аҳмади Ҷомӣ* — шоири тоҷик (1049—1136/37).

28 *«Манзараҳои сегона»*— ин достон октябри соли 1932 навишта шуда, аввал дар журнали «Барои адабиёти социалистӣ» (1933, №№ 5—6—7—8—9) чоп шуда, соли 1934 чун китобчаи алоҳида дар зери таҳрири устод Айнӣ ба табъ расид.

Назар ба гуфти худи муаллиф, матни аввалаи ин достон хело хурд буда, баъд ӯ бо маслиҳати рафиқон, онро дубора таҳрир ва аз ҷиҳати ҳаҷм низ васеъ кардааст.

Дар ин бора худи муаллиф дар сарсухани «Манзараҳои сегона» (Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, Душанбе, 1934) менависад:

«Ман дар навиштани ин достон беандоза хушнуд ва бахтиёр ҳастам. Аввал ин, ки ман дар болои ин достон дар муддати яку ним сол қадре, ки худам метавонистам, кор кардам, аз тарафи дуюм, дар ислоҳ ва такмили ин достон забардастони адабиёти имрӯзаамон устодон Лоҳутӣ, Айнӣ ва дигар рафиқон бевосита ёрӣ ва раҳбарӣ намуданд».

Устод Айнӣ ба достони «Манзараҳои сегона» баҳои баланд дода, дар яке аз мактубҳои худ (28 марти соли 1933) ба муаллиф чунин навиштааст:

«— Ман шуморо бо ин шеъратон («Манзараҳои сегона») бериёёна табрик менамоям, ин шеъратон хеле хуб баромадааст, ба ҳадде ки нисбат ба шеърҳои пештараатон ғайри қобили қиёс хубиҳо дорад. Лекин ин ҳоло нисбат ба қобилияти шумо кам аст, бояд боз хубтар ва беҳтар шавад. Бояд донед, ки қобилият пештар ҳам доштед, аммо сабаб чист, ки шеърҳои пештараатон ба ин дараҷа набуд? Маълум аст, ки дар ин шеър бештар кор кардаед. Бояд пас аз ин ҳам зиёдтар кор кунед... («Шарқи Сурх», 1956, № 9, саҳ. 100).

Инчунин устод Айнӣ ба китобчаи «Манзараҳои сегона» таҳти сарлавҳаи «Қори некӯ кардан аз пур кардан аст» чунин сарсуханчае навиштааст.

«Ин достони шоири ҷавон рафиқ Деҳотиро таҳрири адабӣ кардам. Ба ман маълум буд, ки рафиқи мазкур дар болои ин се достон, ки ҳамагӣ 600 мисраъ аст, ду сол боз кор мекард. Имрӯз дидам, монда нашуда кор кардани он натиҷаҳои намоён додааст. Ман ин достонро ба нависанда ба шоирони ҷавон мисоли намоёни самараи пуркорӣ гӯён тақдим менамоям ва умедворам, ки нависандаи мазкур бо ин қадарҳо аз худ қаноат накарда, дар зери роҳбарии партияи большевикӣ дар адабиёти шӯроӣ намунаҳои ҷаҳоншумул хоҳад дод.» (Саҳ. 3).

Муаллиф «Манзараҳои сегона»-ро ба ғайр аз маҷмӯаи «Меваи Октябрь» (1934) дигар дар ягон маҷмӯаи худ дохил накардааст.

---

29 *Мозӣ* — гузашта.

30 *Фаҷеъ* — андӯҳнок, сахт, даҳшатнок.

31 Ин се байте ки ба нохунак гирифта шудааст, аз «15 сол!» ном шеъри С. Айнист.

32 *Сифлагӣ* — пастфитратӣ, фурӯмоягӣ.

33 *Залил* — хору зор.

34 *Ҳоил* — мамониаткунанда.

35 *Саги ҳор* — саги девона.

36 *Озим* — касе ки ба коре азм ва иқдом мекунад; Озим шудан ҳаракат кардан барои мақсаде, равона шудан ба ҷое.

37 *Мир Олим* — охирин амири Бухоро, салтанаташ (1910—1920).

38 *Бӯмуслим* — Абӯмуслими Хуросонӣ, ки ба муқобили истилогарони араб шӯриш карда буд. Дар бораи корнамоиҳои ӯ бо номи «Абӯмуслимнома» китобе мавҷуд аст.

39 *Мусулмонқул ва Худоёр* — хонҳои Фарғона.

[40] *Мӯҳлик* —ҳалокатовар.

[41] *«Қавл»*— ин достон дар газетаи «Тоҷикистони Сурх», 26 ноябри соли 1935 чоп шуда буд, муаллиф онро ба ягон маҷмӯаи худ дохил накардааст.

[42] Достони «Оби ҳаёт» барои Куллиёт аз тарафи яке аз муаллифони он Мирзо Турсунзода дубора таҳрир шудааст.

[43] *Дорғо — доруға,* миршаб—яке аз мансабдорони замони аморат.

[44] *«Хирмане дорему худ як дон намегирем...»*— ин порча аз фольклор гирифта шудааст.

[45] *«Сари сарчашма рафтам ман — ба вақте...»* аз рубоиҳои халқии тоҷикӣ.

[46] *«Сари кӯҳи баланд буд хонаи ман»...*— аз дубайтаҳои халқии тоҷикӣ.

[47] *«Сарчашма ҳазору саргаҳи чашма ҳазор»...*— ин рубоӣ аз фольклори халқи тоҷик аст.

[48] *«Дилам решу дилам решу дилам реш»...*—ин рубоӣ низ халқист.

[49] *«Ба ёрон марҳабо гуфтему рафтем...»* Рубоии халқӣ.

[50] Достони «Барои Ватан» аз тарафи Мирзо Турсунзода, ки яке аз муаллифони он аст, барои ин ҷилди Куллиёт дубора таҳрир шудааст.

[51] *Афтандил* — қаҳрамоки асари шоири бузурги гурҷӣ Шота Руставели «Паҳлавони пӯсти палангпӯш».

[52] *«Довуди Сосунӣ»*— қаҳрамони эпоси халқи арман, ки «Довуди Сосунӣ» ном дорад.

[53] *Ибни Муқаннаъ* — сардори шӯриши сафедҷомагон ба муқобили истилогарони араб.

[54] *Темурмалик* — ҳокими шаҳри Хуҷанд (Ленинободи имрӯза), қаҳрамони халқи тоҷик, ки бар зидди истилогарони муғул дар муҳофизати шаҳри Хуҷанд мардонагӣ ва далерӣ нишон додааст.

[55] *Восеъ* — сардори шӯриши деҳқонони меҳнаткаши тоҷик дар Балҷувон дар соли 1885 ба муқобили ҳукмронони амир.

[56] *Гастелло* — Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ. Дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок гардидааст.

[57] *Таня* — Зоя Космодемьянская, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок гардидааст.

58 *«Гуфтори дӯстӣ»* — аз 3-йӯм то 10-ӯми октябри соли 1961 дар Тоҷикистон ҳафтаи адабиёти украин шуда гузашт. Ба ҳамин муносибат ба Тоҷикистон як гурӯҳ адибони Украина омаданд. Ин манзумаи ба тариқи мактуб ба дӯстони украин нанавишта шуда, аз тарафи шоирони украин Петро Дорожко, Платон Воронко ва Микола Упеник ба забони украинӣ тарҷима шудааст.

59 Мисраъҳои ба нохунак гирифта шуда аз Саъдии Шерозист.

60 *Анҷуман* — съезди XXII партия, ки баъд аз чанд рӯзи навишта шудани ин шеър барпо гардид, дар назар аст.

61 *Нолаи як пиёниска — коргурез дар пеши дӯкони «Ӯзбексельпром»* — ин шеър аввалин бор дар журнали ҳаҷвии «Мушфиқӣ» соли 1930, № 5 бо имзои мустаори «Ҳардамхаёл» чоп шуда, баъд ба маҷмӯаи нахустини Абдусалом Деҳотӣ «Меваи Октябрь» дароварда шудааст. Муаллиф онро ба дигар маҷмӯаҳои худ дохил накардааст.

62 *Олмон* — Германия.

63 Мисраъҳои ба нохунак гирифташуда аз ғазали Ҳофизи Шерозист, ки матлааш ин аст:

> Ало ё айюҳассоқӣ адир-каъсан ва новилҳо
> Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо.

64 *«Духтари ноком»* — пьесаи Ҷалол Икромӣ.

65 *«Тори анкабут»* — повести Ҷалол Икромӣ.

66 *«Боқинома»* — ин шеър ба муносибати панҷоҳсолагии шоир Боқӣ Раҳимзода навишта шудааст.

67 *Ефуг* — номи қишлоқест дар районн Ғарм.

68 *«Ҳой, духтари айнакдор...»* — ишора ба шеъри Боқӣ Раҳимзода «Як илтимос», ки дар он сухан дар бораи айнаки сабзи духтарон меравад. Байти зерин дар ҳар як банд такрор мешавад:

> Гарчи дил мешавад дубора асир,
> Илтимос ин, ки айнакатро гир.

69 *«Чинори гӯё»* — мазҳакаи Боқӣ Раҳимзода, ки бо ҳамроҳии С. Саидмуродов навишта шудааст.

70 Шеърҳо барои бачагон — қисми зиёди ин шеърҳо махсус барои китобҳои дарсии синфҳои I—IV, ки А. Деҳотӣ муаллифи онҳо буданд, навишта шудаанд.

71 *Ҷавоб ба оташдиҳандагони ҷанг* — ин шеър бори аввал дар маҷмӯаи «Меваи Октябрь» чоп шуда муаллиф дар дигар маҷмӯаҳои худ дохил накардааст.

72 *Дар роҳи пахтазорҳо* — ин шеър дар маҷмӯаи «Меваи Октябрь» аз даҳ банд иборат аст. Муаллиф се банди онро партофта бандҳои дигарро аз сари нав таҳрир кардааст.

73 *Қарзи виҷдон* — ин шеър аввалин бор дар газетаи «Пионери Тоҷикистон» 6 апрели соли 1936 чоп шудааст. Муаллиф дигар онро ба ягон маҷмӯаи ашъори худ дохил накардааст.

## МУНДАРИЧА

Аз институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ . . 5
Абдусалом Деҳотӣ . . . . . . . . . . . . . . 7

***Лирикаи иҷтимоӣ***

Имрӯз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 45
Навбаҳори заҳматкашон . . . . . . . . . . . 47
Таронаи колхозчиён . . . . . . . . . . . . . 48
Ба муносибати вафоти қаҳрамони мубориз ва ходими матбуоти пролетарӣ рафиқ Имомалӣ Бӯронов — Шафқат . . . . . . . . . . . . . . . . . . 50
Ба шарафи таълими умумии маҷбурӣ . . . . . . 51
Даъват . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 52
Ба ёдоварии шоири шӯроии тоҷик — дӯстам Пайрав Сулаймонӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 54
Ба най ва ба найнавози санаъткор Абдуқодир Исмоилов . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 56
Видоъ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 58
Марҳабо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 60
Баҳори орзу . . . . . . . . . . . . . . . . . 62
Идӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 64
Дил дар сари микрофон . . . . . . . . . . . . 65
Мамлакати мо . . . . . . . . . . . . . . . . 68
Ба Москва . . . . . . . . . . . . . . . . . . 70
Боз ҳам ба Москва . . . . . . . . . . . . . . 71
Таассурот . . . . . . . . . . . . . . . . . . 73

I. Ба фонтан . . . . . . . . . . . . . . . —
II. Ба лампаи электрик . . . . . . . . . . . —
III. Баҳр . . . . . . . . . . . . . . . . . —

Баҳор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 74
Ифтихори мо . . . . . . . . . . . . . . . . . 75
Ба модар — ба Ватан . . . . . . . . . . . . . 76
Дӯстӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 77
Эҳ, марг ба марг! . . . . . . . . . . . . . . 78

Машъали қутби Шимол . . . . . . . . . . . . 80
Дар шаъни Дарвоз . . . . . . . . . . . . 82
Ба комсомолдухтар . . . . . . . . . . . . 84
Суруди XX-солагӣ . . . . . . . . . . . . 85
Ба духтарони санъаткор . . . . . . . . . . 87
Табрик ба комсомоли кишвари тоҷик . . . . . . 88
Бархез . . . . . . . . . . . . . . . . 91
Баҳриёни сурх . . . . . . . . . . . . . 93
Имрӯз ва фардо . . . . . . . . . . . . . 94
Ба ҳалқи бародарии Эрон . . . . . . . . . 95
Халқи мусаллаҳ . . . . . . . . . . . . . 97
Ба ҷанговари тоҷик . . . . . . . . . . . 99
Семурғи пӯлодии мо . . . . . . . . . . . 100
Ба кирмакпарварон . . . . . . . . . . . . 102
Байрақи рахшон . . . . . . . . . . . . . 103
Интизор бош! . . . . . . . . . . . . . . 105
Дар интизорам! . . . . . . . . . . . . . 107
Сели оташин . . . . . . . . . . . . . . 109
«Соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост» . . . . . 110
Иди зафар . . . . . . . . . . . . . . . 111
Тантанаи адл . . . . . . . . . . . . . . 112
Суруди ҷавонӣ . . . . . . . . . . . . . 114
Дар пешвози қаҳрамон . . . . . . . . . . 115
Таронаи духтари Помир . . . . . . . . . . 116
Халқ овоз медиҳад . . . . . . . . . . . . 117
Ба пахтакорони Тоҷикистон . . . . . . . . . 118
Шаҳри азизам . . . . . . . . . . . . . . 120
Оби равон меояд . . . . . . . . . . . . 121
Тоҷикистон . . . . . . . . . . . . . . . 122
Сӣ сол . . . . . . . . . . . . . . . . 123
Зинда бош, Октябрь! . . . . . . . . . . . 126
Бар зидди таҳқиркунандагони номи Фирдавсӣ . . 127
Ид муборак! . . . . . . . . . . . . . . 129
Кӯҳи тиллои сафед . . . . . . . . . . . . 131
Кабутари сулҳ . . . . . . . . . . . . . 133
Дарси ибрат . . . . . . . . . . . . . . 135
Муқимӣ, зиндаӣ! . . . . . . . . . . . . . 137
Ҷавоб ба дӯсти зиндонӣ . . . . . . . . . . 139
Барфи калон . . . . . . . . . . . . . . 141
Ба ҳофизи мубориз Поль Робсон . . . . . . . 143
Шӯҳрати диёри тоҷикон . . . . . . . . . . 145
Сӯҳбат бо саркор . . . . . . . . . . . . 147
Саломи дӯстӣ ба мардуми афғон! . . . . . . . 149
Видоъ бо дӯстони кобулӣ . . . . . . . . . 150
Халқи эъҷозкор . . . . . . . . . . . . . 151
Рафиқи мо — бизим йӯлдош . . . . . . . . . 152
Меравад корвони Москва — Моҳ . . . . . . . 154
Нишони меҳнати шоиста . . . . . . . . . . 156
Номаи замин ба моҳи тобон . . . . . . . . . 157
Диёри баҳор . . . . . . . . . . . . . . 159
Пеш бар, Партия! . . . . . . . . . . . . 160

*Лирикаи ишқӣ*

Дар ҷавоби мактуби дӯст . . . . . . . . . . . . 163
Ба пешвози дилбар . . . . . . . . . . . . . . 164
Хоби хуш . . . . . . . . . . . . . . . . . . 165
Меҳмон мекунӣ ё не? . . . . . . . . . . . . . 166
Ту ҳам ёде бикун аз ман! . . . . . . . . . . . 167
Ёри хушовоз . . . . . . . . . . . . . . . . 169
Аввалин гул шукуфт . . . . . . . . . . . . . 170
Рубоиёт . . . . . . . . . . . . . . . . . . 171
Дубайтаҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . 172

*Достонҳо*

Манзараҳои сегона . . . . . . . . . . . . . . 175

I. Партави Октябрь . . . . . . . . . . . . —
II. Боғи умед . . . . . . . . . . . . . . 178
III. Қони тиллои сафед . . . . . . . . . . 188

Қавл . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 195

**Оби ҳаёт** . . . . . . . . . . . . . . . . 199

**Барои Ватан!** . . . . . . . . . . . . . . 223

**Гуфтори дӯстӣ** . . . . . . . . . . . . . . 235

*Шеърҳои ҳаҷвӣ ва ҳазлҳои рафиқона*

Нолаи як пиёнистка — коргурез дар пеши дӯкони «Ӯзбексельпром» . . . . . . . . . . . . . . 247
Ба тухми лашкари Гитлер қирон омад! Қирон омад! 249

I. Зимистон . . . . . . . . . . . . . . 249
II. Баҳор . . . . . . . . . . . . . . . 249
III. Тобистон . . . . . . . . . . . . . 250
IV. Тирамоҳ — хазон . . . . . . . . . . 250

«Хас каму ҷаҳон пок» . . . . . . . . . . . . 251
Қоил ман . . . . . . . . . . . . . . . . . 254
Як каллаю ду хел рӯй . . . . . . . . . . . 255
Баҳси Сабзак ва Зардак . . . . . . . . . . 256
Чорпо ва дупо . . . . . . . . . . . . . . . 258
Ҳазлҳои рафиқона . . . . . . . . . . . . . 259
Ба Ҷалол Икромӣ . . . . . . . . . . . . . 261
Бокинома . . . . . . . . . . . . . . . . . 262
Ба шоир Суҳайлӣ Ҷавҳаризода . . . . . . . . 264

*Шеърҳо барои бачагон*


Ҷавоб ба оташдиҳандагони ҷанг . . . . . . . . 267
Дар роҳи пахтазорҳо . . . . . . . . . . . . . . 269
Иди Якӯми Май . . . . . . . . . . . . . . . . 271
Қарзи виҷдон . . . . . . . . . . . . . . . . . 272
Эй булбулакони боғи дониш! . . . . . . . . . 275
Табрики соли нав . . . . . . . . . . . . . . . 276
Ватани мо шуд аз дигар озод . . . . . . . . . 278
Бунафша . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 280
Баҳор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 281
Лашкари советӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 282
Баррачаи ман . . . . . . . . . . . . . . . . . 283
Китоб мехонем! . . . . . . . . . . . . . . . . 284
Фасли хушу иди хуш . . . . . . . . . . . . . . 285
Трактор омад . . . . . . . . . . . . . . . . . 287
Шогирди Ленин мешавем! . . . . . . . . . . . . 288
Бинокорӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 289
Фирӯзаҷон хобидааст . . . . . . . . . . . . . 290
Тезгӯяк . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 291
Посбони сарҳад . . . . . . . . . . . . . . . . —
Пешвозгирӣ дар вокзал . . . . . . . . . . . . 292
Қорвони аҷоиб . . . . . . . . . . . . . . . . 293
Модари меҳрубони ман . . . . . . . . . . . . . 295
Чистонҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 297
Раҳмат ба сарҳадчӣ-ако! . . . . . . . . . . . 298


*Шеърҳои ҳаҷвӣ барои бачагон* 299


Талаба ё рангуборчӣ? . . . . . . . . . . . . . 301
Ҳушаш дар ким-куҷоҳо . . . . . . . . . . . . . 302
Ҳасани хӯрҷинкиса . . . . . . . . . . . . . . . 303
Ҷон ширин ё велосипед? . . . . . . . . . . . . 304
Ба тақлидчии маймун . . . . . . . . . . . . . 305
Мурғаки шилшиллапо . . . . . . . . . . . . . . 306


*Тарҷимаҳо* 307


Ту роҳи ҳаётро тай кардӣ . . . . . . . . . . . 309
Баргҳо ва решаҳо . . . . . . . . . . . . . . . 310
Саъва ва кафтар . . . . . . . . . . . . . . . . 312
Хурӯс ва дурдона . . . . . . . . . . . . . . . 313
Биёбонӣ ва хирс . . . . . . . . . . . . . . . . 314
Гург ва турна . . . . . . . . . . . . . . . . . 317
Деҳқон ва мор . . . . . . . . . . . . . . . . . 318
Дарахтзор ва оташ . . . . . . . . . . . . . . . 319
Роҳи оҳан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 321
Мактаббача . . . . . . . . . . . . . . . . . . 327
Хайр, эй Кӯсарал! . . . . . . . . . . . . . . . 329
Эй парӣ! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 330
Ду чароғ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 331
Фили сураткаш . . . . . . . . . . . . . . . . . 332

Иван Иваныч бемор шуд . . . . . . . . . . . . 334
Партия . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 336
Украина . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 337
Орзуҳои соли нав . . . . . . . . . . . . . . . 338
Ба халқи азизам . . . . . . . . . . . . . . . 339
Мактуб аз зиндон . . . . . . . . . . . . . . . 341

*Илова. Шеърҳои парокандаи давраи аввали эҷодиёти шоир*

Аз испор (амоч) — ба трактор . . . . . . . . . 345
Ба колхоз оед! . . . . . . . . . . . . . . . . 347
Шиори сурх . . . . . . . . . . . . . . . . . . 349
Роҳи ту бозафар . . . . . . . . . . . . . . . 351
Мужда ба асирагони шарқи асир . . . . . . . . 353
Ду тараф — ду дунъё . . . . . . . . . . . . . 354
«Ҳақиқати» ҷавон — ҳақиқати пролетарӣ . . . . 356
Қадам ба соли шонздаҳ . . . . . . . . . . . . 358
Барои соҳибӣ кардани техника! . . . . . . . . 359
«Дил бастай ту» . . . . . . . . . . . . . . . 362
Тавзеҳот . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 363

БИБЛИОТЕКА
Инв. № 422538
Душанбинского Пединститута
им. Т. Г. Шевченко

*А. Дехоти*

**СОБРАНИЕ СОЧИНЕНИЙ**

*в 5 томах*

(на таджикском языке)

Муҳаррир М. Фарҳат
Рассом Э. Сайфиддинов
Муҳаррири расмҳо Т. Қоролёва
Муҳаррири техникӣ Р. Анисимова
Мусаҳҳеҳон Қ. Шукуров, Ҷ. Тӯраев
ва М. Ғуломова

Ба матбаа супурда шуд 14/VII-1964. Ба чопаш имзо карда шуд 10/XII-1964. Коғаз 84×108 1/32. Ҷузъи чопӣ 11,75. Ҷузъи чопии шартӣ 19,74. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 11,59. Адади нашр 7000. Нархаш 70 тин. ҚЛ 04741. Супориши № 4533.

ш. Душанбе, Комбинати полиграфии Комитети Давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба матбуот.